# АРМУҒОНИ

# ҲИНД

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Ҳинд 7-4
А–90

Тарҷумаи
***Шарафбону Пӯлодова***

Муҳаррир **Сабринисо Ҳусейнзода**
Мусаввир **Абдусалом Абдуллоев**

А–90 **Армуғони Ҳинд.** Маҷмӯаи ҳикояҳо. – Душанбе, «Адиб», 2008. – 168 с.

Ин маҷмӯа якчанд ҳикояи адибони ҳиндро фарогир аст, ки дар бораи инсонпарварӣ, ватандӯстӣ ва ишқи пок ҳикоят мекунад. Умедворем, ки онро чун армуғоне аз мулки Ҳинд қабул хоҳед кард.

ISBN 978-99947-57-71-8

© «Адиб», 2008

# ПЕШГУФТОР

Равобити дӯстӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон таърихи басо қадима дорад, ки абвоби нахустини он, бино ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ҳанӯз дар давраи тоисломӣ сабт гардида, минбаъд давра ба давра захимтару пурмазмунтар гардидааст. Ин равобит дар тӯли асрҳо мадду ҷазри гуногунро паси сар карда бошад ҳам, дар ҳар давру замон бардавом будааст. Сабаби асосии он шояд қаробати ҷуғрофии кишварҳои мо, муштаракоти зиёде дар табиату хасоили хоси мардуми мо ва эҳсоси кашиши онҳо ба ҳамдигар буда.

Дар ҷараёни инкишофи таърихӣ тақдири халқҳои мо ба ҳам зич даромехтаву таъсири мутақобилаи тамаддунҳо ба вуҷуд омадааст. Ҳанӯз дар соли 44-и ҳиҷрии қамарӣ (667-и милодӣ) бо роҳи Кобулу Хайбар дини мубини ислом нахустин бор ба Синду Панҷоб ва баъди ним асри дигар аз тариқи Билучистон ба ҳамин роҳ вориди Ҳинд гардида буд. Сулолаи Ғазнавиҳо ва Темуриҳои Ҳинд низ аз ҳамин роҳ вориди Ҳиндустон гардида буданд.

Ғазнавиҳо, ки лашкаркашиҳои худро зери ливои ислом ба вуқӯъ мепайвастанд, ба шибҳи қораи Ҳинд инчунин забони форсии тоҷикиро оварданд. Дар андак вақт ин забон чун забони дину сиёсат, илму фарҳанг, адабиёт, таблиғи афкори исломӣ, фалсафаву калом, тасаввуфу ирфон шинохта шуд ва нуфуз пайдо кард. Ба ин забон осори гаронмояи илму адабиёт эҷод гардид, ки он ба тамаддуни муштараки тоҷикону ҳиндустониёну покистониён мутааллиқ аст.

Сиёсати мустаъмаротии Британиё, ки дар тӯли ду аср ба ғорати сарватҳои моддиву маданӣ, фурӯ нишондани нерӯи эҷодии халқ ва дар замири вай парва-

ридани хӯи ғуломӣ, суст кардани равобити бисёрпаҳлӯ ва анъанавии вай бо мардуми мамолики дигар нигаронида шуда буд, ҷараёни табии инкишофи таърихии ин минтақаро ба садҳо сол ақиб партофт. Дар ин муддат робитаи тоҷикон бо бародарони ҳиндустонии худ маҳдуд гардида бошад ҳам, батамом гусаста нашуд.

Баъди муборизаҳои шадиди миллӣ-озодхоҳонаи халқҳои Ҳиндустон моҳи августи соли 1947 мамлакат занҷирҳои ғуломиро барканда ба ҷаҳониён истиқлолияти хешро эълом дошт. Халқи ситамдида ба ин истиқлолият дар ҳолати қашшоқиву бенавоӣ ва ақибмондагии сиёсиву иҷтимоӣ комёб гардид. Вале меҳнатдӯстиву созандагӣ, эътиқоди бузург нисбат ба муқаддасоти худ: ватан, анъаноти миллӣ, дину оин, осори фарҳанги моддиву маънавӣ буд, ки вай, қатъи назар аз ҳолоти ниҳоят вазнини иҷтимоиву иқтисодӣ, баҳри ҳарчи тезтар аз мероси ҳузнангезу нангини инглисҳо пок сохтани кишвари хеш ва дар сохтори олам муайян намудани мавқеи сазовори он камари ҳиммат баст. Табиист, ки ин ҷода басо душворгузар ва пур аз маҳрумиятҳо буд. Аммо шуои офтоби субҳи озодӣ абрҳои тираи осмонро дарида ба қалби маҷрӯҳи мардуми ҷафодида равшанӣ мебахшид, дар он умеди беҳбудиву пешрафти ҷомеаро бедор мекард.

Табиист, ки таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии айём дар адабиёти бадеӣ, хусусан дар эҷодиёти адибони тараққихоҳ, инъикоси худро ёфтааст. Маҳз ҳамин гурӯҳи адибон вазифаи адабиётро фақат чун оинадори зиндагӣ муқаррар накардаву исрор доштаанд, ки вазифаи адабиёт инчунин дар партави асбобу илал нишон додани роҳу равиши ислоҳу тармим ва тағйиру тараққист. Бо ҳамин мақсад ва бо дар назар дошти он, ки дигаргуниҳои босуръат дар ҷанбаи гуногуни ҳаёти ҷомеа ба вуқӯъ пайванда инъикоси фавриро тақозо доранд, адибон бештар асарҳои худро дар шеър ва шакли хурди жанри нақлӣ-ҳикоя эҷод кардаанд.

Дар натиҷа ҳикоя – ин намуди барои кулли адабиёти сермиллати Ҳиндустон нисбатан нав, аз васати садаи гузашта сар карда рӯ ба тараққӣ ниҳод ва ба шакли маъмултарини жанри нақлӣ табдил ёфт.

Ҳикояҳои дар ин маҷмӯа гирд оварда шуда мансуб ба қалами авлоди калонсол ва имрӯзаи адибони Ҳиндустон буда дар равияи гуногун-романтикӣ, реализми танқидӣ ва ҳақиқатнигории соф таълиф гардидаанду мунъакиси протсесси талоши озодӣ, мубориза алайҳи нуқсонҳо ва анъаноти кӯҳнае, ки садди роҳи пешрафти ҷомеа мегарданд, васфи донишу ҳунар ва таҳаввулоти нахустин дар ҷаҳонбинии ҷавонони имрӯз мебошанд.

Хотирнишон кардан баҷост, ки насими истиқлоли Ҳиндустон гарду ғубори дурафтодагиҳои халқи ҳиндро оҳиста-оҳиста рӯфта мебурд. Намояндагони илму адаб ва ҷомеаи ҳар ду тараф боз бо ҳам наздик мешуданд ва ба василаи рафту омад, таълифи мақолаву очеркҳо, сафарномаву асарҳои бадеӣ мардумони кишвари хешро аз ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, адабиву фарҳангии якдигар воқиф месохтанд. Дар ин боб нахустин сафари шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони халқи тоҷик Мирзо Турсунзода ба Ҳинд ва дар таассусуроти ин сафар эҷод гардидани силсилаи манзумаҳои шоир, ки таҳти унвони «Қиссаи Ҳиндустон» солҳои 1947-48 ба табъ расиданд, на фақат барои адабиёти тоҷик, балки барои кулли адабиёти бисёрмиллати Шӯравӣ рӯйдоде буд ниҳоят ҷолибу хотирмон.

Маҳз асарҳои ин силсила барои хонандагони шӯравӣ даричае буд на ба олами афсонавии Ҳиндустон, балки ба ҳаёти воқеӣ ва пур аз фоҷиаву маҳрумиятҳои халқе, ки халлоқи яке аз марказҳои бостонии тамаддуни инсонӣ будаву тӯли 200 сол ҷабру тааддии истеъморгарони инглис қоматашро хам карда бошад ҳам ҳеҷ гоҳ фикри мубориза баҳри озодиро аз сари вай берун кардан барояш муяссар нашуда буд.

Маҳз «Қиссаи Ҳиндустон»-и Мирзо Турсунзода завқу ҳаваси аҳли адаб ва табақаҳои гуногуни мамлакат, аз ҷумла Тоҷикистонро, нисбат ба Ҳиндустон, зиндагии мардумони ин сарзамин ва фарҳангу ҳунари волои онҳо беш аз пеш афзуд. Адибони тоҷик намунаҳои беҳтарини адабиёти Ҳиндустонро, чи назму чи наср, ба забони тоҷикӣ тарҷума ва пешкаши оммаи васеи хонандагон мекарданд, ки қисми зиёди онро ҳикояву новелла ташкил менамуд.

Мутаассифона, баъди сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҷумҳурии моро ба бӯҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ рӯ ба рӯ сохт, фаъолияти адабӣ, адабиёт ва ҷанбаҳои гуногуни онро низ коста намуд. Акнун, ки дар шароити нав, фазои озоду осудагӣ ба адибони тоҷик имконияти фарохи эҷод муҳайёст, вақти он расида ки ба рушди тарҷумаи илмиву бадеӣ низ ҷиддан аҳамият дода шавад. Чунки дар шароити кунунӣ тарҷумаи осори илмиву адабии халқҳои гуногун ба забони якдигар омили муҳимест дар рушди дӯстиву ҳамдигарфаҳмии онҳо, густариши муносибати бисёрҷанбаи байни давлатҳо ва таъсиру ғановати мутақобилаи фарҳангҳо.

Хонандаи мӯҳтарам, китобе ки дар даст доред, нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои ҳиндустонист, ки айёми истиқлолияти Тоҷикистон дар кишварамон ба табъ мерасад. Умед аст, ки паи ин парасту селаи турнаҳо аз мамолики гуногуни олам дар фазои адабии тоҷик ба парвоз хоҳанд омад.

*Шарафбону ПӮЛОДОВА*

*Падма ВИБҲУШАН*

# ГУЛБУТТАИ САРИ РОҲ

Бо равшан шудани чароғаки сурхи раҳнамо ӯ тормозро пахш карда мошинро боздошт. Дар худи ҳамин дам дид, ки дар тарафи рост аз вай мотороллере аз роҳ бозистоду савори он бо табассуми фарохе сӯяш менигарад. Савори мотороллер ҷавоне буд дар тан шими хокистарӣ, рухсорааш гулгуну мӯйҳояш бо фарқи рост шона зада ва чашмҳои мешии бо самимияту кушодадилӣ рахшанда. Сунил Шривастава абрувонашро чин карда мекӯшид то дарёбад, ки ин ҷавон кӣ бошад.

– Ман писари Ратна, сэр, – гуфт ӯ. – Хизматгорзане ки дар хонаи ҳамсоятон кор мекард.

– Ситяҷит Дас, – гуфт Сунил бо табассум шинохтани худро зоҳир намуда. Ҷавон ба пораи коғазе ки андозааш шабеҳи даъватнома ба тӯй буд, саросема калимае чанд сабт намуд: «Моҳан Бобу ба Дипа Шарма издивоҷ мекунад». Баъди ин макон, замон ва соати тӯй нишон дода шуда. Ҷавон даъватномаро ба Сунил дароз карду гуфт:

– Ба тӯи арӯсии ман мебиёед, сэр?... Ба ман дуои хайри Шумо лозим.

– Ҳатман. Вале то сухани дигаре илова кардани Сунил ранги сурхи чароғак ба зард иваз гардиду зард ба сабз. Моҳан ба тарафи рост, Сунил бошад ба тарафи чап, сӯи идораи Котибот, ки он ҷо котиби Вазорати маориф шуда кор мекард, ҳаракат карданд.

Тамоми роҳ дар сари Сунил фикрҳои гуногун гирд мегаштанд. Ӯ медонист, ки ба исми хос илова кардани калимаи «Бобу» аксар табааи кадом каста будани шахсро пардапӯш медорад. Вале арӯсшавандаи Моҳан, бидуни шубҳа, аз кастаи бараҳманҳост. Мусаллам аст,

ки ин издивоҷи байникаставист – ҷавони мутааллиқ ба табақаи паст духтараки асилзодаро ба занӣ мегирад.

Сунил паси мизи кориаш, ки болои он пур аз коғазу ҷузвгир буд, нишаста, дар идомаи андешаи худ, ғариқи олами хотирот гардид. Дас, ки дар бунгоҳи алоҳидаи ҳампаҳлӯ бо хонаи ӯ зиндагӣ мекард, шахсе буд асрорангез. Вай марди танҳову дар ҳавлиаш ба ғайр аз ӯ хизматгорзан бо писарчааш мезистанд. Касе намедонист, ки вай занмурда буд, муҷаррад ё талоқдода? Рӯи курсӣ худро аз як сӯ ба сӯи дигар алвонҷ дода-алвонҷ дода якбора ба хотир овард, ки чи гуна боре шоми якшанбе ҳамроҳи хизматгорзан ва писари вай ба ҳавлии Шривастава даромада омадани ҳамсояи асрорангезаш ӯро мутаҳайир сохта буд.

– Ба наздатон бо як илтимос омадам, ҷаноби Шривастава. Чун Дас болои курсии паҳлӯдори меҳмонхона рафта нишаст, хизматгорзан ва писари ӯ рафта дар паси ӯ рост истоданд. Дақиқае ба назари Сунил чунин намуд, ки гӯё вай меҳмонони худро барои албоми оилавӣ аксбардорӣ мекарда бошад.

– Бифармоед, ҷаноби Дас, чӣ хизмат? – Пурсид Сунил. Нигоҳи ӯ ба ҳамсояаш ва ҷавони дар паси вай истода афтоду дарёфт, ки ин ҳар ду ниҳоят шабеҳи якдигаранд. Ранги чеҳра, чашмони мешии андак фурӯрафта, тӯтибинигии ҷавон, ҳатто мӯйҳои худро бо фарқи рост шона задани вай айни Дас будани ӯро ифода мекарданд. Сипас Сунил пинҳонӣ ба зан назар афканд ва дарёфт, ки вай сории оддӣ ва аз матои пахтагӣ дар тан дошта бошад ҳам хеле дилкашу ҷозибадор аст. Сунил ҳамоно дарк намуд, ки нигоҳашро амалан аз ин ду тан намеканад ва худро ноҳинҷор ҳис карда боз ба Дас рӯй овард:

– Метавонам ягон эҳтиёҷи шуморо барорам?

– Барои дохил шудан ба Институти давлатии таъминоти программавӣ ба писари Ратна кӯмак карда метавонед?

Ҳувайдо буд, ки Дас мехоҳад аз нуфузи Сунил чун корманди калони Вазорати маориф истифода барад.

– Ба камоли майл, ҷаноби Дас.

Баъд Сунилро боз якшанбеи дигар ба хотир расид. Айёми баҳорон буд. Сунил банохост майли боздошта-нашавандаеро эҳсос намуд: Ӯ мехост бо баҳонаи он ки аз чӣ гуна гузашта истодани ҷараёни таҳсили ҷавон дар институт иттилоъ ёфтанист, ба ҳавлии ҳамсоя ташриф оварад. Ӯ аз хона баромада ба хамгашти кӯча тоб хӯрда буд, ки шамолаки серун ба рӯяш зад. Болои сараш абрҳои ғафсу тира ва чунон поён фаромада, ки гумон мекардед болои дарахтони ашокаи қад-қади деворҳои бунгоҳи Дас қомат ороста маскан гузида бошанд, овезон буданд. Баробари дарвозаро кушода қадам ба дохили бунгоҳ гузоштани Сунил, фонусҳои кӯча якбора хомӯш гаштанд. Васоити таъминоти барқ аз кор баромад магар?

Вай ба дари асосии бино наздик омаду набудани баркро фаромӯш карда тугмачаи занги дарро пахш намуд. Чун касе ба занги дар ҷавоб надод, қарор дод ки рафта аз тиреза ба соҳиби хона аз омадани худ хабар диҳад. Пардаҳои тиреза нимпӯшу дохили хона ҳанӯз чандон торик набуд. Манзарае ки Сунилро пешорӯ гашт, ӯро лолу мутаҳайир сохта буд: Дас, дар тан фақат поҷомаи калтаяк, болои рахт дароз кашидаву Ратна пойҳои ӯро молиш медод. Дар тани вай фақат нимкуртачаву домани таги сорӣ буд. Баъд Сунил шоҳиди он гардид, ки чӣ гуна дасти рости мард занро ба танаш наздик ва рухсораҳояшро ба лабони ӯ зич кард.

– Ана халос, – гуфт худ ба худ Сунил ва аз он ки хилофи одоб ба хонаи хоби касе пинҳонӣ назар андохт, хиҷолатманд, сӯи дарвоза қадам зад. Вале роҳи хонаро пеш гирифта худро чунон ҳис кард, ки гӯё уқдаи печ дар печ худ ба худ кушода шуда бошад.

Баъди хатми институт Моҳан ба ҷустуҷӯи дар ягон иттиҳодия пайдо кардани кори ба худ муносиб пар-

дохт. Акнун, ки вай шахси соҳибдиплом аст, барояш ҷои кор ёфтан мушкил нахоҳад буд ва ӯ ба воситаи Интернет вазифаи муносибро пайдо кард.

Дар тӯли ду ҳафтаи аввал вай аллакай ба эҳтироми сардорону ҳамкорони худ сазовор гардид. Онҳо ӯро «соҳири кампутерӣ» меномидагӣ шуданд. Дипа, духтараке ки дар қабулгоҳи Ширкат кор мекард, ба ин ҷавони зебо, батамкину хоксор ва ба худ мутамаин бо ҳавас менигарист. Ҳар вақт, ки ӯ аз назди утоқи кории ҷавон мегузашт, медид, ки чӣ гуна панҷаҳои вай бо як суръати тезу манзум болои тугмачаҳои кампутер пасу пеш метохтанд. Ба назар чунон менамуд, ки вай дар пианино консерти Мотсартро мебозад. Вақте ки духтар ба фарқи рости мӯйҳои ӯ менигарист, пеши назараш симои Мӯсо таҷассум меёфт, ки қавми як калисоро аз рӯи оби баҳр ба макони орзуҳо мебараду оби баҳр пеши қадами ӯ ба ду ҷониб тақсим шуда барояш роҳ мекушояд. Бале, духтар ҳам омода аст аз паси вай равад.

Рӯзе Дипа ба утоқи кории ҷавон даромада ба курсии дар паҳлӯи ӯ истода нишаст ва беихтиёр дасти ҷавонро ба дасташ гирифта ангуштонашро бӯсидан гирифт. Ҳамоно Моҳан дарк намуд, ки духтар ба вай ошиқ шудааст.

– Охир ман ҷавоне ҳастам аз маҳалҳои нообод и камбағалон, – гуфт ӯ, оҳиста дастонашро аз дасти духтар раҳоӣ дода. Сипас, сар гардонида аз тиреза ба берун чашм дӯхт. – Ман ҳатто падари худро дар ёд надорам. – Овозаш дар ҳамин ҷо канда шуд. – Ба қавли модарам, ӯ дар яксолагии ман фавтидааст... Вай ба ман дар хусуси падарам беш аз ин чизе гуфтан намехоҳад.

– Барои ман ин ҳеҷ аҳамият надорад, – гуфт дар ҷавоб Дипа бо оҳанги қатъӣ. Вай бори дигар дасти ҷавонро ба даст гирифт.

– Барои волидайни ту чӣ? – Моҳан рост ба чашмони духтар нигоҳ кард. – Яқинан онҳо аз ту рӯй хоҳанд тофт.

– Бигзор, парво надорам, – ҷавоб дод Дипа. Суханони ӯ чунон қатъӣ ва ситезаҷӯёна буданд, ки гӯё вай бо таҳаммул алайҳи ҳуҷуми раъду барқ омодагӣ медида бошад.

Магар чизе нест ки қудрати бартараф намудани монеаҳоро дошта бошад, чизе ки ба равған имкони бо об омезиш ёфтану ба шаҳд мубаддал гардиданро пешкаш намояд?

– Вақте ки Моҳан дар бораи Дипа ба модараш нақл кард, модар аз шодӣ гул-гул шукуфт. Ҳама бо хости худост! – мегуфт ӯ бо фараҳмандӣ. Байни ҳамсояҳо миш-миш овоза паҳн гардид, ки гӯё Дас шаҳрро тарк карда бошад, вале ҳеҷ кас намедонад ки ба кадом сабаб. Ба истеъфо баромадаву дар ҷои дигар мулозимат ихтиёр карда бошад?

Вале, чун Моҳан соҳиби кори хуб буд, начандон дуртар аз идорааш манзили якутоқаро иҷора гирифта ҳамроҳи модараш он ҷо иқомат гузид. Бо вуҷуди ин модар кулбаи дар канори шаҳр будаашро тамоман партофта нарафт.

Боре Сунил беихтиёрона сафаҳоти дафтарчаи ёддоштҳояшро варақгардон карду чашмаш ба қайд дар бораи тӯи арӯсии Моҳан афтод, ки мебоист ҳамон рӯз барпо гардад. «Ба тӯи арӯсии ман мебиёед, сэр? Ба ман дуои хайри Шумо лозим!» – Ин суханон аз нав дар гӯши ӯ садо доданд.

Маросими никоҳ дар манзили Моҳан мегузашт. Меҳмонон тақрибан 10-12 касро ташкил дода иборат аз ҳамкорон ва дӯстони айёми бачагии Моҳан аз маҳали камбағалон буданд. Аз тарафи Дипа бошад, касе набуд.

Сунил умед дошт, ки дар ин ҷо бо ҳамсояаш вомехӯрад, аммо вай ба назар наменамуд. Рӯҳонӣ порчаҳои ҳезумро болоиҳам чида оташ гирониду бо оҳанги нарм ба хондани матни никоҳ шурӯъ намуд. Моҳан аз забонаҳои оташ, ки гӯё мувофиқи вазни қироат худро аз як тараф ба тарафи дигар меандох-

танд, чашм намеканд. – Оё оташ дар як вақт ҳам муттаҳидсозанда ва ҳам ҷудокунанда намебошад? – меандешид ӯ. – Нерӯе ки метавонад ду меҳвари пӯлодинро гудохта ба ҳам омезад ва боз онро ба ҷисми воҳид мубаддал гардонад, инчунин метавонад онҳоро ба ду ҳиссаи алоҳида мунқисм созад?

Ногаҳон рӯҳонӣ хониши худро қатъ намуда сӯи Моҳан ва Дипа назар афканд ва савол кард:

– Шумо табааи кадом каста мебошед? Ба савол Дипа ҷавоб дод. Овози ӯ шабеҳи садои мавҷи баҳр буд, ки худро ба соҳил мезанад.

– Мо каста надорем, пандит-ҷӣ, – гуфт ӯ. – Магар дар олам дигар чизе нест, ки дилу тани инсонҳоро ба ҳам бипайвандад?

Рӯҳонӣ музтар шудагӣ барин намуд. Чашмонашро пӯшид ва гӯё бо кимчие дар замири худ мубориза мебурда бошад, дақиқае чанд дар ҳамин ҳолат хомӯш монд. Сипас, ӯ аз нав хониши худро идома дод. Маросим ба поён расид ва ҳама дар даст биринҷи мисли каҳрабо бо дорувори зард пухта шуда ба пеш ҳаракат карданд, то ба арӯсу домод дуои хайр дода бошанд. Дар ҳамин асно касе вориди хона гардид. Гумон мекардед ин рӯҳе буд аз ким – куҷое дар қолаби Сатяҷит Дас пайдо шуда. Ӯ бастаеро, ки дар дасти росташ медошт, кушода аз он гарданбанди марворидиро берун оварду ҳарфе нагуфта ба гардани Дипа баст. Ба китфи Моҳан шоли кашмириро партофта навозишкорона сарашро сила кард. Сипас, ба Ратна наздик шуда ба гӯши вай ким-чӣ пичиррос зад. Чеҳраи зан аз табассум шукуфо гардид. Сории абрешимӣ дар тан ва холи сурх дар ҷабин, ӯ бисёр оличаноб менамуд.

Моҳан ба Дипа рӯй оварда гуфт: – Шинос шав, ин кас шахсе ки ба ман тарзи зиндагиро омӯхтааст. Фариштаи муаккали ман, халлоқи ман аст!

Сунил ибораи охирини ҷавонро шунида дар дил табассум карда монд.

– Ҳамроҳи мо бошед, сэр, – даъват кард Моҳан Дасро.

– На. Имшаб дар хонаи як дӯстам бояд бошам, – гуфт ӯ дар ҷавоб, – пагоҳ бошад, ман бояд ба роҳ бароям... Сипас, вай дасти Сунилро фишурду баромада рафт. Суханони Ратна низ Моҳанро мутаҳайир сохтанд: «Шаби тӯй арӯсу домоди нав бояд дар манзили худ танҳо монанд». Аз ин мебарояд ки вай шабро дар ҷои дигар мегузаронад.

Ратна рӯзи дигар ба хона баргашт. Рухсораҳояш гулгун, чашмонаш барқвор дурахшон, гӯё вай аз нав тавлид гардида буд.

Ҳоло Моҳан, модараш ва Дипа ҳаёти осуда ба сар мебаранду зиндагиашон роҳи муқаррарии худро ёфта. Зану шавҳари ҷавон дохили утоқ рӯи кати дукаса мехобанд. Ратна бошад дар айвон. Боре нисфишабӣ Ратна аз овози пасти ханда бедор шуд. Кунҷковона ба даруни утоқ нигарист ва дид, ки чӣ гуна Моҳан пойҳои Дипаи болои рахт хобидаро мемолад. Сипас, зани ҷавон шавҳарашро ба оғӯш кашида рухсораи ӯро ба лабаш наздик месозад ва ба гӯши Ратна садои бӯса расид. Модар аз хушбахтӣ чӣ кор карданашро намедонист. Саросема ба рахти хобаш баргашт, вале дигар ӯро хоб намебурд.

Моҳи пурра айвонро аз нури нуқратобаш пур карданву равшании он ҳавливу кӯчаҳо ва тамоми шаҳрро фаро гирифта буд. Худи вай бошад, бодбараки сафедро мемонд, ки аз осмон овезон шуда. Ба назараш менамуд, ки гӯё дар дуродурҳои уфуқ замину осмон дар оғӯши ҳамдигар хобидаанд...

*Ҷайшанкар ПРАСАД*

# МАЪБАДИ МУСАВВАРОТ

Табиат ҳанӯз ҳини эҷоду тахриби хеш механдидаву мегиристааст. Кӯҳҳои ниҳоят қадими Виндҳия дар ташаккули олам ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Маҳз дар аъмоқи набототи онҳо оҳиста-оҳиста ҳаёт ба вуҷуд омадааст. Одамон даст аз замин канда, ба ду пои хеш устувор истоданро омӯхтаанд. Лутфу марҳамати олиҳаи зиндагӣ барои онҳо олами билкул нав ва шигифтангез ифшо намудааст.

Дар сояи дарахт ҷавонзане менишаст, чун садои шилдирроси ҷӯйча латифу нозук ва тан бо пӯсти хирс пӯшонида. Назди ӯ санги чақмоқ ва як банд ҳезуми хушк мехобид. Галаи ғизолони майда ба ин ҷо, сари чашма обхӯрӣ меомаданд. Духтар кайҳо мунтазири онҳо буд (дар он айём бо силоҳ танҳо мардон шикор мекарданду занҳо бошанд, ҷонварони майдаро бо маҳорати фавқулодда дастӣ мегирифтанд).

Чашма чандон чуқур набуд. Гулҳои бешагӣ, ки рӯи об муназзаму оҳиста паи ҳам ҳаракат доштанд, гулчанбарҳои аҷоибро мемонданд. Ва духтар бо таҳайюр гулбаргҳои назарраборо муояна мекард. Онҳо хеле зебо буданд, вале ин зебоӣ ӯро ба худ моил насохт. Ҳоло вуҷуди ӯро фақат ду эҳсос – гуруснагӣ ва ишқ фаро гирифта буд. Ӯ боз чашм ба роҳи ғизолон дӯхт. Гала наздик мешуд. Чашмони духтар барқвор дурахшиданд. Вай синаи аз ҳаяҷон мавҷ зада истодаашро бо дастонаш фишурда, бо тамоми ҳастӣ изҳори шодиву саодат менамуд.

Аз дур садои найзаи паррон шунида шуд ва силоҳи дурушту нӯктез ба ҳадаф нарасида, ба танаи дарахте, ки духтар зери он менишаст, бархӯрд. Дили духтар аз фараҳ метапид. Ғизолон ба чор сӯ паҳну парешон гар-

дидаву ӯро парвое набуд: ҷои гуруснагиро ҳисси аз он зӯртар тасхир намуд. Вай ба ҷавоне ки барои гирифтани найзааш аз тал поин мефаромад, бо ҳирс чашм дӯхтаву танаш аз ҳаяҷон меларзид.

Бале, ин худи ҳамон ҷавонест, ки ҳайвони ваҳширо сина дарида, пӯсташро ба маҳбубаи худ тӯҳфа карда буду имрӯз духтар онро дар бар дорад. Аз он рӯз ин ҷониб ҷавон бо духтар дар ғорҳои беодам ва зери буттаҳои худрӯй борҳо мулоқот дошт. Вай, мафтуни малоҳати духтар, тез-тез ба ин ҷо меомад ва барои ҳар ду паҳлӯи ҳам паси сар кардани машаққати зиндагӣ дар ҷангал осонтар мегардид.

Имрӯз бар асари парешонхотирии ёраш ҷавон сайдро аз даст дод. Шикораш барор накард ва ӯ бояд ба бошишгоҳи хеш тиҳидаст баргардад. Наход, имрӯз духтарро маҳз ҳаваси ишқварзӣ ба ин ҷо овардаву вай қасдан монд, ки рама гузашта равад? Духтар ӯро ба оғӯши худ хонд, вале ҷавон майл зоҳир накард. Фикру зикраш ба оҳубарра банд буд. Дар мағорааш хӯрдание нест. Гуруснагӣ ишқро аз байн бурд!

Шаб фаро расида дар само нахустин ситорагон фурӯзон гардиданд. Дастони ба оғӯш кушодаи духтар сусту бедармон поин шуданд. Аз дуродур, аз кадом олами ноаён оҳанги ҳазину мунофиқонае ба гӯш мерасид. Духтарро мардуд сохтанд ва ӯ дар зиндагӣ бори нахуст тамоми талхиву сангинии ин эҳсоси то кунун барояш номаълумро дарк намуд. Дар ҷангал кайҳо ҳайвоноти ваҳшӣ ба рафтуой пардохтаву духтар аз ҷой намеҷунбид. Ҷараёни об чанбари гулҳоро барҳам зада оташи шавқ хомӯш гардид. Имрӯз дар қалби духтар эҳсоси нав ва то кунун ноошное тавлид ёфт. Бонги даъват аз шикорчиёни дуррафта танинандоз гардид, вале духтар ғайр аз садои қалби таҳқирёфтаи хеш садои дигарро намешунид. Вай гоҳ ба оби чашма, ки ситорагони осмонро инъикос менамуд, назар меафканду гоҳ ба мағораи дар шафат буда, ки мебоист, имрӯз онро сарпаноҳи хеш хонад.

Торикии шаб оҳиста заминро фаро гирифт. Духтар баъди ба худ печидану аз паҳлӯ ба паҳлӯ гаштанҳо, хамёзакашон, билохир, ба хоб рафт. Дар хоб ҳам ӯ даст ба оғӯш кушод ва боз дастони вай оҷизона поён фаромаданд.

Дар осмон ситорагон бо тамоми ҷило дурахшону нури онҳо навозишкорона заминро мебӯсид. Дасти ноаёни кадоме нардбони аз торҳои нуқрагӣ бофта шударо густурда, аз он ду олиҳа ба замин фаромаданд.

– Аз ҳад зиёд бетараҳҳумӣ, хоҳар, – гуфт яке аз онҳо ба дигаре. – Магар ман одамонро маҳз барои он меофарам, ки ту барояшон тақдири гуногун ато фармоӣ, бо ҳаёти на чандон тӯлонии эшон бозӣ кунӣ ва боз маҷбур намоӣ, ки зиндагиро падруд гӯянд?

– Нодон, – ҷавоб дод дигаре. – Ҳамаро сарнавишт якранг мебуд, эҳсоси фараҳ аз офаридгорӣ бароят муяссар мегардид магар? Масалан, ҳамин шабро гирем. Дар биҳишт париҳо мерақсанду дар дӯзах иблисон шӯру ғавғо доранд. Оби укёнуси Атлас паст рафтаву дар биёбон сел омадааст. Дар ҷануби Арьяварта, дар домани кӯҳи Виндҳия сайёди ҷавон бар асари он, ки сайдаш барор накард, аз маҳбубаи худ рӯй тофт. Ҳастии ӯро гуруснагӣ фаро гирифта, дар қалбаш ба эҳсоси дигар ҷой намонда буд.

– Бале, хоҳар, – посух дод боз аввала, – аз пайдоиши одамон дар рӯи замин вақти зиёд гузашт, вале ҳанӯз ҳам онҳо мисли ҳайвонҳо зиндагӣ ба сар мебаранд.

– На, худи ҳамин рӯз ман ба яке аз ин махлуқон эҳсоси латифу гувороеро ҳадя намудам. Акнун дар қалби онон эҳсосот мисли гул хоҳад шукуфт.

– Ва онҳо дигар гӯлу нодон нахоҳанд буд?

– Бале, онҳо ба тадриҷ донотар мегарданд. Ҳоло эшон аз воситаҳои зуҳури эҳсосоти инсонӣ чандон бархурдор нестанд.

– Биё, хоҳар, рафтем. Рақси париҳоро тамошо ме-

кунем. Аз бетараҳҳумии ту ҳатто офаридаи хеш бароям хуш намеояд. Баъзан худ аз худ норизо мегардам.

– Хомӯш, биё кори худро ба анҷом расонем ва дигар munoқиша накунем.

– Магар дар як рӯз метавон одати деринаро тарк кард?

– Ба гумонат махлуқони ту яку якбора ба ғояти камол мерасанд? Рафтем, худоён бояд сари дастархон ҷамъ омада бошанд, таъхир кардан нашояд.

Бо чунин суханон онҳо нӯки нардбони аз нури ситорагон бофта шударо дошта, мисли он, ки аз арғунчак мепарида бошанд, алвонҷхӯрон дар осмони лоҷвард ғайб заданд...

Духтар як қад парида бедор шуд ва кӯшиш намуд хоби аҷоиби хешро ба хотир оварад. Субҳ медамид. Ҳаловати хоби ширин ҳанӯз равони ӯро тарк накарда буд. Оби ҷӯйбор батамкин роҳ мепаймуд. Дар машриқ гулгуншафақ медамид. Духтар мӯйҳои аз шамол парешон шудаашро ба ақиб партофт. Боз пода намоён гашт. Вай ба ҷонварони наздик шуда истода бепарвоёна менигарист, вале дар қалби ӯ, аллакай ҳисси комили лутфу шафқат ташаккул меёфт. Ғизолони дар рӯшании нарми шафақ ба назар намоён гардида, яке аз паси дигар аз ҷӯйбор парида мегузаштанд. Ногоҳ оҳубаррае ҳаросон дар ҷои худ истода монд. Аз қафо шикорчиҳо омаданд. Духтар дар як он худро назди ҷонвари бепаноҳ расонида, онро ба даст гирифт. Одамон ба таъқиби пода шитофтанд ва танҳо як тан аз онҳо ҷудо шуда сӯи духтар қадам зад. Ин ҳабиби ӯ буд. Духтар хост рӯй ба ҷониби ҷавон гардонад, вале ин дам дар чашмони калон-калони эътимодбахши оҳубарра акси хешро дида, дақиқае ба он мутаваҷҷеҳ шуд.

Ғазаби дирӯза вуҷуди мардро аз нав фаро гирифт. Вай воқеаи шоми гузаштаро ҳанӯз фаромӯш накарда буд. Мехост оҳубарраро аз духтар кашида гирад. Вале дар вуҷуди духтар якбора табаддулоте ба вуқӯъ пай-

васт. Вай оҳубарраро ба сари сина фишурда, ба самте, ки худи ҳозир ғизолон давида рафтанд, тохт. Ҷавон аз таҳайюр дар ҷояш бе ҳиссу ҳаракат мондаву духтар босуръат аз ҷӯйҳо парида, ба пастиву баландиҳои роҳ пешпо хӯрда, ҳамоно аз паси ғизолон метохту метохт. Гала кайҳо дур рафта буд. Баъзан сари роҳ духтарро гурӯҳи сайёдон дучор меомаданд, аммо ӯ ба онҳо эътибор надода, аз паси гала, ки роҳнамояш оҳувони сияҳпушт буданд, пеш мерафт.

Дар соҳили дарёи калон ғизолон бозистоданд, чунки аз он ҷаҳида гузаштан имконнопазир буд. Духтар назди онҳо омада оҳубарраро ба замин сар дод. Ин тасодуф аҷоиб буд дар ҳаёти инсон ва ҳайвон! Оҳубарра пеши модар тохта хушнудона лаб ба пистони ӯ бурд. Чеҳраи духтар аз табассум гул-гул шукуфт. Ғизолон хомӯшона назди ӯ сар хам карданд, онҳо дигар аз вай намеҳаросиданд. Духтар ба мағораи хеш баргашт ва хаставу шалпар, худро рӯи замин партофт. Пеши назараш ду тасвир возеҳу равшан ҳувайдо гардид. Дар яке найзаи тези чақмоқӣ дар даст, сайёди ҷавону бақувват ва дар дигар худи ӯ дар иҳотаи ғизолон мунъакис буданд. Дар яке – тарсу ваҳшат, дар дигаре – муҳаббат. Аз ин ду тасвир кадоме беҳтар – дар муайян кардани он духтар оҷиз монд.

Аз он айём духтар хеле тағйир ёфт. Эҳсоси навине батадриҷ дар қалби ӯ реша ронда, рӯз аз рӯз мустаҳкам мегардид. Майнааш бо як ҷаҳон фикру андеша банд. Сайёди ҷавон мисли пештара тез-тез наздаш меомад ва дар паҳлӯяш нишаста бо ҳар роҳ кӯшиш менамуд, ки аз нав ба таваҷҷӯҳи духтар мушарраф гардад. Вале, духтар чун бути сангин бе ҳиссу ҳаракат буд. Бо мурури замон назди ӯ ҷавони дигаре низ меомадагӣ шуд. Вай ҳам барои духтар гӯшту меваҷот меовард. Ҷавони аввала бо дидани ӯ дандон хоида, дар шиддати хашм инони ихтиёр аз даст медод. Дар чунин ҳолатҳо низ духтар, гӯё фарёди хашмгинонаи ӯро намешунида бошад, на изҳори норизоӣ мекард ва на баҳри бо ибтихо-

лу тазаррӯъ ором намудани вай мекӯшид. Ба зоҳир чунин менамуд, ки вай, рондаи қабила, ба тамом ғариқи мардудии талху аламангези хеш гардидааст.

Рӯзе ҷавон найза дар даст ба соҳили регзори дарё, поёнтар аз мағораи духтар хуки ваҳшиеро таъқиб мекард. Аз рӯ ба рӯяш ҷавони дуюм баромада, чолокона найзаи худро ба хук партофт. Ҳайвони захмхӯрда сӯи ҷавони аввала, ки дар ин муддат низ найза ба ҷониби сайд андохта буд, шитофт. Хашму ғазаби ҷавон меҷӯшид ва шояд қасдан, ё ғайри ихтиёри ӯ, найза ба синаи ҷавони дуюм, ки ифтихормандона пеш мерафт, бархӯрд. Дар айни замон хуки ваҳшӣ бо дандонҳои тезаш ба тани қотили хеш часпид. Ҳар ду ҷавон ба замин афтоданд, хуки ваҳшӣ дар як он аз назар ғоиб гардид. Ин воқеа дар пеши чашми духтар ба вуқӯъ пайваст. Вай тозон назди ҷавони якум омада, хост ӯро аз замин бардорад, вале ҳамин дам ҳамқабилагони ҷавон расида омаданд. Духтар ба чеҳраи ғазаболуди онҳо назар афганда, аз нияташ гашт ва ҷониби мағораи хеш гом зад.

Имрӯз бори нахуст дар чашмони духтар ашк падидор шуд. Охир, замоне ӯ фақат механдид. Ду ҳисси умдатарини инсонӣ ҳамдигарро иваз мекарданд: духтар мегиристу механдид, механдид ва боз мегирист.

Баҳор ҳам сипарӣ шуд гармои тобистон расид. Аз кӯҳ селоби ҷое сурхтобу ҷои дигар сиёҳтоб ҷорӣ мегардид. Духтар ба он нигариста, худро шабеҳи табиат дарёфт: дар чеҳраи ӯ низ гӯё як чашм механдаду аз чашми дигар ашк метаровад. Шодиву ғусса – ҳар ду ин эҳсос барои духтар азиз буд. Вай мехост, ки ин эҳсосот якумрӣ дар қалбаш маъво дошта бошад. Эҳсоси аввалро духтар аз чашмони оҳубарра дарёфта буд. Вай навдаи растании печонро ба селоби сурх ғӯтонид ва дар девори мағораи секунҷааш ба бунёди нахустин осори тасвирии хеш пардохт. Ӯ дар ихтиёр ҳамагӣ ду ранг дошт – сурх ва сиёҳ. Бо ранги сурх сурати хешро, чунон, ки дар иҳотаи ғизолон истода буд

ва бо ранги сиёҳ манзараи шикору ҷавони шуҷоъро, ки найза болои сар бардошта аз паси ҳайвони ваҳшӣ метохт, тасвир намуд.

Одамон ба муддати тӯлонӣ соҳили дарё ва он маҳалли наҳсро тарк карданд, аммо духтар ба ҳеҷ ҷо нарафт ва то рӯзи вопасини ҳаёташ ба ин тасвир нигоҳ мекарду саодатманд буд.

Аз он айём, ба доманаи кӯҳи Виндҳия чӣ қадар қабилаҳое омаданду рафтанд! Баъзе ашхос ба тасвири даруни ғор бо тарсу ҳарос назар афгананд, бархи дигар ба нишони ихлос назди онҳо сари таъзим фуруд овардаанд.

Алҳақ, ин ёдгории бостонист, ёдгоре аз он айём, ки инсонро дарки ду эҳсоси аз ҳама муҳим ва то кунун маҳфуз монда, даст дода буд. Вай дар байни мардуми ваҳшии он мавзеъ чун Ғори Ғорон машҳур гардид. Мухлисони санъати нафиса бошанд, Нахустмаъбади Мусавварот номидаандаш.

*Ранҷит ДЕСАЙ*

# ОНЕ, КИ АЗ МАРМАРИ САФЕД МӮЪҶИЗА ОФАРИДААСТ

«Соҳиб, ин ҷо соати дувоздаҳ дарвозаҳоро мебанданд»...

Як қад парида ҳамоно бедор шудам. Соат занги дуро зад. Дар тумани чун симоб нуқрафоми ларзон, чун рӯъёи мафтункунанда Тоҷмаҳали мармарин ба назар менамуд. Моҳи дувоздаҳрӯза, ки гули ёсуманро мемонд, аз миёни шохаҳои дарахти сарв асроромез лабханд мезад.

Фикр кардам, ки албатта ҳоло ҳамаи дарвозаҳоро бастаанд ва то субҳ онҳоро нахоҳанд кушод. Дилам зиқу моломоли изтироб, дар гӯшҳоям ҳамон огоҳии посбон садо медод.

Тамоми рӯзро ба тамошои Агра ба поён оварда, бевақтии шом ба ин ҷо омадам, то Тоҷмаҳали дар нури моҳтоб ғариқро бинам. Хаёли маро ҳисси даркнашавандаву баённопазире фаро гирифт ва дар доми гӯё аз нури мавҳуми моҳ бофташуда, нарму нозуки нафосат гирифтор, фаро расидани шабро пай набурда, пинак рафтаам. Бедор шавам, соат дуи шаб.

Боз ба Тоҷмаҳал, ба манораҳои мавзуни вай назар афгандам.

Аз фикри он, ки алъон соҳиби ин сарвати бузург танҳо манам ва ин ҳадяи гаронбаҳои камолоти ҳунарӣ танҳо ба ман тааллуқ дорад, дилам таҳ рафт.

Муддати мадид маҳви тамошо мондам. Мехостам ҳамвора аз тамошои ин зебоии безавол комёб бошам. Дар ҳавзи рӯ ба рӯи Тоҷмаҳал ҷараёни фаввораҳо кӯшиш мекарданд бо ҷилои худ ба нури ороми моҳ соя афкананд ва дар ин бозии сояву нур як чизи навро

пай бурдам: ба назарам он ҷо шабаҳе бесадо даргузар намуд.

Серунии пеш аз субҳ маро бо забони туман лесида гузашт. Баданамро ларза гирифт. Такон хӯрдам, сарам ба тахтасанг бархӯрд. Аз дохили Тоҷмаҳал садои по, ки муттасил наздик мешуд, ба гӯш расид. Дар сатҳи ҳавз сояи фаввораҳо ларзиданд, шохаҳои сербарги сарв ба ҷунбиш омаданд ва дари қасри зебо оҳиста кушода шуд. Чашмонамро калон кушода шах шудам.

Дар остона шахси қоматбаланде пайдо гардид. Вай берун баромада таваққуф намуду рӯй ба қаср гардонид. Дар сояи манора бинии дарозу рост, риши начандон ғафс ва мӯйҳои пурпечутоби то китф фаромадаи ӯ хира ба назар мерасид. Ношиноси пурасрор чашм наканда ба Тоҷмаҳал менигарист. Шиддати бод домани қабои ӯро бардошт, кафшҳои нӯктези нуқрафомаш рахшиданд. Ва боз на ҳаракатеву на садое. Фақат сарвҳо шохаҳои худро ниҳоят оҳиста ба ҷунбиш меоварданд. Аммо дасти ман ларзида, асои обнусие, ки дар даст доштам, ба рӯи тахтасанг афтод. Садои баланди машкуке хомӯшии асрорангези шабро барҳам зад. Ношинос дарҳол рӯяшро баргардонд.

– Кист ин ҷо?

Чашмони ӯро намедидам, вале нигоҳи ба сӯям равонашудаашро эҳсос менамудам. Ваҳшати маҷҳуле маро карахту лол карда буд. Хомӯш меистодам. Он гоҳ вай оҳиста ба наздам омада, дубора савол кард:

– Ту кистӣ?

– Мусофирам.

– Мусофир? Дар чунин бевақтӣ чӣ зарурат туро ба ин ҷо овард?

Ӯ мунтазири ҷавоб нашуда боз нигоҳашро ба Тоҷмаҳал дӯхт. Ин дафъа моҳ чеҳраи коҳида ва қиёфаи ҷиддии ӯро барало равшан менамуд ва ногоҳ ҳама тарсу ваҳми ман худ ба худ бартараф гардид. Ба вай гуфтам:

– Дар рӯшноии моҳ Тоҷмаҳали ҳайратангезро бо шавқи тамом тамошо мекардам ва мафтуни ҷамоли ӯ маро хоб рабудааст. Посбонҳо бояд маро надида бошанд. Чун бедор шудам, аллакай дарвозаҳо баста буданд.

Шахси ношинос дар овози ман яқин оҳанги созиш ва ризоро ҳис намуд.

– Натарс! Ман ба ту бовар мекунам, – гуфт ӯ. –Ва ҳатто хурсандам, ки дар ин ҷо туро вохӯрдам. Кайҳост, ки дидани чун ту мусофирон бароям муяссар нагардидааст.

Садои пурнавозиш ва нутқи муаддабонаи ӯ чун сеҳри соҳир маро мутаассир менамуд.

– Тоҷмаҳал ба ту маъқул аст?

– Бешак! Кас аз тамошои вай сер намешавад. Ҳар қадар, ки ба вай нигарӣ – ҳамон қадар кам аст.

– Ҳамин тавр, – розӣ шуд ӯ. – Бигӯй, ки ҳангоми ба Тоҷмаҳал назар афкандан, дар дилу хотир чӣ андеша мепарварӣ, чӣ манзараҳоро пеши назар меорӣ?

– Оё ман инро баён карда метавониста бошам? – гуфтам хиҷолатмандона. – Оё метавонам чунин зебоии беҳамторо ба сухан тасвир намоям ва қиссаи ишқи беназирро ҳикоя кунам? Вақте ки ба Тоҷмаҳал менигарам, Арҷумандбонуро мебинам, ки дар бистари марг хобидаасту аз таҷҷаллии нури илоҳии муҳаббат медурахшад. Нигоҳи вопасини ӯ, ки лабрези ҳасрату изтироб аст, маро сӯхта хокистар мекунад. Шоҳҷаҳонро ба хотир меорам, ки бо нерӯи ишқи бузург аз қатраҳои ашк ин гавҳари безаволи санъати меъмориро бунёд намуд. Ёдаш ба хайр, шахси бузург...

– Пас, ту Шоҳҷаҳонро ба хотир меорӣ? Муҳаббати ӯро ба Арҷумандбону? Оҳанги тамасхур, ки дар суханони ӯ садо дод, маро музтариб сохт.

– Магар ҳамин тавр нест? Тамоми дунё медонад, ки Тоҷмаҳал – ёдгории муҳаббати бузург ва рамзи ишқи безавол аст.

– Дунёи сода... Шумо ҳама ба Тоҷмаҳал менигареду подшоҳ ва ишқи ӯро ёд мекунед! Вале ишқи ин қасри афсонавиро кӣ дар ниҳонхонаи қалбаш парварида буд, аз оби дидагони кӣ барои вай қолиб рехтанд, ҷону ҷаҳони кӣ аз шӯълаи ҷамоли вай сӯхта хокистар гардид? Оё шумо баъзан дар ин хусус низ фикр мекунед? На! Шумо ҳатто номи ӯро фаромӯш кардаед. Исо, Усто-Исо. Ту дар хусуси вай чизе шунидаӣ?

– Усто-Исо?

– Бале, Исо. Ту ҳатто номи бунёдкунандаи ин қасрро, ки ҳар бахши он ба кас масаррат мебахшад, намедонӣ. Номи шахсеро, ки зебоии набототи беҷону махлуқоти ҷондорро, ки ҳам ғунчаи ёсуман дар худ дораду ҳам гардани булбул, дар санг ҷовидон нигошт. Номашро нашунидаӣ?

– Худи вай кӣ буд? – хитоб кардам ман.

– Девонае буд, мафтуни зебоиҳои табиат. Оре, девонаи шайдое.

Мунтазири давоми сухани ӯ хомӯш меистодам. Вай бо ишорае маро ба нишастан даъват намуда, суханашро идома дод:

– Исо дар Туркистон, дар хонадони меъмори номӣ ба дунё омад. Ҳанӯз баҳори бистсолагиро нагузашта ба нисбати истеъдоди бузурги меъмориаш, ӯро бо эҳтиром «Усто-Исо» хитоб менамуданд. Вале биноҳои содаву камнафосат, ки аз гилу хишти муқаррарӣ бунёд менамуд, худи Исоро қонеъ намегардониданд. Ӯ дар дил орзӯи аз сангҳои асил офаридани қасри фавқулодда зебоеро мепарварид, ки бо ҳашамату шукӯҳ ва дар айни ҳол латифу хоксорона бошад. Боре ӯ дар хоб Тоҷмаҳалро дид. Дар хаёли усто нақши эҷоди минбаъдааш зина ба зина ташаккул меёфт. Акнун Исо хоҳиши дигар надошт ва дар дигар хусус фикр карда ҳам наметавонист. Солҳо мегузаштанд. Билохир, нақши мукаммали қаср ташаккул ёфт ва усто тарҳи онро ба рӯи коғаз кашид. Он рӯз Исо шахси аз ҳама саодатманд буд.

Ӯ бо умеди бузург назди султони мамлакаташ рафт. Султон усторо бо меҳрубонӣ истиқбол намуда, ҳикояти ӯро дар хусуси орзӯи чандинсолааш гӯш кард. Вале, баъди муҳосабаи харҷи чунин сохтмон, бо хиҷолат сар фуруд овард: дар хазинаи ӯ ин маблағ мавҷуд надошт.

Исо аз нобарории аввал рӯҳафтода нашуд. Вай дигар мамлакатҳои сарватманду пуриқтидорро медонист ва қарор дод, ки бахти худро дар он кишварҳо низ озмояд. Исо ба Эрон омад ва шоҳи ин кишварро бо ҷилову ҳашамати орзӯи худ мафтун сохт, аммо ин дафъа ҳам нокомӣ даст аз домани ӯ набардошт. Вай боз ба шоҳону султонҳои зиёде рӯй овард, вале ба ҳеҷ кадоме аз онҳо таҷассуми ин орзӯро дидан насиб нагардида буд.

Ба гӯши Исо хабар аз ганҷу сарвати беҳадду ҳисоби Ҳинд расид. Вай аз суруде дар хусуси Шоҳҷаҳони тавонгар ва ҳомии саховатманди санъату ҳунар шунида, бо умеди тоза роҳи Деҳлиро пеш гирифт. Вале Шоҳҷаҳон дар пойтахт набуд. Чанде қабл аз ин ӯ завҷаи дӯстдоштааш Арҷумандбонуро ба хок супорида дар Агра бо дарду андӯҳи дармоннопазир рӯз мешумурд. Шамъи ҳаёташ, ки фақат хотираҳо онро зинда медоштанд, оҳиста-оҳиста хомӯш мегашт. Ин хабар Исоро маҳву мот карда санги навмедӣ ба ҷоми умедаш зад. Вале дере нагузашта усто шунид, ки Шоҳҷаҳон ишқи худро ҷовидон карданисту нияти дар мадфани завҷаи маҳбубаш мақбараи бошукӯҳе бунёд намудан дорад. Аз он ки орзӯи бисёр зебои ӯ вақфи ғусса, обидаи маҳзуни андӯҳи абадӣ бояд гардад, қалби Исо реш-реш мешуд. Вале ӯ медонист, ки фақат Шоҳҷаҳон метавонад хобу хаёли ӯро ба ҳақиқат мубаддал созад ва ба тақдир тан дода назди шоҳ рафт.

Шоҳҷаҳон арзи Исоро бодиққат шунида, гуфт:

– Мебинам, ки ба ҳузури ман аз ҷои дур ва бо умед омадаӣ. Оҳ, кошки ба сарам чунин мусибат намеафтод!... Ҳоло ба ман қаср не, мақбара, мотамсаро лозим

аст. Метарсам, ки дар ҳама олам меъморе хоҳиши маро ба амал пайваста наметавонад. Аз ақиби ман биё, – ва Шоҳҷаҳон Исоро ба манзили худ бурд. – Нигоҳ кун, – гуфт подшоҳ ва ба Исо нақшаҳоеро, ки устодони беҳтарини санъати меъморӣ аз мамолики дуру наздик фиристода буданд, нишон дод. – Иддаои ту аз инҳо беҳтар аст?

– Бале, – бо итминон ҷавоб дод Исо.

Усто каф ба ҳам зад ва ҳамоно рӯ ба рӯяш пешхизмат пайдо шуд. Фармони хоҷаашро шунида ӯ берун рафту баъди чанде лаълии калонеро, ки болояш бо матоъи абрешимӣ пӯшида шуда буд, гирифта овард. Исо чобукона рӯпӯши лаълиро бардошт ва дар пеши назари шоҳ тарҳи гаҷбурӣ шудаи қасри бисёр зебо падид омад. Исо бо ҳарос ба Шоҳҷаҳон нигарист, вале шоҳ хомӯш меистоду чашм аз осори ҳайратангез намеканд. Чашмонаш пури об гардида, аз гиря нафасгир, гулӯяш гиреҳ баст ва дар ҳамин ҳол бо садои гирифта гуфт:

– Бону! Оҳ бону...

Сипас Шоҳҷаҳон ашкони худро пок кард ва Исоро ба оғӯш гирифту гуфт:

– Исо! Он чӣ мехостам, ҳамин аст. Ту санъаткори бузургӣ!

Чӣ қадар аз ин қабил аҳсантҳоро шунидааст Исо! Ва ҳар дафъа аз паи онҳо шикасти умед думболагирӣ кардааст ӯро! Бо тарсу бим аз нобарории навбатӣ ӯ гуфт:

– Шаҳаншоҳ! Барои рост гуфтанам аз гуноҳи мани густох гузаред. Бунёди чунин қаср маблағи беандоза зиёдро тақозо мекунад, шояд тамоми ганҷинаҳои шумо дар бинои он масруф гардад...

– Аз ин боб парво макун, ин кори ман аст, Исо. То даме ин хоб ба ҳақиқат мубаддал нагардад, дили ман қарору ором нахоҳад ёфт.

Он шаб бори нахуст Исо бо хотири осуда сар ба болин ниҳод. Вале вай ҳанӯз намедонист, ки ин хоб дар ҳаёти ӯ охирин хоби роҳат хоҳад буд.

Рӯзи дигар Исо боз ба ҳузури шоҳ омад. Шоҳҷаҳон, ки Тоҷмаҳали хурдакакро ба ҳавас тамошо мекард, баъди нишастани меъмор аз ӯ савол кард:

– Исо, аз он ки ба иҷрои орзӯи деринаи ту розӣ гардидам, хурсандӣ?

– О, шаҳаншоҳ! Акнун ба худ метавонам гуфт, ки умрам беҳуда нагузашт. Чӣ гуна изҳори сипосгузорӣ кунам?

– Исо, – бо оҳанги мутантан гуфт Шоҳҷаҳон. – Тамоми сарвати темуриёни Ҳиндро нисор мекунам, вале ин қаср бояд дар ҷамолу ҷалол дар ҳама олам ҳамто надошта бошад. Бигзор вай нодираи аҷибе гардад чун худи Арҷумандбону.

– Олампаноҳ! Тамоми донишу маҳорати худро ба кор хоҳам бурд, то хоҳиши шуморо ба ҷо оварам.

– Ба ҷо меорӣ? – бо нигоҳи тез ба Исо чашм дӯхт Шоҳҷаҳон. – Ҳатто агар ба ту аз баҳри чизе гузаштан лозим ояд?

– Шоҳо, ман кайҳо хонаамро, оилаамро, ватанамро қурбони орзӯи хеш намудаам. Дигар чӣ дорам?

– Ду даст дорӣ.

– Ду даст? – бо тааҷҷуб нидо кард усто.

– Бале, – бо дуруштӣ такрор намуд шоҳ, – ду даст дорӣ. Баъди бунёди Тоҷмаҳал ҳар ду дастатро мебуранд. Оё ин шартро қабул карда метавонӣ?

– Олампаноҳо ба ин чӣ зарурат аст?

– Исо! Ин қаср – хотираи Арҷумандбонуст. Вай бояд осори мукаммалтарину беназири санъати меъморӣ дар ҳама олам бошад ва ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ як binои дигар дар ҷамолу ҷалол ҳампояи вай шуда натавонад. Фикр кун, Исо! Ту бояд аз дастонат ҷудо шавӣ.

Исо рӯзҳои зиёдро дар банди фикру хаёл паси сар намуд. Андешаи маҳрум гардидан аз дастоне, ки бояд беҳтарин орзӯи зиндагии ӯро амалӣ гардонанд, барояш тоқатфарсо буд. Вале ӯ хуб медонист: дастонашро амон диҳад, орзӯяш барбод меравад ва дар вай санъаткор ғолиб баромад!

Исо барои сохтмони Тоҷмаҳал ҷанубтар аз Агра, дар соҳили Ҷамна ҷои хушманзареро интихоб намуд. Ба ин ҷо мармари бехтаринро аз Ҷайпур меоварданд ва аз анбӯҳи зиёди он порчаҳои бехтаринро, ки сафеду рагҳои зардчатоб дорад, ҷудо карда мегирифтанд. Аз гӯшаву канори гуногуни олам ҳазорҳо бинокорон ба ин ҷо ҷамъ омаданд. Рӯзҳо пайи ҳам даргузар буданд, солҳо мегузаштанд ва Тоҷмаҳал оҳиста, зина ба зина қад меорост.

Баҳри бунёди қасри зебоманзар бисту ду сол суботкорона саъю талош варзиданд. Девори атрофи қаср ва даромадгоҳи марказии онро аз санги сурхи Шикриву Фатаҳпур сохтанд. Билохир, сохтмони Тоҷмаҳал бакуллӣ анҷом ёфту подшоҳ ба дидани вай ташриф овард. Аз дидани чунин ҷамолу ҷалоли беҳамто пойҳои аз заъфи пирӣ суст гардидаи ӯ қувваи тоза пайдо карданд. Вай пардаи сернақшунигорро боло карда аз паланкин ҷаста фаромаду вориди Тоҷмаҳал гардид. Ҳар чор девори қаср бо сангҳои қиматбаҳо тазйин ёфта буданд: дар мобайн, болои суфаи сангин ду дахма: – яке барои Анҷумандбону, дигаре – барои худи Шоҳҷаҳон воқеъ буд. Рӯи дахмаи Арҷумандбону аз сангҳои қиматбаҳо ибороти илоҳӣ хотамкорӣ карда буданд. Подшоҳ ба хурӯҷи тозаи ғаму андӯҳ тоб овар-да натавонист, ҷароҳати қалбаш аз нав ба хунчаконӣ шурӯъ намуд ва селоби ашк аз ҷӯйбори дидагони ӯ са-розер шуд. Ҳозирон ҳама маҳзунона чашм ба ҷониби шоҳ дӯхта буданд. Баъди чанде ӯ худро ба ҳол оварда чашмонашро пок кард ва аз қаср берун рафт.

Чун Шоҳҷаҳон аз дари даромадгоҳи марказӣ пайдо гардид, ҳазорон одамони дар ин ҷо ҷамъомада се ма-ротиба «Зинда бод шаҳаншоҳ! Ҳамду сано ба подшоҳ!» гӯён фарёд заданд. Шоҳҷаҳон ба ҳама бино-корон саховатмандона лутф ато намуд: ба ҳар коргар ангуштарини тилло ва ба ҳар усто санги қимматбаҳо тӯҳфа кард. Исоро бошад, ба оғӯш гирифта гуфт:

– О, Исо! Туро бо чӣ сарфароз намоям? Чӣ инъомат бахшам? Бигӯй, чӣ талаб дорӣ?

– Шаҳаншоҳ, талаби молу ҷоҳ надорам, алқобу унвон ҳам ба ман лозим нест. Дастони маро...

– Не! – фарёд зад Шоҳҷаҳон. – Не, Исо, не! Дар ин хусус илтимос макун.

– Фармонраво, – ба забони ҳол омад Исо, – ба ман тараҳҳум намоед! Савганд мехурам, ки дастонам дигар ҳеҷ гоҳ биное ба мисли Тоҷмаҳал бунёд нахоҳанд кард.

– На. – Овозашро баланд карда гуфт Шоҳҷаҳон. – Сокит бош, Исо. Таваккул карда наметавонам. Тоҷмаҳал хотираи Арҷумандбонуст ва он бояд ҳамто надошта бошад. Ғусса махӯр, Исо. Аз дастонат ҷудо мешавӣ, вале ҳеҷ гоҳ рӯи мӯҳтоҷиро нахоҳӣ дид. Дар дарбори ман зиндагӣ хоҳӣ кард ва туро бо ҳама он иззату эҳтироме, ки бузургтарин устои рӯи ҷаҳон сазовор аст, тақдир хоҳанд намуд.

Исо сар хам кард. Аз чашмонаш борони ашк фурӯ рехт. Он гоҳ Шоҳҷаҳон аз ӯ пурсид:

– Исо! Қабл аз он, ки дастонатро бибуранд, фикр кун, ки дар бинои қаср коре нотамом намонда бошад?

Исо базӯр сарашро бардошта ва нигоҳи пурдарду аламе ба дастранҷи азизаш афганда сипас ҷавоб дод:

– Чизеро фаромӯш кардаам. Иҷозат фармоед, худам онро баҷо орам.

Шоҳҷаҳон сар ҷунбонид. Исо путк дар даст ба нардбон босуръат боло баромадан гирифт. Чун ба гунбаз расид, бо як даст ҳилоле, ки қуллаи онро оро медод, дошта, бо дасти дигар – ба нуқтае се маротиба такроран путк зад. Усто лаҳзае беҳиссу ҳаракат истода монд, ба мардуми дар поён ҷамъомада, ба Шоҳҷаҳон, ки ӯро назорат менамуд, назар афганд ва ашки чашмонашро пок кард. Ҳама гумон карданд, ки ҳозир ӯ худро ба замин мепартояд. Вале Исо босуръат поён фаромад, омада рӯ ба рӯи шоҳ истод ва се карат ба ӯ таъзим намуд.

– Дар он ҷо чӣ коре нотамом мондааст, Исо? – пурсид Шоҳҷаҳон.

– Болои гунбаз, қариби ҳилол санге ковок буд. Ман онро маҳкам кардам.

Подшоҳ ҷаллодро хонд. Исо бори охирин ба дастонаш нигоҳ карда тамоми қувваи иродаашро ҷамъ намуду сӯи кундаи сарбурӣ равона шуд. Ҷаллод ба як зарб ҳар ду дасти ӯро аз оринҷ бурид.

Дар ҳавзи рӯ ба рӯи Тоҷмаҳал фавворахо ҷӯш заданд, ҷалолу ҷамоли беҳамтои қаср машҳури ҷаҳон гардид.

Мавсими борон фаро расид. Чанд қатраи лойолуд аз гунбаз таровида рост ба дахмаи Арҷумандбону бархӯрд. Дар ин бора ба Шоҳҷаҳон маълумот доданд. Подшоҳ фавран Исоро ба наздаш хонд, вале ин хабар усторо ба изтироб наандохт.

– Давлатпаноҳ, – гуфт ӯ – ҳамон рӯзи охирин қасдан боми гунбазро шикоф карда будам.

– Чӣ хел ҷуръат намудӣ? – аз ғазаб ба ларза даромад подшоҳ.

– Ба чӣ мақсад? – бо овози гирифта хандид Исо. – Хашмгин нашавед, валинеъмат! Ишқи Арҷумандбону пеши чашми шуморо гирифт. Шумо Тоҷмаҳалро барои ҷовидон кардани ишқи худ сохтед. Вале ишқи шумо худпарастона буд, ғариқи ғурур гардида, хостед, ки дар тамоми олам биное зеботар аз Тоҷмаҳал набошад. Лекин, медонед магар, ки дар дасти бетараҳҳум зебоӣ пажмурда мегардад, вай аҷбори дағалонаро тоқат надорад? Ман бошам, барои Тоҷмаҳал буду шудамро қурбон намудам, ишқи ман беғараз буд. Ҳатто дастони худро ба хотири вай қурбон намудам. Ва он чи ки бори охирин кардам, низ амале буд, ба хотири Тоҷмаҳал.

– Ба хотири Тоҷмаҳал?

– Бале, шаҳаншоҳ. Шумо дар ин олам ҳокимед. Вале агар фардо табиат ғурури шуморо ҷазо доданӣ шавад, чӣ гуна муқовамат метавонед нишон диҳед? Ба

муқобили тундбоди тӯфонӣ, ки дар як он Тоҷмаҳалро хароб хоҳад кард, ба муқобили барқ, ки ба забони оташини худ мумкин аст онро сутурда равад, чӣ коре метавонед кард? Он гоҳ ман бо ин чӯбғулаҳо онро дубора бино карда метавонам? Ин фикр маро ба ваҳшат андохт ва ман ба вай аломати радди балову қазо гузоштам. Акнун ҳангоми бориш ба дахмаи Арҷумандбону қатраҳои борон мечакад – ин оби дидагони ман аст, фурӯ мехӯрад. Ман аз табиат ҳифозат таманно дорам, ба вай бо тавозӯъ рӯй меоварам: «Ба офаридаи ман тараҳҳум фармо, орзӯи ҳаётамро барбод мадеҳ. То абад оби дидагонам қурбони ту хоҳад буд. Тоҷмаҳали маро маҳфуз дор!»

– Ашк дар рухсораи Исо ҷорӣ гардид. Шоҳҷаҳони хиҷолатзада чӣ кор карданашро надониста, аз ҷой бархост. Борон боз шиддат ёфт ва аз зери гунбази Тоҷмаҳал аз нав қатраҳо чакидан гирифтанд – ин дили маҷрӯҳи Исо буд, ки хунфишонӣ менамуд.

Ноқил суханашро қатъ намуд. Баъди андак хомӯшӣ вай аз нав ором – ором ба гап даромад:

– Қиссаи Исо дар ёдат монд? Тоҷмаҳал – мадеҳаи ишқи беҳамтои подшоҳ не, суруди ҳузномези меҳнату қурбонии Усто-Исост...

– Бирав, мусофир! Субҳ ҳам фаро мерасад. Ман бояд равам. – Ва ӯ ба роҳ даромад.

– Исо! Ту ин қиссаро аз кӣ шунидӣ? – фарёд кардам ман ба ӯ.

Вай фақат ба ақибаш нигоҳ карду боз ҳам тезтар қадам зад. Вуҷудам ба ларза омад. Чашмам ба дастони ӯ афтод – онҳо аз оринҷ бурида шуда буданд.

*ПРЕМЧАНД*

# БАҲОИ ШИР

## 1

Ҳоло дар шаҳрҳои калон момодояву касалбон ва духтурзанон пайдо шудаанд. Вале дар деҳот ҳанӯз ҳам ин корҳоро занони кастаи ҷорӯбкаш иҷро мекунанд ва мардум умед ҳам надоранд, ки ба ин наздикиҳо дар ин бобат тағйирот ба вуҷуд ояд.

Заминдори маҳаллӣ бобу Маҳешнатҳ шахси соҳибмаълумот ва дар чунин корҳои муҳим зарурати табаддулоту пешрафтро мефаҳмидагӣ аст. Аммо душвориҳо амалан бартарафнашаванда бошанд, кас чӣ кор ҳам карда метавонад. Момодояву бачабонҳои дипломдор ба деҳот рафтан нахостанд. Баъди илтиҷову зориҳои зиёд яке аз онҳо розӣ шуд, вале муздеро талаб кард, ки аз шунидани он Маҳешнатҳро ҳама гуна иштиёқи тараққиписандӣ аз сар парид. Баъди ин, ӯ барои ба духтурзан муроҷиат кардан ҷуръат ҳам накард: шояд барои ҳаққи хизмати ӯ нисфи хоҷагиро фурӯхтан лозим шавад?

Аз ҳамин сабаб, вақте ки баъди се духтар писарча таваллуд шуд, ба хотири Маҳешнатҳ боз ҳамон Гудар ва завҷаи ӯ расиданд.

Аз чӣ бошад, кӯдакон аксар шабона таваллуд мегарданд. Боре нисфишабӣ чокари заминдор ба хонаи Гудар тохта омад ва хабари хушро чунон бо ҳаяҷону овози баланд изҳор намуд, ки ҳамсояҳо аз хоб бедор шуданд. Чунин хурсандии беинтиҳо сабаб дошт – дар оилаи заминдор духтари чорӯм не, писар таваллуд шудааст!

Ба ин воқеаи хурсандибахш чанд моҳ аст, ки тайёрӣ медиданд. Худо мегуфтанд, ки ин дафъа ҳам завҷаи заминдор духтар таваллуд накунад. Вагарна аз хӯҷаин беш аз сории читу як рупия дигар шодиёна намерӯяд.

Дар ин хусус баъзан зану шавҳар байни худ моҷаро ҳам мекарданд.

– Агар ин дафъа ҳам духтар шавад, – мегуфт зан, – ман ба рӯи ҳеҷ кас нигоҳ намекунам. Бале, ба рӯи ҳеҷ кас! Нишонаҳояш писар барин-куя!

– Мебинӣ, духтарча мешавад, – эътироз мекард Гудар. Писарча шавад, қасам, ки бурутамро метарошам!

Эътирози ӯ орзӯю умедҳои занашро гармтар месохт. Худи Гудар ҳам гумон мекард, ки қасамҳои ӯ ба тавлиди писар шояд мадад хоҳад кард.

Хабари хушро шунида, Бҳунгӣ ғолибона ба шавҳараш ҳуҷум кард:

– Хӯш, акнун чӣ мегӯӣ? Нагуфта будам, ки писар мешавад? Ҳатто шунидан намехостӣ. Акнун бурутатро худи ман метарошам!

– Хайр, ин қадар мағал накун, – ӯро ором кардан мехост Гудар. –Дилат хоҳад, тарошидан гир. Баъди се рӯз боз мисли пештарааш сабзида мерасад. Фақат пешакӣ шарт мекунем: ҳар чӣ хизматона гирӣ, нисфаш азони ман!

Бҳунгӣ ба Гудар мушташро нишон доду писарчаи семоҳаашро ба дасти ӯ супорида, ҳамроҳи чокар баромада рафт.

– Ҳой, исто, ба куҷо метозӣ? Охир ман ҳам рафта табрик карданам даркор. Ба кӯдак кӣ нигоҳ мекунад? – аз паи занаш фарёд зад Гудар.

– Ӯро ба замин мон. Гашта оям, мемаконам.

## 2

Ин дафъа Бҳунгӣ дар хонаи Маҳешнатҳ шахси мӯътабар шуда монд. Ӯро аз таҳти дил парвариш мекарданд. Пагоҳӣ ба вай ҳарира[1] медоданд, пешин бо ҳалвою кулчаҳои равғанӣ зиёфат мекарданд, баъдтар хӯроки нисфирӯзӣ ва боз хӯроки шом. Ба Гудар ҳам хӯроки серӣ мерасид.

[1] Ҳарира – хӯрдание, ки аз меваҷоту шир ва доруворихои зиёде тайёр мекунанд.

Писарчаи Бҳунгӣ бошад, фақат пагоҳӣ ва шабона, баъди аз хонаи хӯҷаин баргаштани модараш аз пистони вай баҳра мебурд. Рӯзона ба ӯ шири гов медоданд. Аз рӯзи ба дунё омадани писарчаи саодатманди бобу Бҳунгӣ ба вай шир медод. Зани Маҳешнатҳ зоҳиран солиму фарбеҳ намояд ҳам, ин дафъа тамоман шираш гурехт. Вақти таваллуди духтарчаҳо ҳамеша аз нӯги пистонаш шир чак – чак чакида меистод, акнун бошад, дар пистон ягон қатра шир надорад. Бинобар ин Бҳунгӣ фақат бо нигоҳубини кӯдак иктифо накарда, ба вай шир ҳам медод.

Бҳунгӣ, – мегуфт зани хӯҷаин, – писарамро сиҳату саломат калон карда диҳӣ, то охири умрат бо зиндагии осудаҳолона таъмин хоҳӣ шуд. Ба шавҳарам мефармоям, ки ба ту панҷ бигҳа[1] замин васиқа карда диҳад.

Набераҳоят ҳам рӯи мӯҳтоҷиро намебинанд.

Дар айни замон, бечора писарчаи Бҳунгӣ шири говро ҳазм карда натавониста, аз дарди шикам азият мекашид ва рӯз ба рӯз лоғару заиф мегардид. Вале ин аҳвол Бҳунгиро беором намекард.

– Хонум, – мегуфт ӯ ба зани хӯҷаин, – рӯзе ки аввалин бор мӯйсари писарчаатонро метарошанд, ба ман ҳатман дастпона тӯҳфа хоҳед кард.

– Албатта, азизам, албатта, – мегуфт зани хӯҷаин. – Дастпонаҳои тилло мехоҳӣ ё нуқра?

– Хонумҷони азиз, дастпонаҳои нуқрагиро чӣ хел ба мардум нишон медиҳам? Масхара намекунанд магар?

– Хуб шудаст, тиллояшро мегирӣ. Ваъдаи ман қатъист...

– Дар тӯи арӯсиаш бошад, гарданбанд тӯҳфа мекунед, инчунин ба шавҳарам ягон чиз...

– Хуб шудаст. Худо ба ҳамон рӯз расонад.

Бҳунгӣ дар хонаи бобу Маҳешнатҳ баъди хонум шахси дуюм шуда монд. Хизматгорзанон, ошпазу чо-

---

[1] Як бигҳа тақрибан ба 0,25 гектар баробар аст.

карон – ҳама фармонбардори вай буданд. Вақташ шавад, хонум ҳам ба ӯ таслим мешуд. Боре Бҳунгӣ ҳатто нисбат ба худи Маҳешнатҳ беҳурматона рафтор кард. Аммо Маҳешнатҳ тамасхури заҳролуде карду мунокишаро ҷоиз надид, – охир Бҳунгӣ шахси даркорӣ аст. Вай фақат ғур-ғуркунон гуфт:

– Дар ҷаҳон чӣ табаддулоте рӯй надиҳад, ҷорӯбкаш – ҷорӯбкаш мемонад, ӯро одам кардан мушкил.

Бҳунгӣ фавран ҷавоб дод:

– Хӯҷаин, ҷорӯбкашҳо фарзандони шумо барин асилзодагонро мепарваранд, онҳоро одам мекунанд. Чӣ, мо инсон нестем магар?

Дигар вақт чунин густохиро беҷазо намемонданд. Ҳоло бошад, хӯҷаин хандиду гуфт:

– Дуруст аст, ки баъзан ҳақиқат аз забони ҷорӯбкашҳо садо медиҳад.

**3**

Ҳукмронии Бҳунгӣ аз як сол беш тӯл накашид. Пандит Мотерам Шастрӣ эълон кард, ки писарчаро маконидани зани ҷорӯбкаш ба худоҳо маъқул нашудааст. Аз падару модари кӯдак талаб карданд, ки фавран расми тавбаву тазарӯъро ба ҷо оварда, бараҳманонро назр диҳанд. Кӯдакро зуд аз сина ҷудо карданд, вале гуфтаҳои пандитро роҷеъ ба тавбаву назр касе ҷиддӣ қабул накард.

Маҳешнатҳ ҳатто пандитро андак дар хиҷолат монд.

– Дар бораи тавбаву тазаррӯъ хуб каромат кардед, ҷаноби Шастрӣ. То дирӯз ба кӯдак шири дояро хӯрдан мумкин будаасту имрӯз худи ҳамин шир ӯро мурдор мекардааст. Ба қонуну қоидаҳои бофта баровардаатон қоил!

Шастрӣ кокули муқаддасашро такон дод.

– Дуруст мегӯед! То дирӯз ӯро зане аз табақаи паст шир медод ва хуни кӯдак аз шири вай ғизо гирифтааст. Аммо ин кор дирӯз буд, имрӯз бошад – гапи дигар.

Масалан, дар Пурӣ дар маъбади Ҷаганнатҳ[1] асилзодагон бо мардуми табақаи паст якҷоя хӯрок истеъмол мефармоянд, дар ин ҷо бошад, ба ин роҳ дода намешавад. Ё, масалан, бемориро гиред. Ҳатто худи ман ҳам, бетоб шавам, сару либосамро накашида ба сари дастархон менишинам. Баъзан шикам азият диҳад, ба истеъмоли ҳақиронатарин ғизо маҷбур мешавам. Вале чун сиҳат ёфтам, боз ба қонуну қоида риоя мекунам. Қонун дар мавриди зарурӣ ба истисно роҳ медиҳад.

– Аз ин мебарояд, ки амри қонун ҳамеша дигар шуда меистодааст? Имрӯз як рафтор дуруст, пагоҳ рафтори дигар?

– Набошад чӣ? Барои ҳокимон як қонун, барои раият бошад қонуни дигар. Роҷаву маҳароҷаҳо ҳар чӣ хоҳанд, мехӯранд, бо ҳар ки табъашон бардорад, ҳамтабақ мешаванд, ба шахси дилхоҳашон риштаи хешу таборӣ мепайванданд. Барои онҳо ҳеҷ гуна маҳдудият нест. Вале касоне, ки дар зинаи пасттарини ҷамъият меистанд, ба худсарӣ кардан ҳуқуқ надоранд.

Маросими омӯрзиш напардохтанд, вале Бҳунгиро фавран бо мақоми худ хайрбод гуфтан лозим омад. Дуруст аст, ки ба вай тӯҳфаҳои зиёде доданд, аз ҷумла, дастпонаҳои тилло ва ба ҷои як сории чашмдошт ду сории наву хушранг.

## 4

Он сол вабои шадид омаду дар қатори аввалинҳо Гударро аз ҳаёт бурд ва Бҳунгӣ бева монд. Вале ӯ ки табиатан шахси меҳнативу ӯҳдабаро буд, дар танҳоӣ низ дасту по гум накард. Баъзеҳо гумон мекарданд, ки Бҳунгии танҳо зери бори зиндагӣ тоб намеорад. Ҳатто ба фарроши дигар гуфтанд, ки агар Бҳунгӣ аз ӯҳдаи кор баромада натавонад, ё бо ӯ ҳодисае рӯй диҳад, ба ҷои вай хоҳад гузашт.

---

[1] Маъбади Ҷаганнатҳ – маъбадест дар Пурӣ ба шарафи худои Вишну бино ёфта.

Аммо Бҳунгӣ вазифаеро, ки ба ӯҳдааш гузошта буданд, ҳалол иҷро мекард.

Панҷ сол гузашт. Писарчаи касалманду заифи Бҳунгӣ – Мангал ҷон гирифта, нисбат ба писари заминдор – Суреш солимтар менамуд.

Боре Бҳунгӣ дар хонаи Маҳешнатҳ тарнов тоза мекард. Ифлосиҳои зиёде тарновро бастааст. Дар натиҷа мағзоба ҷамъ шудааст. Бҳунгӣ кӯшиш мекард, ки ифлосиҳоро бо чӯби дарози бамбук тела дода поён фарорад. Дасти росташ, ки чӯбро медошт, низ қариб то китф даруни тарнов буд. Баногоҳ чиррос зада дастонашро аз тарнов кашид ва ҳамон дам аз он ҷо мори сиёҳе хазида баромад. Одамоне, ки ба фарёди зан ҷамъ омада буданд, морро куштанд, вале Бҳунгиро аз чанголи марг халос карда натавонистанд. Аввал гумон карданд, ки Бҳунгиро мори обӣ газидааст ва ин чандон хатарнок нест. Аммо чун ихтилоҷ сар шуд, ҳама фаҳмиданд, ки мор заҳрдор будааст.

Мангал ятим монд. Ӯ тамоми рӯз аз дари Маҳешнатҳ дур намешуд. Дар ин хонадон рӯзе ончунон хӯроки пасмонда мемонд, ки барои сер кардани Мангал барин даҳ кӯдаки дигар мерасид. Фақат як чиз ба Мангал хуш намеомад: хӯрокро дар сакора[1] бароварда медоданд. Ҳама аз косаву табақҳои хуб таом мехӯрданду аз чӣ бошад, ки ба вай дар сакора хӯрок медоданд.

Ӯ ҳоло намедонист, ки байни ваю дигарон фарқе ҳаст. Вале бачагони деҳа сари ҳар маврид беҳуқуқии Мангалро хотиррасон карда меистоданд, ӯро ба бозӣ роҳ намедоданд, мезаданд ва масхара мекарданд, ба вай шунавонида мегуфтанд, ки ҳатто бӯрёе, ки Мангал дар рӯи он мехобад, мурдор аст. Кӯдаки бечора зери дарахти калоне, ки начандон дур аз ҳавлии заминдор месабзид, зиндагӣ ба сар мебурд ва тамоми буду шуди ӯро як порча бӯрёи дарида, ду косаи сафолӣ ва дҳотии[2]

[1] Сакора – сафолкосаи дар хумдон пухта нашуда.

[2] Дҳотӣ – порчаи матоъе, ки мардон гирди рон мепечонанд (ба ҷои шарвор).

урён, ки як вақтҳо писарчаи хӯҷаин Суреш пӯшида мегашт, ташкил менамуданд. Дар ҳар мавсим – чи зимистону тобистон ва чи мавсими борон, ягона сарпаноҳи ӯ зери дарахт буд. Вале, қатъи назар аз links гармои ҷонкоҳу сармои тоқатфарсо ва боришҳои беамон, Мангали бадбахт зиндагӣ мекард ва ҳатто аз пештара солимтару пуртоқаттар буд. Ғайр аз он, ӯ ба худ дӯст ҳам пайдо кард – саги бесоҳибе, ки аз таъқиби ҳамҷинсонаш ба дод омада буд, дар симои Мангал пуштибони худро дид. Акнун писарак хӯрокашро бо саг ба ҳам медид, вақти хоб рӯи бӯрё, ӯро назди худ ҷой медод. Ҳатто дар хулқу атвори онҳо шабоҳате ба назар мерасид, онҳо ҳеҷ вақт ҷанг намекарданд ва бо як нигоҳ ҳамдигарро мефаҳмиданд.

Мухлисони урфу одатҳои бобоӣ аз чунин саховати бобу-соҳиб тааҷҷуб мекарданд. Ба фикри онҳо, Мангал барин намояндаи табақаи паст, ҳеҷ набошад панҷоҳ қадам дуртар аз хонаи хӯҷаин бояд гардад. Дар акси ҳол, тамоми хонаводаро мурдор карданаш мумкин. «Туф! Аҳвол минбаъд ҳам ҳамин тавр мондан гирад, дину мазҳаб барбод хоҳад шуд! Ҷорӯбкашро ҳам худо офаридааст, – ин ба мо маълум, – ба онҳо бадӣ кардан нашояд, – инашро низ медонем, – бесабаб худовандро «омӯзгор» наномидаанд. Вале аз шарафи ҷамъият қатъи назар кардан хам дуруст нест. Акнун ба хонаи Маҳешнатҳ наздик шудан ҳам ба кас ногувор шуда монд. Охир вай хӯҷаини деҳа ва ҳар якеро аз аҳли деҳа вақту бевақт ба ӯ муроҷиат кардан лозим меояд. Бовар кунед, кас бо дили ғаш сӯи хонаи вай қадам мемонад!...»

Мангалу Томмӣ дилбастаи якдигар буданд.

– Ҳой, ҷӯраҷон, – муроҷиат мекард Мангал ба Томмӣ, – тамоми бӯрёро банд кардӣ, андак ҷой деҳ, ман ҳам хобам.

Томмӣ дар ҷавоб мингос зада думашро меҷунбониду ба ҷои он, ки худро ба як сӯ гирад, ба Мангал ҷафстар шуда, сару рӯи вайро лесида мегирифт.

Мангал ҳар бегоҳ ҳавлии худашонро низ хабар мегирифт. Соли аввал боми хона, баъд як девори он, сонитар деворҳои дигараш фурӯ рафта, ҳоло ба ҷои хона вайронаи бедару деворе боқӣ монда буду бас. Хона дар хотири Мангал зиндагии беғаш, оғӯши пурмеҳри падар ва муҳаббату навозишҳои модарашро аз нав зинда мекард. Ҳамин хотираҳои нек ва қалби ташнаи навозишхоҳи ӯро пайваста сӯи ин вайрона меовард. Мангал ҳар дафъа болои девори фурӯрафта нишаста ғарқӣ хаёлот мегашт: гоҳо гузаштаро ба хотир меоварду гоҳи дигар дар хусуси оянда орзуҳои нек мекард. Томмӣ бошад, ба сари зонуи ӯ баромаданӣ шуда, дар атрофаш ҷастухез менамуд.

## 5

Боре Мангал аз дур бозии бачаҳоро тамошо мекард. Суреш ба ӯ раҳм кард магар, ё бозингаре ба онҳо намерасид, ки баногоҳ бачаҳо ӯро ҷеғ заданд. Суреш таклиф кард, ки Мангал ба бозӣ қабул карда шавад, дур аз деҳа бозӣ мекунанд, касе онҳоро нахоҳад дид.

– Ҳой, Мангал! Бо мо бозӣ мекунӣ?

– Не! – ҷавоб дод Мангал. – Хӯҷаин бинад чӣ мегӯяд? Ту-ку дар ҳар ҳол халос меёбӣ, маро бошад, пӯст мекананд!

Дар ин ҷо моро кӣ мебинад? Тез биё, саворабозӣ мекунем! Ту асп мешавӣ, мо бошем, болои ту савор мешавем...

Мангал фиреби онҳоро пай бурд.

– Чӣ, ман ҳамеша асп мешавам ё ба навбат?..

Бачагон ба миён омадани чунин саволро чашмдошт набуданд, Суреш андаке хомӯш монду гуфт:

– Худат фикр кун, кӣ розӣ мешавад, ки ту болои вай савор шавӣ? Ҳарчи бошад ҳам ту ҷорӯбкашӣ!

Мангал ҳам паст наомад.

– Ман мункир нашудаам, ки ҷорӯбкашам. Аммо модари ман ба ту ҳам шир додааст. Аввал шумо маро пуштора кунед, баъд ман шумоёнро. Шумоён хуб са-

вор мешудаеду ман бошам, ҳама вақт асп... Не, ин хел найранг ба кор намеравад!

– Маҷбур мекунам, ки асп шавӣ! – таҳдидкунон ба Мангал ҳамла овард Суреш.

Мангал гурехт. Суреш аз паси ӯ метохт. Вале чун ӯ аз пурхӯриву беғамӣ фарбеҳу лаванд буд, баъди чанд сония нафасгир шуда монд.

– Биё, Мангал, андак бошад ҳам, маро пуштора кун, вагарна ба дастам афтӣ, расо мекӯбам, – аз паси Мангал фарёд кард Суреш.

– Аввал худат асп шав.

– Хуб, баъд ман ҳам туро пуштора мекунам.

– Не! Фиреб мекунӣ! Аввал ту маро пуштора кун, баъд навбати ман. Дар ҳақиқат Суреш ӯро фиреб доданӣ буд. Иддаои Мангалро шунида, ба рафиқонаш муроҷиат кард:

– Дидед, ин ҷорӯбкаши аблаҳро?!

Бачагон дар як он Мангалро печонида гирифтанду Суреш зӯран ба пушти вай савор шуд.

– Чу-чу, аспаки ман, чу-чу!– гӯён фарёд кард. Мангал чанд қадам пеш рафту ҳис кард, ки дигар тоқати бардоштани чунин бори гаронро надорад. Бештар хам шуда буд, ки Суреш аз болои сараш лағҷида ба замин афтод ва гиря бардошт.

Суреш ба таври фавқулодда гиря мекард: гумон мекардед, ки дар роҳи оҳани камбар паровоз буғ мезанад. Аз ҷои дур ҳам модари Суреш овози писарашро мешинохт. Ӯ ин дафъа ҳам гиряи писарашро шунида, хизматгорзанро фармуд:

– Рафта бин, Суреш дар куҷо гиря мекунад? Шояд касе ӯро ранҷонида бошад?

Ҳамин вақт ашкҳояшро ба рӯяш молида худи Суреш расид. Одатан, чӣ ҳодисае ки рӯй надиҳад, ӯ пеш аз ҳама ба пеши модараш тохта рафта шикоят мекард. Модар ӯро тасаллӣ дода, бо меваю ширинҳои зиёд зиёфат мекард. Писарак ҳаштсола шуда бошад ҳам, тамоман гӯлу нодон буд. Чӣ қадаре ки ғизои аз ҳад зи-

ёд ба ҷисми ӯ таъсири бад расонида бошад ҳамон қадар ғамхориҳои беандозаи модар ақлу идроки вайро сусту маъюб карда буд.

– Чаро гиря мекунӣ, писарҷонакам! Кӣ туро ранҷонид? – пурсид модар.

– Мангал маро зад!

Модар бовар накард. Мангал бачаи ҳалиму беозор аст, ҳеҷ кас ягон гуноҳ содир кардани ӯро надидааст. Вале қасами Суреш модарро маҷбур кард, ки ба гунаҳкории вай бовар кунад. Ӯ Мангалро ба назди худ хоста, мазаммат кард:

– Ҳой, Мангали нобакор! Ин чӣ бадкирдорист?! Ман ба ту борҳо гуфтам, ки ба Суреш дастназанӣ! Фаромӯш кардӣ магар? Ҷавоб деҳ!

– Ёд дорам, – ғурунгос зад Мангал.

– Пас чаро ба ӯ расидӣ?

– Ман ба вай нарасидам.

– Ҳамин тавр гӯй! Пас чаро вай гиря мекунад?

– Афтод, барои ҳамин гиря мекунад.

– Нобакор, бадкирдорӣ мекунаду боз иқрор намешавад! – Зани хӯҷаин ба ғазаб омад. Хост торсакие занад, вале аз раъяш гашт – баъди ин ғусл кардан лозим мешавад. Шахси бадзотро ҳатто бо чӯб занӣ ҳам, мурдор мегаштаӣ. Бинобар ин занак Мангалро хуб ҳақоратборон кард ва фармон дод, ки тезтар аз ин ҷо нест шавад.

– Боз як бори дигар туро назди ҳавлӣ бинам, рӯзатро сиёҳ хоҳам кард! Нони бе дарди миёнро хӯрда бадкирдорӣ мекунад!

Мангал наранҷид, лекин тарсид. Чизе нагуфта, сафолкосаву бурёкӯҳнаашро ғундошту бо чашмони пурашк рафт. Ӯ дигар ба ин ҷо нахоҳад баргашт. Беҳтар, ки аз гуруснагӣ мирад, вале ҳеҷ гоҳ барнамегардад. Магар ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Дар тамоми деҳа сарпаноҳе надорад. Кӣ ҳам ба ҷорӯбкаш паноҳ медод?

Пойҳояш писаракро беихтиёр ба харобаи ҳавлиашон – ба олами хотироте, ки андак ба дили шикастааш

тасаллӣ бахшида метавонистанд, оварданд. Мангал дар як гӯшаи хароба нишаста зор-зор мегирист.

Ҳамин вақт ба наздаш Томмӣ, ки кайҳо дӯсташро ҷустуҷӯ мекард, тохта омад. Мангал ҳамроҳи Томмӣ танҳову бекасии худро як қадар фаромӯш кард.

**6**

Рӯз ба охир мерасид. Ҳасрату алами дилхароши Мангал ҳам андак кам шуд. Вале чӣ қадар рӯҳаш кушода гардад, ҳамон қадар эҳсоси гуруснагӣ боло мешуд. Нигоҳи ӯ беихтиёр ба сафолкоса қарор гирифт. Дар ҷои кӯҳнааш мебуд, шояд ҳозир ба вай сарқути хӯроку шириниҳои аз Суреш мондаро бароварда медоданд. Дар ин ҷо чӣ хӯрдание меёбӣ?

– Акнун чӣ мехӯрӣ, Томмӣ, – ба сагаш рӯ овард Мангал. – Ман-ку, гурусна ҳам хоб рафта метавонам.

Томмӣ минг-минг садо баровард, гӯё гуфтан мехост, ки «як умр зиллат кашидан лозим мешавад, бародар. Ин хел рӯҳафтода шавӣ, зиндагӣ чӣ даркор? Ба ман нигар, бо чӯб зананд, фарёд мекунаму пас аз фурсате боз дум ҷунбонида меҳрубонӣ мекунам. Аз афташ насиби ману ту ҳамин будаст, ҷӯра!»

– Набошад, ту рав, – ҷавоб дод Мангал, – дар бораи ман ташвиш накаш. Томмӣ бо забони сагонаи худ эътироз кард: «Танҳо намехоҳам, фақат ҳамроҳи ту хоҳам рафт».

– Ман намеравам!

– «Он вақт ман ҳам намеравам».

– Аз гуруснагӣ мемирӣ!

– «Худат чӣ?»

– Бо ман сару коре надоранд, мурам ҳам касе ашк нахоҳад рехт.

– «Ба мурдаи ман ҳам. Тирамоҳ ба модасаге дил бастам, вай бошад, баъди чанде бо саги дигар гурехта рафт. Хайрият, ки сагбачаҳоро бо худ бурд, вагарна аҳволи ман тамоман бад мегардид. Шиками панҷ сагро бо чӣ сер мекардам?»

Баъди чанд дақиқа гуруснагӣ далели навро ба кор андохт.

– Хонум моро мекофтагист. Ҳамин тавр нест, Томмӣ?

Набошад чӣ? Бобу ва Суреш кайҳо хӯрокашонро хӯрдаанд. Хизматгор пасмондаҳоро бароварда моро кофта гаштагист».

– Ёд дорӣ, дар табақи бобу-ҷӣ ва Суреш чӣ қадар равғану боз... номаш чӣ буд, чизи хеле бомаза?... ҳа, ба ёдам омад, – қаймоқ мемонд?!

«Ҳамаашро ба тӯдаи ахлот бурда мерезанд».

– Биё, андак сабр кунем. Шояд касе моро суроғ карда биёяд?

«Ӯро суроғ мекардаанд! Гӯё ки ту коҳин ҳастӣ! Якду маротиба «Мангал! Мангал!» гуфта чеғ мезананду тамом. Пасмондаҳоро ба тӯдаи ахлот бурда мерезанд».

– Хайр, биё рафтем. Фақат ман пинҳон мешавам. Агар касе ҷеғ назанад, баргашта меравам, диниста бош!

Онҳо аз вайрона баромада, сӯи ҳавлии Маҳешнатҳ раҳсипор гардиданд. Чун ба ҳавлӣ наздик шуданд, худро ба як гӯшаи торик зада мунтазир истоданд. Тоқати саг тоқ шуду оҳиста ба ҳавлӣ даромад. Дид, ки Маҳешнатҳу Суреш ҳанӯз аз сари дастархон нахестаанд. Вай хеле эҳтиёткорона худро ба айвон гирифт.

Овози хизматгорзанон ба гӯш мерасид, ки ба ҳам сӯҳбат мекарданд.

– Мангали мо ба назар наменамояд, – гуфт яке.

– Имрӯз зани хӯҷаин ӯро ҷанг карда буд, ба ҷое гурехта рафт магар?

– Хуб шудааст, – гуфт дар ҷавоб дигаре... – Вагарна чашматро ки кушодӣ, рӯ ба рӯят ҳамин ҷорӯбкаши малъунро мебинӣ...

Мангал саросема худро ба қаъри торикӣ зад. Умедҳои ӯ барбод рафтанд.

Маҳешнатҳ хӯрокашро хӯрд. Хизматгор барои дастшӯӣ ба вай об овард. Ҳозир ӯ чилим мекашаду

пас, рафта хоб мекунад. Суреш ҳам баъди фурсате дар паҳлӯи модараш афсона шунида ба хоби ноз меравад. Кӣ парвои Мангали бечора дорад? Ин қадар вақт гузашту ҳеҷ кас ӯро садо ҳам накард.

Мангал то дер хомӯшу маъюс рост истод. Билохир оҳи вазнине кашида, хост, ки равад, хизматгор пасмонда дар даст, аз ҳавлӣ баромад. Мангал худро ба рӯшноӣ зад. Вай дигар худдорӣ карда натавонист.

– Э-э-э, ту ин ҷо будӣ? – ҳайрон шуд хизматгор. – Гумон кардем, ки ба ҷое рафтаӣ. Гир, хӯр. Ба ахлоттӯда мепартофтам.

– Кайҳо боз дар ин ҷо истодаам, – бечуръатона ҷавоб дод Мангал.

– Чаро нагуфтӣ?

– Тарсидам.

– Хайр, хӯр! – Хизматгор баргеро, ки рӯи он пасмондаҳоро андохта меовард, ба кафи дарозкардаи Мангал ҳаво дод. Писарак бо фурӯтанӣ ба вай нигоҳи миннатпазиронае афканд.

Томмӣ ҳам аз айвон давида омад ва ҳар ду дар таги дарахт ба тановул шурӯъ карданд.

Мангал сари сагро сила карда монд:

– Акнун донистӣ, ки гуруснагӣ чист? Хайрият, бо ҷангу маломат бошад ҳам, шикамамонро сер карданд. Вагарна аз гуруснагӣ мурдан мумкин...

Томмӣ дум ҷунбонида монд.

– Охир Сурешро модари ман шир дода калон кардааст!

Томмӣ боз дум ҷунбонид.

– Мегӯянд, ки инсон ҳаққи шири модарро бо ҳеҷ гуна пулу мол адо карда наметавонад. Мебинӣ, дар назари ин касон шири модар чӣ баҳое дорад?

Томмӣ бори сеюм дум ҷунбонид...

# САНҶИШ

## 1

Раиси вилояти Девгарҳ сардор Суҷҷонсинкҳ дар пиронсолӣ ёди худо кард. Рӯзе ба ҳузури маҳароҷа рафта арз намуд: «Эй мушфиқи бечорагон! Чиҳил сол аст, ки ғуломашон дар хидмати фармонфармои худ мебошад. Вале рӯз ба рӯз заъфи пирӣ маро ғолиб меояду иҷрои корҳои давлатӣ бароям вазнинӣ мекунад. Метарсам, ки худо накарда, хатое содир намояму пирӣ ва номи неки худро, ки ба туфайли хидмати якумра ба даст овардаам, доғдор созам. Бо ҳамин сабаб, рухсат диҳед, даст аз мулозимат бардошта, умри боқимондаро ба хидмати худованд вақф намоям».

Роҷа-соҳиб вазири пуртаҷриба ва дар сиёсат борикбини худро ниҳоят эҳтиром мекард. Вай то дер хоҳиши вазирро қонеъ нанамуд, вале чун дид, ки қарори вазир қатъист, маҳароҷа розӣ шуд, аммо ба як шарт: худи сардор Суҷҷонсинкҳ бояд барои вилоят вазири нав пайдо кунад.

Рӯзи дигар рӯзномаҳои номии мамлакат хабар доданд, ки ба Девгарҳ вазири нав лозим аст. Касоне, ки худро муносиби ин вазифа мешуморанд, ба ҳузури вазири ҳол – сардор Суҷҷонсинкҳ бояд ҳозир шаванд. Соҳибдиплом будани муддаиён зарур нест, вале онҳо ҳатман бояд солиму зиндадил бошанд. Ашхоси гирифтори касалии меъда аз эътибор соқит ҳастанд.

Дар Девгарҳ дар тӯли як моҳ тарзи зиндагӣ, рафтору кирдор ва нуқтаи назари муддаиён санҷида хоҳад шуд, аз донишмандии онҳо дида сидку садоқаташон бештар ба эътибор гирифта хоҳад шуд. Касе, ки аз чунин санҷиш мегузарад, вазифаи олии вазириро мушарраф хоҳад гашт.

## 2

Ин эълон тамоми мамлакатро ба ҳаяҷон андохт. Чунин вазифаи олӣ ва ҳеҷ гуна маҳдудият? Ҳама аз

бозии тақдир вобастааст! Садҳо касон барои бахтозмоӣ камар бастанд.

Ба Девгарҳ ҳар рӯз гурӯҳҳои нав ба нави одамони гуногун меомаданд. Яке аз Панҷоб, дигаре аз Мадрос, яке дар ҳар бобат навпараст, дигаре мафтуни соддагии қадима.

Ба пандиту мавлавиҳо низ мавқеи хуби бахтозмоӣ пеш омада буд. Ин бечорагон аз бедипломии худ як умр азият мекашиданд, маълум гардид, ки дар ин ҷо зарурати ҳеҷ гуна диплом ҳам набудааст! Дар Девгарҳ муддаиён бо саллаву ҷома, кулоҳу қабо ва либосҳои рангоранги пурҳашам дар назди ҳамдигар худнамоӣ кунанд ҳам, шахсони соҳибдиплом қисми зиёди ин тоифаро ташкил менамуданд: шарти диплом доштанро зарур нашуморад ҳам, ҳар чиро бо вай рӯпӯш кардан мумкин аст.

Сардор Суҷҷонсинкҳ ҳамаи ин ҷанобонро ба рутбаи олӣ қабул кард. Муддаиён дар кулбаҳои барояшон муайян шуда нишаста, монанди мусулмонони рӯзадор рӯз мешумориданд ва ҳар кадом барои нишон додани хулқу атвори неки худ мекӯшиданд.

Мистер А, ки одатан то соатҳои нӯҳ хоб мекард, ҳоло дар боғ сайругашткунон шафақи субҳро пешвоз мегирифт.

Мистер Б, ки одати ҳуққакашӣ[1] дошт, ба сигор гузашт, ки онро ҳам бевақтии шаб, дари кулбаро баставу чароғро хомӯш карда, баъд мекашид.

Мистерҳои В,Г,Д, ки дар хонаҳояшон ба мулозимони худ азобу шиканҷа медоданд, дар ин ҷо ба онҳо «шумо» ва «ҷанобашон» гуфта муроҷиат мекардагӣ шуданд.

Ҷаноби К-ро ҳама чун ломазҳаб ва пайрави Гакслӣ мешинохтанд. Ҳоло ӯ худро то дараҷае шахси диндор вонамуд кардааст, ки бо дидани вай коҳини маъбадро ваҳми аз даст додани мансаб фаро мегирад.

---

[1] Ҳуққа – як навъ чилим, ки ба ҷои ной найчаи дароз ва нӯкдор дорад.

Мистер Л. як умр аз китоб нафрат дошт. Акнун бошад, ҳамарӯза ӯро машғули мутолиаи китобҳои ғафс-ғафс мебинанд. Бо кадоме аз ин ҷанобон мусоҳиб шавед, таҷассуми ҳалимиву кирдори ҳасана менамоянд. Бараҳман то поси шаб машғули қироати веди[1] муқаддас буда, мавлавӣ – соҳиб ғайр аз намозу тиловати Қуръон кори дигар намекард. Ба гумони мардум, ин ҳама душвориҳо муваққатист, навъе карда бо онҳо тоқат намудан мумкин. Ҳамин ки кор пухт, ҳоҷат ба эътибори фикри дигарон ҳам намешавад.

Вале одамшиноси кӯҳна худро аз назарҳо ниҳон дошта, мушоҳида мекард, ки дар байни ин лаклакон қу кадом аст.[2]

## 3

Боре як гурӯҳ навпарастон дар рӯи алаф чавгон бозиданӣ шуданд. Ташаббускори ин таклиф мухлисони кордидаи чавгонбозӣ буданд. Охир, чавгонбозӣ ҳам илм аст ва инро ниҳон доштан лозим нест. Илова бар ин, кӣ медонад, шояд чобукдастӣ ҳам муваффақият орад.

Таклиф ҷомаи амал пӯшид!

Ба командаҳо тақсим шуда бозиро сар карданд. Гӯй монанди шогирдпешаи ягон идора зарбаҳои паиҳамро қабул мекард.

Барои сокинони вилояти Девгарҳ чунин бозӣ тамоман ғайримуқаррарӣ буд. Дар ин ҷо шахсони ботамкин ва соҳиби маълумот бо шоҳмоту қарта барин бозиҳои ҷиддӣ шуғл меварзиданд, даву тозу ҷаҳидан бошад, машғулияти бачагона маҳсуб мешуд.

Бозӣ бо шавқу завқ давом мекард, ҳангоме ки ҳуҷумкунанда гӯйро гирифта сӯи дарвозаи ҳариф метохт, гумон мекардед, мавҷи бузурге ҳамла меорад.

---

[1] Вед – китоби муқаддаси ҳиндувон.

[2] Дар достонҳои халқии Ҳиндустон қу тимсоли ақлу заковат мебошад.

Вале муҳофизатгар мисли девори оҳанӣ ин мавҷи боло рафтаистодаро бозмедошт.

Бозӣ то бегоҳ давом кард. Бозингарон суп-сурх шуда, аз сару рӯяшон арақ мерехт, чашмҳояшон медурахшиданд. Хунашон ба ҷӯш омада, сари синаашон вазнин-вазнин баланд мешуд, аммо маълум набуд, ки кадом гурӯҳ бозиро бурдаасту кадоми дигар бохта. Билохир ҳаво торик шуд. Бозӣ хотима ёфт ва бозингарон барои дамгирӣ нишастанд. Аз майдончае, ки бозӣ ҷараён дошт, андаке дуртар ҷӯи васеъ ҷорӣ буд. Ҷӯй пул надошт ва лозим шавад, ҳар кас ба ҳар навъ аз як соҳил ба соҳили дигари он мегузашт. Ҳангоми дамгирии бозингарон аробаи марди деҳқоне, ки ба вай ғалла бор карда шуда буд, ба ҷӯйбор дармонд. Ҷӯй ниҳоят лойолуд ва ҳар ду соҳилаш нишеб буда, ароба аз он баромада наметавонист. Ҳарчанд деҳқон ба сари барзаговон дод мезад ва ҳарчанд чархи аробаро тела медод, суде намебахшид. Бори ароба ниҳоят вазнину барзаговон заиф буданд.

Ароба қариб аз ҷой намеҷунбид, агар ягон ваҷаб боло бардошта шавад ҳам, ҳамоно ба ҷои пештараи худ лағжида мефаромад. Марди деҳотӣ аз ноилоҷӣ ба ғазаб омада барзаговҳоро чӯбкорӣ ҳам кард, вале ароба аз ҷой намеҷунбид. Бечора маъюсона ба ҳар сӯ менигаристу касеро, ки ба вай имдод мекарда бошад, намедид. Хулоса, ба сари бечора бадбахтии бузург афтода буд. Дар худи ҳамин вақт бозингарон пайдо шуданд, ки чавгон дар даст бо виқор қадам зада меомаданд. Деҳқон тарсида-тарсида ба онҳо нигарист, лекин ба имдод талабидан ҷуръат накард. Чавгонбозон бошанд, ба вай ҳавобаландона нигоҳ мекарданд. Аз нигоҳашон на муҳаббату мурувват, балки такаббуру худпарастӣ ҳувайдо буд.

Дар байни бозингарон шахсе ҳам буд, ки қалбаш аз ҳамдардиву ҷавонмардӣ саршор. Вай ҳангоми бозӣ пояшро маҷрӯҳ карда, ҳоло лангон-лангон аз ҳама ақиб қадам зада меомад. Аробаро дида, вай аз роҳ бо-

зистод. Алъон чавгонро ба лаби ҷӯй гузошта, пиджакашро аз тан кашиду ба деҳқон наздик омада пурсид:

– Ёрдам диҳам?

Деҳқон дид, ки дар рӯ ба рӯяш марди қоматбаланд ва тануманде истодааст.

– Ҷаноби олӣ! Чӣ тавр ман аз шумо илтимос кунам? – бечуръатона ҷавоб дод ӯ.

Ҷавонмард гуфт:

– Аз афташ, нағзакак ғӯтида мондӣ. Хайр, ту ба ароба нишину барзаговонро рон, ман аз қафо тела медиҳам. Дар як он мебарорем.

Деҳқон ба болои ароба баромад, ҷавон зӯр зада чархҳоро тела дод. Лойқаи ҷӯй хеле чуқур будааст, ки ҷавон то зону ғӯтида, вале ҷасоратро аз даст надод. Вай боз як бори дигар зӯр зад, дар худи ҳамин вақт деҳқон ба барзаговҳо дӯғ зад. Барзаговҳо имдодро ҳис намуда, гарданҳои худро хам карданду якбора, бо зӯр пеш рафтанд ва ароба ба баландии соҳили ҷӯй баромад.

Деҳқон муаддабона каф ба ҳам гузошта, рӯ ба рӯи ҷавон истод:

– О, Маҳароҷа! – гуфт ӯ. – Маро наҷот додед. Агар шумо намебудед, ба ман тамоми шаб ин ҷо нишастан рост меомад.

– Ба мукофоти хизматам чӣ медиҳӣ? – хандакунон пурсид ҷавон.

– Худо агар хоҳад, мансаби вазирӣ насиби шумо хоҳад гашт.

Ҷавон ба марди деҳотӣ бо диққат нигарист. «Боз худи Сӯҷҷонсинкх набошад? – аз дил гузаронид ӯ. – Овозаш ҳам ба вай монанд, тарҳи рӯяш ҳам». Деҳқон ҳам ба ҷавон нигоҳи зиракона афганд ва шояд аз гумони ӯ пай бурда бошад, табассумкунон гуфт:

– Гавҳарро фақат ҳамон вақт меёбӣ, ки чуқуртар ғӯта занӣ.

## 4

Як моҳ ҳам гузашт. Рӯзи интихоби вазир расид. Муддаиён аз саҳарии барвақт барои тақдири худро донистан кӯшиш менамуданд. Ба назари онҳо рӯз сол барин менамуд. Дар чеҳраи эшон нури умедро сояи ноумедӣ иваз мекард. Бахти кӣ имрӯз омад мекарда бошад, назари бомарҳамати Лакшмӣ[1] ба кӣ меафтода бошад...

Бегоҳӣ роҷа – соҳиб маҷлиси қабул орост, ашрофу сарватмандони пойтахт, мулозимони давлатӣ, аҳли дарбор ва муддаиёни мансаби вазирӣ – ҳама дар либосҳои идона худнамоӣ мекарданд. Дили муддаиён метапид.

Билохир сардор Суҷҷонсинкҳ аз ҷой бархост ва гуфт:

Ҷанобон, талабгорони мансаби ман! Бубахшед, шумоёнро хеле бероҳат намудам. Мехостам шахсеро пайдо кунам, ки қалбаш аз тараҳҳум холӣ набошад ва дар айни ҳол иқтидори маънавӣ дошта бошад.

Дили бомурувват ва рӯҳи қавиро меҷӯстам, ки бо бадбахтӣ мардонавор мубориза бурда тавонад. Ба бахти вилояти мо, чунин касро пайдо кардам. Дар дунё шахсоне, ки ба чунин хислатҳои нек соҳибанд, кам ёфт мешаванд. Бисёриҳо дар қуллаи шӯҳрату эҳтиром буда, мо ба онҳо расида наметавонем. Бо вуҷуди ин, вилоятамонро бо Ҷонкинатҳ барин вазир, ки дорои чунин хислатҳои ҳасана мебошад, табрик менамоям.

Мулозимони давлатӣ ва ашрофон, инчунин муддаиёни мансаби вазирӣ ба сӯи Ҷонкинатҳ чашм дӯхтанд. Вале дар нигоҳи аввалинҳо ҳисси эҳтиром акс ёфта бошад, дуюмиҳо ба ӯ бо ҳасад менигаристанд.

Сардор-соҳиб бошад сухани худро идома медод.

– Шахсе ки дар ҳолати маҷрӯҳӣ барои аз ботлоқ баровардани аробаи пурбор ба деҳқони камбағале мадад расонидааст, замираш аз ҷавонмардиву ростқавлӣ ва

[1] Лакшмӣ – олиҳаи бахт ва ҷамол.

меҳрубониву мурувват холӣ нест. Ҳар яки шумо бидуни шубҳа инро эътироф менамоед.Чунин шахс ҳеҷ гоҳ ба камбағалон ҷабру ситамро раво нахоҳад дид. Иродаи ӯ қавист ва он ақлу заковати вайро дастгирӣ хоҳад кард. Бигзор ӯро ҳатто фиреб диҳанд, вале вай ҳеҷ гоҳ аз роҳи тараҳҳуму адолат берун нахоҳад рафт.

## ЗАН – САРДОРИ ОИЛА

### 1

Мистер Сетҳ ба ҳама чизи ҳиндӣ нафрат дошт, завҷаи ӯ Годаварии соҳибҷамол бошад, чизҳои хориҷиро бад медид. Вале худдориву фурӯтанӣ ороиши занони Ҳиндустон аст ва Годаварӣ чизҳои хориҷиро, ки шавҳараш меовард, истифода мекард. Бо вуҷуди ин аз ҳисси бечорагиву заифии худ зимнан ғусса мехӯрд. Соатҳои ба пешайвони болохона баромада кӯчаро тамошо карданаш бисёр занони раҳгузарро, ки сориҳои кҳаддарӣ[1] дар тан, бо сарбаландӣ қадам мезаданд, медиду бо ҳасрат оҳи чуқур мекашид. Дар чунин дақиқаҳо гумон мекард, ки дар тамоми дунё зане бадбахттар аз вай набояд бошад, – охир ӯ барои ҳамватанонаш ҳамин хел хизмати ночизро ҳам адо карда наметавонад!

Ҳангоми сайру гашти бегоҳӣ ё, вақте ки бо исрори шавҳараш барои дилхушӣ ба ҷое мерафт, Годаварӣ ҳамеша аз сару либоси хориҷиаш хиҷолат мекашид. Вале чун дар маҷаллаву рӯзномаҳо баромадҳои оташин ва ватанпарастонаи занонро мехонд, чашмонаш

---

[1] Кҳаддар – матоъи дағали дастбофт. Соли 1905 дар Ҳиндустон ҳаракати «свадешӣ» (айнан «истеҳсоли ватанӣ») ба вуҷуд омад. Тарафдорони ин ҳаракат бо мақсади дастгирӣ кардани саноати миллӣ истеҳсоли молҳои дастбофтро тарғиб ва ба матоъҳои хориҷӣ ҷанг эълон карданд. Ҳазорҳо касон ба нишони ҳамрайъӣ ба ин ҳаракат аз матоъҳои дағали дастбофт либос мепӯшиданд

медурахшиданд ва дар чунин лаҳзаҳо фаромӯш мекард, ки дар ин ҷо, дар ин ҳавлӣ дасту пои ӯ маҳз бо хоҳиши шавҳараш банд аст.

... Иди ҳолӣ[1] буд, соатҳои ҳашти бегоҳ. Дар хиёбоне, ки рӯ ба рӯи ҳавлии мистер Сетҳ воқеъ гардидааст, издиҳоме аз пайравони ҳаракати «свадеши» ҷамъ омада барои иҷрои маросими сӯзондани матоъҳои хориҷӣ тайёрӣ медиданд. Дили Годаварӣ, ки дар назди тирезаи хонааш истода, рафти маросимро мушоҳида менамуд, аз ҳаяҷон фишор мехӯрд. «Чӣ хушбахтанд ин ҳама! Аз озодии худ нашъа мебаранд, бо ҳисси ифтихор гулхан меафрӯзанд, ман бошам, чун мурғи қафасӣ аз парвози озодона маҳрумам, – фикр мекард ӯ. – Занҷирҳои дасту поямро чӣ гуна бояд шикаст?...»

Вай ба хона як назар андохт: ягон чизи ҳиндӣ ба чашмаш намехӯрд – ҳама хориҷӣ. Ҳозир он ҷо, дар кӯча ин қабил чизҳоро дар гулхан месӯзанд, ин ҷо бошад, онҳо бо эҳтиёт дар сандуқҳо нигоҳ дошта мешаванду чун ғуссаи беинтиҳои ӯ манфуранд.

Ногоҳ Годаварӣ ҳис кард, ки дар қалби ӯ иштиёқи ҳамаи ин чизҳоро бароварда ба гулхан ҳаво додан ҷӯш мезанад, бигзор сӯхта хокистар шаванд ва якҷоя бо ғуссаву нотавонии вай чун дуд пароканда гарданд. Вале аз тарси шавҳараш боз дасту пояш бемадор шуд.

Ҳамин вақт ба хона мистер Сетҳ даромад.

– Бингар, ин мардуми девона матоъҳоро месӯзанд, – ба гап сар кард ӯ. – Охир ин беақлист, ҷаҳолат аст, балвои ҳақиқӣ! Дуруст гуфтааст касе, ки ҳиндуҳо аҳмақанд ва ҳамин хел хоҳанд монд... Аз афташ ин дарди бедавост.

– Худи ту магар ҳинду нестӣ? – пурсид Годаварӣ.

– Бале, – бо қаҳр ҷавоб дод Сетҳ, – ва ҳар соату ҳар дақиқа таассуф мехӯрам, ки дар ин мамлакати бадбахт ба дунё омадаам. Намехоҳам, касе маро ҳинду гӯяд, ё

[1] Ҳолӣ – иди баҳор дар Ҳиндустон ки ба нимаи моҳи март рост меояд.

ҳиндустонӣ хонад. Ба ҳар ҳол, дар рафтору кирдор, одобу муошират ва ҳатто сару либоспӯшӣ кӯшиш менамоям, ки касе маро ҳинду гуфта натавонад... Худат гӯй, модоме, ки матоъҳои аълосифатро ҳар газаш[1] ҳашт аннагӣ[2] харида метавонем, аз паси ин хел чиптаи дурушт тохтан чӣ ҳоҷат? Дар чунин масъалаҳо ҳар кас бояд соҳибихтиёр бошад... Ман ба ҳамин ҳайрон, ки чаро полис ба ин гуна ҷамъомадҳо роҳ медиҳад? Ҳокимият ба дасти ман мебуд, фавран ба ин гуна номаъқулиҳо хотима медодаму рӯзи ташкилотчиёни онро низ сиёҳ мекардам!

– Наход нисбат ба ҳамватанони худ ҳеҷ гуна ҳисси ҳамдардиву эҳтиром надошта бошӣ? – аз ҳаяҷон қариб дод зад Годаварӣ. Ба ман гӯй, ғайр аз Ҳиндустон мамлакати дигареро медонӣ, ки дар он аҷнабиён ҳукмронӣ кунанд? Ҳатто майдатарин мамлакатҳои ҷаҳон барои аз ғуломӣ озод гардидан кӯшиш менамоянд. Наход касе аз мулозимони ҳиндустонӣ шарм надорад, ки ба ивази музди ночизе хизмати инглисҳоро ба ҷо меорад, ба бародарони худ беадолатиро раво мебинад?

– Ман онҳоро бародарони худ намешуморам! – абрувонашро дарҳам кашида гуфт Сетҳ.

– Вале маоше, ки ҳукумат ба ту медиҳад, аз кисаи ҳамин одамон гирифта мешавад! – маломатомез бонг зад Годаварӣ.

– Маоши маро аз кисаи кӣ меситонанд, барои ман фарқе надорад, – эътироз кард Сетҳ. – Касе ки музди меҳнати маро медиҳад – хӯҷаини ман аст. Дигараш кори ман нест. Намефаҳмам, ки ба ин мардуми девона чӣ ҷин зада бошад... Мегӯянд, ки Ҳиндустон мамлакати тамаддуни олии динист. Магар ин маданият иборат аз зеру забар кардани қонуни илоҳӣ мебошад? Модоме, ки як барги дарахт бе хости худованд намеҷунбад, оё мумкин аст, мамлакати бузург чун Ҳиндустон бе

[1] Газ – ченаки дарозӣ, тақрибан ба 90 см. баробар аст.
[2] Ҳашт анна ба ним рупия баробар аст.

розигии вай зери ҳокимияти инглисҳо бошад? Наход ин девонаҳо барои фаҳмидани чунин чизи оддӣ ҳам ақл надошта бошанд, ки бе амри худои таолло касе ба инглисҳо даст расонида наметавонад...

– Модоме ки ин тавр аст, ба ту кор кардан чӣ лозим? – сухани ӯро бурид Годаварӣ. – Худо хоҳад, нон ҳам худ ба худ пайдо мешавад. Агар ҳама чиз аз худо бошад, чаро андак ки нотоб шудӣ, ба духтур метозӣ? На, худо ҳам ба касе мадад мерасонад, ки худаш ғами хешро хӯрад.

– Бале, гапат дуруст, вале бо дасти худ хонаи хешро оташ задан, асбобу ашёро барбод додан кори шоиста нест, ин ба худованд ҳеҷ гоҳ хуш намеояд.

– Чӣ, ба фикри ту, ин одамон хомӯш мунтазир шаванд, рӯзе худ аз худ беҳбудӣ насибашон мегардад?

– Не онҳо бояд гиря кунанд – чунон, ки кӯдак бо гиря аз модар шир металабад...

Ҳамин лаҳза алангаи гулхан баланд гардида, забонаҳои оташ ба осмон панҷа заданд. Гумон мекардед, ки худои озодӣ пироҳани оташ дар бар, ба оғӯши худоёни осмонӣ мешитофта бошад.

Сетҳ тирезаро пӯшонид; тамошои чунин манзара барояш таҳаммулнопазир буд. Годаварӣ бошад, мисли ҳайвони ба қурбонӣ маҳкум гардида, ки мунтазири азоимхонист, бе ҳиссу ҳаракат меистод. Ҳамин вақт аз кӯча садои суруде ба гӯш расид:

*... Рӯзе мерасад, Ватан озод мегардад!*

Дили аз ғусса лабрез гардидаи Годаварӣ якбора фишор хӯрд. Вай бошаст тирезаро кушода ба поин назар афканд. Писарбачаи нобино даф дар даст гирди гулхан гашта суруд мехонд:

*... Рӯзе мерасад, Ватан озод мегардад!*

Вақте, ки писарбача ба тиреза наздик шуд, Годаварӣ фарёд кард:

– Ҳой, нобино! Андак исто!

Писарбача бозистод. Годаварӣ сӯи сандуқ шитофт то чанд пуле гирифта ба писарбачаи нобино диҳад. Вале ба дасташ фақат тангаи якпайсагӣ омад... Дар сандуқ дигар пулҳои коғазӣ ва тангаҳои якрупиягиву нимрупиягӣ ҳам буданд, албатта, аммо ӯ ба як писарбачаи нобино як рупияи бутун ё пули коғазии қурбаш аз ин ҳам бешро тақдим карда метавонад магар?

Ду-се пайса бошад ҳам ӯ бе ҳеҷ гуна андеша онро ба писарбача мепартофт, вале дар сандуқ фақат якто тангаи якпайсагӣ будааст. Ҳамон ҳам чунон суда шуда буд, ки дар бозор касе қабул накардаасту хизматгор пас гардонида овардааст. Годаварӣ танга дар даст, як дам хиҷолатомез ба андеша рафт. Пас ба лаби тиреза омада писарбачаро садо карду ҷониби вай тангаро партофт.

– Модарҷон, ягон чизи хӯрданӣ медодед, – илтимос кард нобино, – аз пагоҳ боз чизе нахӯрдаам.

– Тамоми рӯз садақа металабиву ҳеҷ кас ба ту хӯрдание надод?

– Чӣ илоҷ, модарҷон, касе як лаб нон ҳам намедиҳад...

– Ба ин як пайса доназирбон харида хӯр.

– Албатта, модарҷон, худо ба шумо бахту саодат бахшад! Худи ҳозир андак ором хоҳам гирифт.

## 2

Рӯзи дигар Конгресс митинги серодам ташкил намуд.

Мистер Сетҳ бошад, дандонҳояшро бо хокаву дандоншӯяки хориҷӣ тоза, бо собуни хориҷӣ шустушӯй карда дар пиёлаҳои хориҷӣ бо кулчаву равғани хориҷӣ чои хориҷӣ нӯшид. Аз болои он шири хориҷӣ хӯрд ва либоси хориҷӣ дар тан, сигори хориҷиро дудкунон аз хона баромад, савори мототсикили хориҷӣ ба тамошои намоиши гулҳо раҳсипор шуд...

Годавариро тамоми шаб хоб набурд. Яъсу ноумедӣ

дили ӯро реш-реш мекард. Ба назараш чунон менамуд, ки даруни ӯро ким-чи хел сӯзише фаро гирифтааст. Дар андешаи он буд, ки ба кадом роҳ ба шавҳараш таъсир расонад. Охир, ҳар воситаеро, ки раво бошад ба кор бурда дид. Вале, ҳайҳот! На табассуми карашмаомез, на хушгӯиву навозиш ба ин одам таъсир накард... Нафақат худаш ба либоси миллӣ пӯшидан розӣ нашуд, балки ба Годаварӣ аз кҳаддар сорӣ пӯшиданро низ манъ кард.

Билохир Годаварӣ қасам хӯрд, ки дигар ҳеҷ гоҳ бо хоҳише ба шавҳараш муроҷиат нахоҳад кард. Мисли он ки оби зулолро як мушт хок хира карда бошад, беҳтарин эҳсосоти ӯ аз ғуссаву ғазаб тира мегардид. «Модоме ки ӯ майдатарин хоҳиши маро қабул намекунад, чаро ман бо фармони ӯ зиндагӣ кунам, канизи майлу хоҳиши вай бошам? – андеша мекард ӯ. – Охир, ба вай қалбамро нафурӯхтаам-ку... Рафту имрӯз ӯ дуздӣ кунад ё ҷинояти дигаре содир намояд? Наход ба ҷои вай ман ҷазо бинам? Не, бигзор ҳар кас ба кирдори худ ҷавобгар бошад. Модоме, ки ӯ ҳақ дорад мувофиқи хоҳиши худ гап занад, амал кунад, чаро ман аз ин ҳуқуқ маҳрум бошам? Агар вай нисбат ба ҳукумат вафодории ғуломона зоҳир намояд, ба инглисҳо хушомадгӯӣ кунад, ман ҳам бояд ҳамин тавр кунам? Ҳеҷ гоҳ!.. Ва агар дар замирам нисбат ба касе, ки худро эҳтиром намекунанду чашмонашро пардаи манфиатпарастӣ гирифтааст, муҳаббате намонда бошад, гуноҳи ман нест.

Охир вай кист – хизматчӣ ё ғулом? Мавқеи хизматчӣ аз мавқеи ғулом фарқ надорад магар? Ба фикрам, хизматчӣ вазифаи худро аз рӯи қонуни давлатӣ, ки ҳам барои ӯ ва ҳам барои хӯҷаинаш риоя кардани он ҳатмист, адо мекунад. Агар хӯҷаин густохӣ карда ба таҳқири хизматчӣ роҳ диҳад, дуюмӣ бояд чунин залолатро бардошт накунад. Ғулом – гапи дигар. Дар ин ҳол бадбахтӣ на дар он аст, ки ӯ ҷисман мутеъи хӯҷаин мебошад, балки дар он аст, ки вай табиатан ғулом ме-

бошад! Масалан, шавҳарам... Ҳукумат-ку ба вай харидани чизҳои ҳиндустониро манъ накардааст. Баръакс, дар маркаҳои давлатӣ ҳатто навишта шудааст, ки «Молҳои истеҳсоли миллиро харид кунед. Маълум мешавад, ки ҳукумат хариди ин молҳоро манъ намекунад. Вале ин ҷаноб бо мақсади ба калонон тамаллуқ задан аз ҳукумат ҳам гузаштанӣ барин...»

Вақте ки мистер Сетҳ ба хона баргашт, аз занаш сулҳҷӯёна пурсид:

– Пагоҳ ба намоиши гулҳо меравӣ?

– Н-е, – нохушона ҷавоб дод Годаварӣ.

– Чунон манзараи зебо ки...

– Ман ба митинги Конгресс меравам.

Дар ин дақиқа ба сари Сетҳ боми хона фурӯ мерафт ё ҷараёни барқ мезад, шояд ба даҳшат намеафтод. Вай чашмонашро аз косахона бароварда бонг зад:

– Чӣ?! Ту ба митинги Конгресс меравӣ?!

– Бале, ҳатман!

– Ман намехоҳам, ки ту ба он ҷо равӣ.

– Ту, ки дар хусуси ман фикр намекунӣ, ман ҳам барои қонеъ гардонидани ҳар як талаби ту маҷбур нестам.

– Вале оқибати ин кор нек намешавад, – таҳқиромез гуфт Сетҳ.

– Натарсон, дар ин ҷо ҳеҷ кас туро санами тавоно нахондааст! – фарёд зад Годаварӣ ва гӯё сина ба зарби ханҷари ӯ доштанӣ бошад, рӯ ба ҷониби вай гардонд.

Оташи ғазаби мистер Сетҳ аланга гирифт, вай ба занаш таҳдид мекард. Ниҳоят бо қавоқи овезон, ба хонаи хоб даромада рафт.

Пагоҳӣ ба занаш ҳарфе назада, сӯи намоишгоҳ раҳсипор шуд.

## 3

Вақте ки Годаварӣ ба митинги Конгресс омад, дар маҷлисгоҳ аллакай ҳазорҳо марду зан ҷамъ гардида буданд. Раиси маҷлис ҳозиронро даъват мекард, ки

вазифаи ватандӯстонаи худро иҷро намуда, ҳарчи метавонанд ба фонди «свадеши» ҳисса гузоранд. Ионағундорӣ сар шуд. Годаварӣ дар байни занон истода, рафти воқеаро мушоҳида мекард. Чун дар ин ҷо ҷамъомадагон асосан мардуми оддӣ ва камбағал буданд, аксарият ду-се аннагӣ иона медоданд. Годаварӣ ҳам киссаашро кофта коғази якрупиягиро бароварду «ҳамин ҳам кифоя» гӯён мунтазири наздик омадани ионағундор шуд.

Баногоҳ аз ким-куҷо ҳамон писарбачаи нобино, ки Годаварӣ ба вай як пайса садақа дода буд, пайдо шуд. Бо наздик шудани ионағундор писарбача ба халтаи вай чизеро ҳаво дод. Чашми ҳама ба халта дӯхта шуд: мехостанд донанд, ки ин нобино чӣ хайрот карда бошад. Охир вай тамоман ҳеҷ чиз надорад, баъзан аз субҳ то шом, то гирифтани овозаш суруд мехонаду касе як лаб нон ҳам намедиҳад. Агар ӯ сурудҳои худро дар ягон театр таҳти садои пешвоҷу соз[1] мехонд, халта-халта пул кор мекард, вале ҷавони нобино, ки кӯча ба кӯча суруд мехонад, ба дили кӣ ҳам асар карда метавонад...

Нобино тангаро ба халта партофту ҳамоно аз издиҳом дур шуд ва баъди чанде аз дур боз суруди ӯ садо дод:

*Рӯзе мерасад, Ватан озод мегардад!*

– Дӯстон, нигаред, – ба халқ муроҷиат кард раиси маҷлис, – мана он як пайсае, ки ҷавони нобино ба халтаи иона андохтааст! Ба фикрам ин пайса аз сад рупияи сарватмандон бештар арзиш дорад. Шояд ҳамин як пайса тамоми сарвати ин писарбачаи қашшоқро ташкил менамуд... Модоме, ки ба мо чунин шахсони фақиру бенаво ҳамраъйи мекунанд, боварии комил дорам, ҳақиқат ғалаба хоҳад кард.

Оё шумо медонед, ки чаро дар маҷлиси имрӯзаи мо ин қадар гадоёни бадбахти зиёд иштирок доранд? Шо-

---

[1] Пешвоҷ ва соз – асбобҳои мусиқии ҳиндӣ.

яд аз он сабаб бошад, ки ҷамъият онҳоро бо кор таъмин карда наметавонад, ё аз сабаби бемориҳо, ки дар натиҷаи шароити номусоиди зиндагӣ сар мезанаду ин фалокатзадагонро аз саломатӣ маҳрум месозад, билохир шояд аз сабаби тарзи зиндагии муфлисона, ки ҷисму ҷони онҳоро суст кардааст? «Свараҷ»[1], фақат «свараҷ» онҳоро аз ин ҳол мераҳонаду бас!

Гӯш кунед: «Рӯзе мерасад, Ватан озод мегардад!» – месарояд ӯ. Дар ин қалби кулфатзада чӣ қадар эҳсосот ҷӯш мезанад! Наход баъди ин ҳам касе шубҳа мекарда бошад, ки мо ифодакунандаи овози халқ ҳастем?

Баъди чунин суханон ӯ тангаи якпайсагиро болои сараш бардошта бо овози баланд ба издиҳом муроҷиат намуд:

– Кадоме аз шумо ин чизи қимматбаҳоро харида метавонад?

Годаварӣ бисёр мехост донад, ки оё ин ҳамон тангаест, ки ӯ дирӯз ба нобино додааст. Наход вай барояш хӯрдание нахарида бошад?

Ӯ ба миз наздиктар омада, ба танга нигоҳ карду дилаш ба тапиш даромад... Пеши назараш ҳамон тангаи судашуда меистод. Аз ин рафтори олиҳимматонаву ҷонфидоии писарбача Годаварӣ ба риққат омада буд. Вай бо овози аз ҳаяҷон ларзанда ба раис муроҷиат кард:

– Ин пайсаро ба ман диҳед, ба ивази панҷ рупия.

Раис бо овози баланд эълон кард:

Яке аз хоҳарони мо барои ин як пайса панҷ рупия медиҳад...

– Даҳ рупия! – нидо кард касе.

– Бист рупия, – гуфт марде, ки на чандон дур аз Годаварӣ меистод.

Годаварӣ ба сӯи ӯ нигарист. Чеҳраи мард аз табассуми худписандона медурахшид, гӯё мегуфт, ки «ме-

---

[1] Свараҷ – айнан худидоракунӣ, шиоре ки трафдорони ҳаракати «свадеши» пешниҳод карда буд.

бинем, кӣ ба мо зӯрозмоӣ карда метавонад». Дар дили ҷавонзан иштиёқи мағлуб намудани ӯ шӯъла зад. Ҳарчи бодо бод, вай намегузорад, ки пайса ба дасти ин мард афтад. Фикр мекунад, ки ба бист рупия оламеро ба даст овардааст!

– Чил рупия! – бо овози баланд гуфт Годаварӣ.

– Панҷоҳ! – ҳамоно садо дод марди ношинос.

Издиҳом чашм ба Годаварӣ дӯхта буд: гӯё мегуфт, ки умеди мо ба туст.

Годаварӣ як ба рақибаш нигаристу бо ғазаб «сад рупия!» – гуфт. Вале марди сарватманд паст намеомад.

– Яксаду бист! – фавран луқма дод ӯ.

Мардум гумон карданд, ки марди пулдор гаравро мебарад ва ба ташвиш омада, ҳамдардона ба Годаварӣ нигоҳ карданд. Вале «яксаду панҷоҳ» гуфтани занро шунида монанди он, ки тамошобинон дар зӯрозмоӣ ғалабаи гӯштингири дӯстдоштаи худро табрик мекарда бошанд, қарсак заданд.

Марди ношинос ҳам мағлуб шуданро намехост.

– Яксаду ҳафтоду панҷ рупия... – нимғурма овоз баровард ӯ.

– Дусад рупия! – бо садои қатъӣ ҷавоб дод Годаварӣ.

Боз ҳозирон хурсандона кафкӯбӣ карданд, рақиби ӯ бошад сари вақт аз майдон рафтанро афзалтар донист. Мардуми аз шодӣ гул-гул шукуфта атрофи Годавариро ҳалқавор печониданд, аз чор тараф садои табрику муборакбод баланд мешуд. Вай бошад, ифтихори ғалабаи худро зери табассуми хоксорона нигоҳ дошта, дар мобайн меистод.

## 4

Чун ҳозирон фаҳмиданд, ки ин хонум ҳамсари мистер Сетҳ мебошад, баробари шодӣ, дар қалбашон инчунин эҳсосоти дилсӯзӣ нисбат ба вай пайдо гардид...

Мистер Сетҳ ҳанӯз дар намоишгоҳ буд, ки яке аз

афсарони полис дар хусуси ин воқеа ба вай хабар овард. Мистер Сетҳ гумон кард, ки дасту пойҳояш аз кор мемонанд. Вале баъди як дақиқа ба худ омада муштҳояшро ғичиррос занонда сӯи хонааш шитофт. Вай то ин дам мототсикили худро ҳеҷ гоҳ бо чунин суръати тез наронда буд.

Вориди хона гардиду ба занаш нигоҳи ғазаболуде афканда фарёд зад:

– Чӣ, мехоҳӣ маро тамоман бадном созӣ!

– Одам барин гап зада метавонӣ ё ба сари ман ҳамеша дод заданӣ ҳастӣ – оромона ӯро боздошт Годаварӣ... – Наход ҳаминро ҳам нафаҳмӣ, ки шарафи ту доғдор гардад, ин ба ман ҳам дахл дорад. Худо накарда, бо ту бадбахтие рӯй диҳад, кӣ пуштибони ман мешавад?

– Аз рафтори ту тамоми шаҳр ба шӯр омадааст! – хитоб кард Сетҳ. – Чаро пули маро иона кардӣ?

– Чунки ман онро аз они худ мешуморам, – бо мулоимат ҷавоб дод Годаварӣ.

– Гапи намешудагӣ! – дандонҳояшро ғичиррос занонд Сетҳ. – Ҳақ надорӣ, ки пули маро харҷ кунӣ!

– Хато мекунӣ, – Эътироз намуд Годаварӣ. – Дар сарфи ин пулҳо ман ҳам баробари ту ҳақ дорам. Фақат ҳамон вақт аз ин ҳуқуқ маҳрум хоҳам гашт, ки роҷеъ ба талоқ қонун қабул кунанду[1] аз рӯи он ту ба ман талоқ диҳӣ.

Мистер Сетҳ кулоҳашро чунон бо шаст ҳаво дод, ки вай аз рӯи миз парида ба гӯшаи дигари хона ғелида рафт.

– Аз кӯтоҳандешии ту бисёр таассуф мехурам, – гапашро идома дод ӯ. – Ақаллан ягон маротиба фикр кардӣ, ки чунин рафтори худсаронаи ту ба чӣ бурда мерасонад? Дар ҷои корам пурсу ҷӯ кунанд, ман чӣ мегӯям? Ҷавоб деҳ!...Модоме ки Конгресс бар зидди

---

[1] Ҳукумати Ҳиндустон фақат соли 1954 дар бораи талоқ қонун қабул кардааст.

ҳукумат амал мекунад, ба вай кӯмак кардан душмани ҳукумат будан нест магар?

– Охир ба Конгресс ту мадад накардай-ку!

– Аммо ту кардай!

– Ба ин кӣ ҷавоб медиҳад – ту ё ман? Чӣ, агар ман дуздӣ кунам, туро ба ҳабс мебаранд?

– Дуздӣ ба ин кор чӣ муносибат дорад? Ин кор тамоман дигар аст.

– Яъне имдод кардан ба Конгресс аз дуздиву ғоратгарӣ бадтар гуфтани ҳастӣ?

– Бале, барои мансабдори ҳукуматӣ ин кор аз дуздиву ғоратгарӣ хавфовартар аст.

– Нафаҳмидам...

– Хеле бад, ки ту инро то ҳол нафаҳмидай. Ҳар субҳу шом рӯзнома мехониву боз аз ман мепурсӣ... Ҳангоми дар митинг баромад кардани ин ё он конгрессчӣ даҳҳо мулозимони полис дар либоси оддӣ аз паи ӯ назорат мекунанд. Теъдоди зиёди ҷосусон аз паи намояндагони Конгресс гашта аз ҳар қадами онҳо маълумот дода меистанд. Ҳатто аз паи дуздон ба ин дараҷа назорати шадид бурда намешавад. Бинобар ҳамин ҳам ҳар рӯз даҳҳо ҳодисоти дуздӣ, ғоратгарӣ ва одамкушӣ ба вуқӯъ меояду дар бораи онҳо баъзан касе хабар ҳам намеёбад. Ин ҳол полисро низ тамоман ба ташвиш намеорад. Вале, агар вай пай барад, ки кор андак ранги сиёсӣ дорад, ҳамоно ҳозир мегардад. Аз инспектори генералӣ[1] то констебел[2] – ҳама мурданивор ҷидду ҷаҳд мекунанд. Барои ҳукумат дуздон чандон хавфовар нестанд: онҳо ба ҳокимияти вай таҳдид намекунанд. Ба ҳокимияти ӯ Конгресс чашм ало мекунад, бинобар ин ҳукумат барои муҳофизати худ аз ҳар роҳ истифода мебарад. Ва ин табиист...

Мистер Сетҳ ҳамон рӯз бо хавоси парешон роҳи

---

[1] Инспектори генералӣ – аз мансабҳои олии полисӣ дар замони ҳокимияти инглисҳо дар Ҳиндустон.

[2] Констебл – полиси қаторӣ.

корхонаашро тай намуд. «Худо медонад, имрӯз дар он ҷо чӣ гап бошад»... меандешид ӯ. Ба идора омада вай мисли ҳаррӯза чапросиро[1] мазаммат накард, ба клеркҳо дастуруламал надод, хомӯшона ба ҷои худ рафта нишаст. Ба назараш чунон менамуд, ки болои сараш шамшери бараҳнае ниҳонӣ рост шудааст. Бо шунидани овози автомобили соҳиб ранг аз рӯи Сетҳ парид, ҳис мекард, ки ҳамин дам дилаш аз тапиш бозмемонад. Одатан, вай дар кабинети худ кор карда менишасту баъди ним соати ба сари кор расидани соҳиб барои ахбор додан назди ӯ медаромад. Имрӯз бошад, ҳангоми аз мошин фуромадани соҳиб Сетҳ дар айвон истода бо таъзими муаддабона хӯҷаини худро пешвоз гирифт. Вале соҳиб аз ӯ рӯй тофт.

Бо вуҷуди ин, Сетҳ худро гум накарда пеш гузашту пардаи даромадгоҳро бардошта ба соҳиб роҳ дод, пас баъди ба хона ворид гардидани хӯҷаин, бодбезакро ба кор андохт. Дар тӯли ҳамаи ин вақт вай бо тарсу ларз фикр мекард, ки «кай шамшер ба гарданаш мехӯрда бошад?» Баробари ба курсӣ нишастани соҳиб, Сетҳ саросема қуттии сигорро боз карда, бо гӯгирд пеши ӯ гузошт...

Ногоҳ, гӯё осмон дар болои сараш гулдуррос зада таркид: соҳиб бо овози пурғазаб бонг зад:

– Шумо хиёнаткоред!

Сетҳ чизеро нафаҳмидагӣ барин мутаҳайирона ба соҳиб нигарист.

Соҳиб бо адоват такрор намуд:

– Шумо хиёнаткоред!

Хун ба рӯи Сетҳ зад, вале ӯ оромона ҷавоб дод:

– Гумон мекардам, ки дар ин мамлакат шояд шахсе бовафотар аз ман пайдо нагардад.

– Шумо хоин!

Рухсораҳои мистер Сетҳ арғувонӣ шуданд, вале ӯ худдорӣ кард:

---

[1] Чапросӣ – пешхизмат, қосид.

– Беҳуда ин тавр мегӯед, соҳиб-ҷӣ.

– Шумо зодаи иблис! – фарёд кард дар ҷавоб соҳиб.

Чашмони мистер Сетҳ аз ғазаб дурахшиданд.

– Дониста бошед, ки ман ба шунидани чунин ҳақорат одат накардаам... – сар кард ӯ.

– Хомӯш, нобакор! Ҳукумат ба шумо на барои он моҳе панҷсад рупия медиҳад, ки ба воситаи занатон ба Конгресс мадади пулӣ расонед! Фаҳмидед, на барои он ба шумо пул медиҳанд!

Сетҳ қарор дод, ки ҳоло айни вақти ҳимояти худ расидааст.

– Бовар кунед, – сухан оғоз намуд ӯ, – ҳамсарам ба Конгресс иона дода муқобили раъйи ман амал кардааст. Ман он вақт дар намоиши гулҳо будам; аз мисс Френк ба панҷ рупия гулдаста харида ба хона баргаштам; фақат ҳамин вақт аз воқеа хабар ёфтам.

– О! – сухани ӯро бурид соҳиб. – Ту маро боз аҳмақ ҳам кардан мехоҳӣ!

Ин фикри шубҳаангез барқвор ба сари соҳиб заду оташи ғазабашро баландтар кард. Ким-кадом шахси маҳаллӣ ба аҳмақ кардани ӯ – касе, ки хӯҷаини Ҳиндустон мебошад, ҷуръат кардааст! Заминдорони калон дар назди вай сар хам кунанд, сарватмандони номӣ ба хизматчиёни ӯ инъомҳо пешкаш намоянду ким-кадом зоти маҳаллӣ ӯро масхара карданӣ шавад? Не, ӯ ба ин кор роҳ намедиҳад! Ва соҳиб аз рӯи миз ҷадвалро гирифта ба сӯи Сетҳ ҳаво дод.

Сетҳ ҳам аз буздилон набудааст. Одатан ӯ ба соҳиб хушмадгӯӣ кунад ҳам, ба чунин залолат тоб оварда натавонист. Вай ҷадвалро бардошта як қадам қафо рафту бо чунон шасте ба рӯи соҳиб фаровард, ки чашми ҷабрдида сиёҳӣ зад...

Соҳиб ин гуна муқобилиятро мунтазир набуд. Вай бовар дошт, ки халқи маҳаллӣ сулҳдӯст, ором ва беҷуръат аст, дар назди аврупоиҳо бошад, вай умуман ба даҳон кушодан метарсид, ҳоло бошад...

Ӯ худро ба рӯи курсӣ партофта хуни рухсораашро

пок мекард. Дигар ба давом додани моҷаро ҷуръат накунад ҳам, хаёлан нақшаҳои гуногуни қасосгириро мекашиду аз бадбахтие, ки Сетҳро дар пеш аст, дарун-дарун завқ мебурд.

Мистер Сетҳ бошад, ба хонаи кориаш баргашту ғарқи андешаҳо шуд. Вай аз кори кардагиаш пушаймон набуд, баръакс, аз ҷасорати худ меболид. «Разилиро бинед-а! Ҷадвалро ба ман ҳаво диҳад! – фикр мекард ӯ. – Тарсонидан мехоҳад! Мэм-соҳиб[1] бо рафиқонаш ба сайру гашт равад, ҳеҷ гап не, вай ҷуръати дар ин хусус ба ӯ лаб кушодан надорад... Ба ман бошад, дармеафтад... Ҳозир ба назди комиссар тохта мерафтагист... Акнун то маро аз кор пеш накунонад, намемонад. Ҳамааш айби Годаварӣ. То ҳамин дараҷа маро шармандаву шармсор кунад-а! Акнун як лаб нон ёфтан ҳам душвор мегардад... Албатта, касе аз ман чизеро пурсида ҳам намешинад. Якбора дар хусуси аз кор хориҷ карданашон фармон мефиристанду вассалом. Дар ин бора ба кӣ ҳам шикоят мекунӣ? Дуруст аст, ки котиби вазорат ҳиндуст, вале ӯ аз худи инглисҳо ҳам инглистар. Вазири корҳои дохилӣ низ ҳиндустонист, аммо вай ҳам ғуломи инглисҳо. Ба Конгресс иона додани Годавариро шунавад, вараҷа гирифтагӣ барин ба ларза медарояд. Хуллас, умеди ҳақиқат доштан нашояд, беҳтар ки аз ин ҷо биравам...»

Бо чунин андешаҳо Сетҳ дар бораи аз кор рафтанаш ариза навишта ба соҳиб фиристод. Вай ҳам фавран «хориҷ карда шавад» гуфта имзо кард.

## 5

Мистер Сетҳ нисфирӯзӣ бо сари хам ба хона баргашт.

– Чаро имрӯз ин қадар барвақт омадӣ? – пурсид Годаварӣ.

– Он чӣ мехостӣ, ба сарам расид, – ғур-ғур кард бо

[1] Мэм – хонум, бону.

қаҳр ба занаш нигариста. – Акнун ашк рез, дод гуфта ба сарат зан!

Чӣ воқеа рӯй дод? Дурустакак фаҳмонӣ намешавад!

Чӣ воқеа рӯй дод? –чашмони Сетҳ барқ заданд. – Соҳибро задам ва аз кор хориҷ гардидам.

– Чаро фавран аз кор рафтӣ?

– Чӣ, ба фикри ту, то сари маро хӯрданаш нигоҳ карда нишинам? Модоме ки ба туфайли ту ба чунин ҳол афтодам, имрӯз ё фардо аз кор рафтанам ногузир буд.

– Хайр, хуб шудааст. Аз имрӯз эътиборан ту ҳам ба ҳаракати Конгресс иштирок мекунӣ.

– Шармандагӣ бас, дигар ба ҷароҳати ман намак напош! – лаб газида гуфт Сетҳ.

– Чиҳо мегӯӣ? Хеле шодам, ки билохир аз ин завлона раҳоӣ ёфтӣ...

– Минбаъд чӣ кор мекунам, ту дар ин бора фикр кардӣ?

– Бале, хуб фикр кардам, гӯш кун... Акнун фақат бо гуфти ман амал мекунӣ. То имрӯз ман ба фармони ту будам, минбаъд ту ба фармони манӣ. Ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ хусус ба ту шикоят накардаам, ҳамин тавр не? Ҳар ғизое меовардӣ, истеъмол мекардам, ҳар либосе мехаридӣ – мепӯшидам. Мехостӣ, дар қаср зиндагӣ мекардам, хоҳӣ – дар кулбаи вайрона. Акнун навбат ба ту: итоаткор бошу ҳар чӣ мефармоям иҷро намо. Мебинӣ, оқибаташ бад нахоҳад буд! Бузургии инсон дар либоси зебои хориҷӣ ё зеварот нест, бузургӣ онест, ки замири кас софу беғаш бошад... То ин дам ту фармонфармои ман будӣ, акнун ман сардори оила мешавам...

Сетҳ ба занаш нигоҳи пурмеҳре карду хандид.

*Робиндранат ТАКУР*

# МОҲАМАЙЯ

## 1

Моҳамайя ва Роҷиблочон дар маъбади кӯҳнаю харобгаштаи соҳили дарё вохӯрданд.

Моҳамайя ҳарфе назада маломатомез ба Роҷиб нигоҳ кард. «Чӣ тавр ҷуръат кардӣ, ки маро ин ҷо даъват намоӣ, боз дар чунин маҳал! – гӯё мегуфт нигоҳи ҳамеша ҷиддӣ ва андешамандонаи ӯ. – То ҳол ба ҳар чӣ ки мегуфтӣ, гӯш мекардам, вале ту аз ҳад зиёд густох гаштаӣ».

Роҷиб бе ин ҳам дар ҳузури духтарак эҳсоси беҷуръатӣ мекард, ба замми ин, боз чунин нигоҳ. Вай ин ҷо бо азми дар мавзӯи муҳиме бо духтарак гапзанон кардан омада буд, вале акнун аз ҳаё дасту по гум карда, забонаш лол гардид. Лекин, агар худи ҳозир ба духтарак ба чӣ мақсад ӯро ба ин мулоқот даъват карданашро нафаҳмонад, – кор расво мешавад. Бинобар ин вай саросемавор гуфт:

– Биё, аз ин ҷо мегурезему зану шавҳар мешавем.

Роҷиб маҳз чизи мехостагиашро гуфт, вале бе муқаддимае, ки онро дар дил тайёр карда мегашт. Бинобар ин суханони ӯ чунон беобу ранг ва дурушт баромаданд, ки ба назар тааҷҷубовар менамуданд. Ӯ ин суханонро нимғурма, забонаш гирифта-гирифта ба забон овconfigurations дигар ягон ҳарфе зада натавонист.

– Оҳ, Роҷиби нодон! Дар ин нисфирӯзӣ Моҳамайяро ба соҳили дарё, дохили маъбади вайрона даъват кардану ба ҷуз «биё, зану шавҳар мешавем» сухани беҳтаре ёфта натавонистан!

Моҳамайя духтараке буд аз оилаи як вақтҳо ба авлоди асилзодагони номӣ мутааллиқ, синнаш ба бисту чор расидаву ҳусну ҷамолаш дар айни камолот. Ӯ муҷассамаи аз тиллои хом сохташуда, офтоби

тирамоҳиро мемонд, ки нурҳои дурахшони худро оромона, батамкин мепошад. Чашмони ниҳоят зебои ӯ кушоду ҷасурона нигоҳ мекарданд.

Падари Моҳамайя вафот кардаву вай танҳо бо акааш Бҳобаничорон Чоттопадҳай зиндагӣ мекард. Бародару хоҳар зоҳиран одамони соҳиби хулқу хӯи якхела буданд: камгап, вале дар нигоҳи ҳар яке чунон як қуввае ниҳон буд, ки он хомӯшона чун гармои нисфирӯзӣ дили касро месӯзонид. Аз чӣ бошад, ки ҳама аз Бҳобаничорон хеле метарсиданд.

Роҷиб бошад, инҷоӣ набуд. Ӯро ба ин ҷо мудири фабрикаи шоҳибофии маҳаллӣ, ки падари Роҷиб дар он хизмат мекард, оварда буд. Баъд аз вафоти падараш мудир тарбияи Роҷиби хурдсолро ба зиммаи худ гирифта, пас аз андаке ба воя расиданаш ӯро ба фабрикаи Бамонҳотӣ оварда буд. Ҳамроҳи писарча танҳо холаи меҳрубони ӯ низ ба ин ҷо омада буд. Онҳо дар ҳамсоягии Чоттопадҳайҳо маскан гузидаву дере нагузашта Моҳамайя ва Роҷиб ба ҳамдигар дӯст шуданд. Холаи Роҷибу Моҳамайя низ ба ҳамдигар ниҳоят меҳр баста буданд.

Роҷиб калон мешуд. Синни ӯ ба нуздаҳ расидаву сарфи назар аз таклифҳои қатъии холааш, хонадор шудан намехост. Ин оқилии ғайриоддии ҷавони банголиро фаҳмида, ҳомии вай ба чунин хулоса омад, ки ҷавон ҳаёти ӯро ба худ намуна қарор додааст (мудир муҷаррад буд) ва ниҳоят шод гардид.

Дар ин марҳила холаи Роҷиб вафот карду ҷавон яккаву танҳо монд.

Барои Моҳамайя бошад кайҳост, ки домоди аз ҷиҳати аслу насаб барояш муносибро меҷустанд, вале намеёфтанд. Аз тарафи дигар тӯй ҳам хароҷоти зиёдеро металабид.

Солҳои ҷавонии Моҳамайя мегузашт.

Ҳоҷати ба хонанда хотирнишон кардан нест: никоҳ – кори илоҳист. Вале, гарчи худованде, ки риштаи

никоҳ дар ихтиёри ӯст, то ҳол нисбат ба ин ду ҷавон бемасъулиятӣ зоҳир карда бошад ҳам, худои ишқу муҳаббат вақтро муфт намегузаронид! Ҳангоме, ки Прачапатии[1] кӯҳансол пинакӣ меравад, Кандарпаи[2] ҷавон бедору ҳушёр аст.

Ҳукми худои муҳаббат Кандарпа нисбат ба ҳар кас ҳар хел зоҳир мегардад. Роҷиб фурсати қулае меҷуст, ки ба Моҳамайя якчанд сухани навозиш гӯяд, вале духтарак ба ин роҳ намедод – нигоҳи ҷиддӣ ва бодиққати ӯ ба дили тапидаистодаи Роҷиб беҷуръатӣ меовард.

Билохира, имрӯз ҷавон тамоми ҷасорати худро ҷамъ карда Моҳамайяро ба ин маъбади вайрона даъват намуд. Ӯ қарор дод, ки имрӯз ба Моҳамайя буду шуди гапро мегӯяд, пас ҳар чӣ бодо бод – ё хушбахтии якумра ва ё марг. Вале дар ин рӯзи таърихии ҳаёти худ Роҷиб фақат «Биё, зану шавҳар мешавем» гуфта тавонисту дигар монанди мактаббачае, ки дарсро фаромӯш карда бошад, хомӯш монд.

Нисфирӯзӣ аз садоҳои маҳзуни ба зӯр шунида шаванда, ки сукунатро халалдор мекарданд, пур буд. Дари нимкандашудаи маъбад, ки аз шамол алвонҷ хӯрда, гоҳ пӯшидаю гоҳ кушода мешуд, садои пасту ҳазине мебаровард: назди дарича баланд кабӯтарон қур – қур мекарданд; дар шохи дарахти тут эзорсурхак ба як оҳанг нӯл мезад; аз хазонтӯда хишир – хиширкунон калтакалосе хазида баромад; аз ҷониби саҳро насими фораме вазида, барги дарахтонро ба ҷунбиш овард; оби дарё, гӯё якбора аз хоб бедор шуда бошад, оҳиста ба зинаҳои нимвайрона бархӯрдан гирифт. Дар байни ин ҳама садоҳои тасодуфӣ ва ноаниқ аз ким – кадом дуро дурҳо оҳанги форами наи чӯпое ба гӯш мерасид.

---

[1] Прачаптӣ – дар асотири ҳиндӣ офаринанда буда, худои никоҳ низ шуморида мешавад.

[2] Кандарпа – дар асотири ҳиндӣ яке аз номҳои худои муҳаббат Камадева.

Роҷиб барои ба рӯи Моҳамайя нигоҳ кардан ҷуръат нанамуда, ба девори маъбад такякунон сӯи дарёи ором, ки гӯё пинак мерафт, назар меафканд.

Пас аз андаке ӯ рӯяшро ба тарафи духтарак гардонида, ба вай бо илтиҷо чашм дӯхт. Духтарак сар ҷунбонид:

– На, ин номумкин аст.

Дар як он ҳамаи умеду орзуҳои Роҷиб барбод гардиданд. Ӯ хуб медонист, ки акнун дар олам касе қодир нест, ки Моҳамайяро барои ин қарори худро табдил додан маҷбур карда тавонад. Духтараке, ки дар табақаи ӯ ҳисси ифтихори наслӣ дар давоми асрҳои зиёд тарбия карда мешавад, оё метавонад барои ҳамсари Роҷиб барин бараҳманзодаи оддӣ будан розӣ гардад? Муҳаббат дигар асту издивоҷ тамоман чизи дигар. Моҳамайя тасаввур ҳам карда наметавонист, ки ин рафтори бемулоҳизаи ӯ ба Роҷиб ин қадар ҷасорат мебахшад. Вай ҳамоно рафтанӣ шуд. Азми ӯро фаҳмида, ҷавон саросемавор гуфт:

– Ман фардо аз ин ҷо меравам.

Дар лаҳзаи аввал Моҳамайя худро чунон вонамуд кард, ки гӯё ин хабари нав барои ӯ тамоман аҳамияте надорад, вале ба ин кор қудраташ нарасид.

Ӯ рафтанӣ шуд, лекин дар вай маҷоли аз ҷой ҷунбидан ҳам намонда буд. Ба ҳар ҳол ӯ бо як оҳанги оромона:

– Чаро? – гуфта пурсид.

Хоҷаи маро ба Шонапур, ба фабрикаи дигар мегузаронанд. Вай мехоҳад маро бо худ барад, – ҷавоб дод Роҷиб.

Моҳамайя чанд дақиқа хомӯш монд. «Роҳи ҳаёти одамон гуногун аст, – фикр мекард ӯ, – касеро то дер назди худ доштан мумкин нест».

Пас духтарак оҳи вазнине кашиду оҳистакак: – «Хайр» – гуфта боз рафтанӣ шуд, ки ногоҳ Роҷиб фарёд зад:

– Ҷаноби Чаттерҷӣ!

Духтарак Бҳобаничорони ба маъбад наздик шудаистодаро диду фаҳмид, ки акааш онҳоро дидааст.

Роҷиб хавфи ба Моҳамайя таҳдид кардаистодаро пай бурда, аз девори харобаи маъбад ҷаҳида гузаштанӣ шуд, аммо духтарак аз дасти ӯ маҳкам дошт.

Бҳобаничорон ба маъбад даромада, ба ҳар дуи онҳо хомӯшона назар афканд.

Моҳамайя ҷасурона ба Роҷиб рӯй гардонида гуфт:

– Роҷиб, ман ба хонаи ту меоям, мунтазир бош!

Бҳобаничорон ҳарфе назада, аз маъбад баромад, Моҳамайя ҳам аз паси ӯ равона шуд, ҷавони ба тааҷҷуб афтода, гӯё ки ҳукми қатлашро шунида бошад, дар ҷояш шах шуда монд.

## 2

Бегоҳии ҳамон рӯз Бҳобаничорон челии[1] сурхеро оварда ба Моҳамайя пӯшониду фармуд, ки аз пасаш ояд.

Натанҳо фармон, балки ишораи Бҳобаничоронро ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ ба рад кардан ҷуръат намекард. Моҳамайя ҳам ба ӯ муқовимат карда натвонист.

Онҳо ба соҳили дарё, ба ҷое ки мурдагонро месӯзониданд, равон шуданд. Ин ҷо ба хонаи онҳо наздик буд. Дар ин ҷо дар кулбачаи зоирин бараҳмани кӯҳансоле марги худро мунтазир мехобид. Акаву хоҳар назди бистари пирамард рафтанд. Дар кунҷи дигари кулба коҳин меистод. Бо ишораи Бҳобаничорон вай зуд ба маросими никоҳ тайёр шуд. «Маро ба ин шахси мурдаистода никоҳ мекунанд!» – фаҳмид Моҳамайя, аммо ҳеҷ гуна муқовимат зоҳир накард. Дар кулбачаи нимторике, ки фақат аз шӯълаи ду гулхани мурдасӯзонӣ равшанӣ мегирифту ғурунг-ғурунги

---

[1] Челӣ – либоси абрешимии занона. Челии сурхро арӯсон дар шаби никоҳ мепӯшанд.

нофаҳмои мантрахонӣ[1] бо нолиши дамимаргии пирамард ба ҳам меомехт, сурат гирифт.

Рӯзи дигари издивоҷ Моҳамайя бева монд. Вале ин бадбахтӣ ӯро чандон ғамгин накард. Роҷиб ки аз никоҳи Моҳамайя ниҳоят маҳзун гашта буд, хабари бева мондани ӯро шунида, беандоза шод гашт.

Аммо шодии ӯ чандон тӯл накшид – зарбаи нав ҷавонро маҳву мот гардонид. Садои шӯру мағале, ки аз ҷои мурдасӯзонӣ баланд мешуд, ба гӯши Роҷиб расид: дар он ҷо барои Моҳамайя гулхан тайёр мекарданд.

Фикри аввалине, ки ба сари Роҷиб омад, ин фавран ба мудири худ дар ин бора хабар дода, бо ёрии ӯ маросими даҳшатоварро боздоштан буд. Лекин ба ёдаш омад, ки худи ҳамин рӯз хоҷаи ӯ ба Шонапур рафтааст. Вай Роҷибро ҳам бо худ бурданӣ буд, вале Роҷиб аз ӯ ҷавоб гирифта, дар ин ҷо монд.

«Маро мунтазир бош», – гуфта буд Моҳамайя. Роҷиб медонист, ки вай ба ваъдаи худ албатта вафо мекунад.

Роҷиб ҳоло танҳо ба муддати як моҳ ҷавоб гирифтааст, аммо агар лозим шавад, боз ду-се моҳ ҷавоб мегирад, ё балки, мумкин аст, корро тамоман тарк карда, бо садақаталабӣ рӯз гузаронад, вале то охир Моҳамайяро интизор хоҳад шуд.

Ҳангоме, ки Роҷиб девонавор худро аз як сӯ ба сӯи дигар мезад – вай гоҳ худкушӣ карданӣ мешуду гоҳ баҳри наҷоти Моҳамайяи хеш чорае меҷуст, шом ҳам расида монду шамоли сахт вазида, борони шадид ба боридан сар кард. Шамол чунон шиддатнок буд, ки ба назари Роҷиб худи ҳамин дақиқа боми хона фурӯ мерафтагӣ барин менамуд. Қувваи ба ғазаб омадаи табиат гӯё ба тӯфони рӯҳии ҷавон ҳамоҳангӣ мекард ва ин ба вай андак оромӣ мебахшид. Ба назари ӯ чунин

[1] Мантра – дуоҳо аз китоби муқаддас, ки ҳангоми маросим хонда мешавад.

менамуд, ки гӯё тамоми дунё ҳамроҳи ӯ интиқом мегирад ва ба чизе, ки худи ӯ танҳо ба танҳо қодир нест, табиат камар баста замину осмонро яксон месозад.

Ногоҳ касе дарро ба шиддат кӯфт, ҷавон зуд онро кушод. Ба хона зане ки либосаш тамоман тар гаштаву рӯяш бо парда пӯшонида шуда буд, ворид гашт. Роҷиб дар ҳол ӯро шинохт: ин Моҳамайя буд!

– Моҳамайя! – фарёд зад Роҷиб, аз ҳаяҷон нафастанг шуда. – Ту аз гулхани тадфинӣ гурехта омадӣ?

– Бале, ман ваъда карда будам, ки ба хонаат меоям, ба ваъдаам вафо кардам. Роҷиб, ту бояд бидонӣ, ки ман тамоман дигаргун гаштаам, дигар Моҳамайяи пештара вуҷуд надорад. Танҳо қалби ман бетағйир мондаасту бас. Ту метавонӣ маро дубора ба гулхан бигардонӣ. Вале, агар ту қавл диҳӣ, ки ҳеҷ гоҳе аз рӯи ман пардаро нахоҳӣ бардошт ва ҳеҷ гоҳе рӯи маро нахоҳӣ дид, дар назди ту мемонам.

Дар муқоиса бо марг дигар ҳама чизро ба назари кас аҳамият надоштагӣ барин менамояд.

– Бигзор гуфтаи ту шавад, – саросемавор ҷавоб дод ҷавон. – Дигар тоқати ҷудоӣ надорам.

– Ин тавр бошад рафтем. Мо бояд хоҷаи туро ёбем.

Роҷиб ва Моҳамайя аз баҳри хонаву ҷой гузашта, ба истиқболи тӯфон баромада рафтанд. Тӯфон бо қувваи диданашуда талотум карда, касро аз пой афтониданӣ мешуд. Шамол сангрезаҳои майдаро оварда, чун сӯзан ба бадан мехалонид. Аз тарси он, ки мабодо дар зери дарахтони афтидаистода намонанд, Моҳамайя ва Роҷиб роҳро монда, ба киштзори кушод гузаштанд. Шамоли сахт онҳоро аз пас тела медод, гӯё мехост, ки офатзадагонро ҳарчи тезтар аз бошишгоҳи одамон дуртар андохта, ба замин яксон созад.

## 3

(Бигзор хонанда ин ҳикояро маҳз маҳсули тахайюл нафаҳмад. Мегӯянд, ки айёми мавҷудияти одати

шоҳмарон[1] чунин ҳодисаҳо, гоҳ-гоҳ бошад ҳам, рӯй дода меистоданд).

Ҳамон рӯз дасту пои Моҳамайяро баста, ба рӯи гулхани тайёр кардашуда гузоштанд ва дар вақти муайянгардида ба вай оташ заданд. Забонаҳои оташ ғуввосзанон баланд шуда буд, ки якбора шамоли сахт вазиду бороне шиддатноке ба боридан сар кард. Ҳамаи ҳозирон дар кулбаҳои зоирин паноҳ ёфтанд. Борони селосо оташи гулханро хомӯш кард, аммо аллакай ресмони дастони духтарак сӯхта буданд. Моҳамайя, сарфи назар аз дарди тоқатфарсои бадани сӯхтааш, бе ҳеҷ оҳу воҳе ресмони пойҳояшро кушода ва баданашро бо порчаҳои насӯхта мондаи пироҳанаш пӯшонида, қариб нимбараҳна аз болои гулхан фуруд омад.

Моҳамайя аввал ба хонаи худаш омад. Лекин дар он ҷо касе набуд. Ҳама ба маросими дафн рафта буданд. Духтарак чароғи хонаро гиронда, либоси дигар пӯшиду ба оина назар афканд, вале аз дидани рӯи худ ба даҳшат омада, оинаро ба замин зад. Баъд ба рӯяш парда пӯшида ба хонаи Роҷиб равона шуд.

Давоми воқеа ба хонанда маълум аст.

Акнун Моҳамайя дар хонаи Роҷиб зиндагӣ мекард, аммо хушбахт набуд, чунки дар байни онҳо якумра парда мисли девори даҳшатангезу ғамовар чун марг, ҳатто бадтар аз марги пуразият меистод. Агар бо мурури замон дарди талафоти бебозгаштро ноумедӣ хомӯш кунад, тимсоли умед, ки ҳамеша дар паси парда вуҷуд дошт, ҳар рӯзу ҳар соат боиси дарду алами Роҷиб мегашт.

Моҳамайя табиатан шахси хилватгузин буд, акнун боз ҳам канорагиртар шуда монд, чунки вай маҷбур буд худро аз мардум дар паси парда пинҳон дорад. Ин

[1] Шоҳмарон сатӣ -- аз рӯи одати қадимаи ҳиндӣ бевазанро дар гулхани тадфинии шавҳараш месӯзониданд. Дар соли 1928 ин одат манъ карда шуд.

ҳолате буд ниҳоят мудҳиш! Гӯё духтарак ба қаъри сукунати марг афтодаву ин марги сокит ҳаёти Роҷибро ҳам дар оғӯши худ фишурда, ба ҳар дуи онҳо бо буғӣ карда куштан таҳдид мекард.

Роҷиб Моҳамайяи пештараро гум карда буд ва симои хуши духтаракро, ки ӯ аз бачагӣ дар қалб нигоҳ медошт, рафта-рафта ҷонвари ба парда печидаву ҳамеша дар назди ӯ ҳозир буда фушурда, ба нестӣ мебурд.

«Ба ҳар як чизи зинда табиат ҳиҷобе мебахшад, – фикр мекард Роҷиб, – Моҳамайя бошад, шабеҳи Карнаи[1] дар пуранҳо[2] тасвирёфта мебошад, ки дар ҷавшан ба дунё омадааст. Ӯ аввал дар як ҳиҷоб ба дунё омадаву баъд гӯё аз нав таваллуд ёфта, пардаи дигареро ба тан гирифтааст».

Моҳамайя ҳеҷ гоҳ аз Роҷиб ҷудо намешуд, аммо дар айни ҳол аз ӯ ба таври тасвирнопазир дур буд. Монанди он, ки ҳар шаб ситораҳо бо шӯълаи хомӯшнашавандаи худ мехостанд торикии шабро пароканда кунанд, ҷавон бо тамоми қалби азияткашидаи худ кӯшиш менамуд аз ин асрори шикастнопазир огоҳӣ ёбад.

Ана ҳамин тавр ин ду шахси танҳо, бе алоқа бо якдигар, дар як ҷо зиндагӣ ба сар мебурданд.

Боре айёми боронгарӣ бори нахуст пардаи абрро даронида, моҳи пурра намудор гардид. Замини сокитгаштаро моҳтобшаби ороме ба оғуш кашида буд.

Роҷиб, ки имшаб хобаш намебурд, дар назди тирезаи кушода менишаст. Аз ҷангал бӯи муаттари гулҳо ва овози форами чир-чиракҳо расида меистод.

Дар домани ҷангали торик кӯлчае монанди як порча нуқраи сайқалёфта медурахшид.

---

[1] Карна – аз рӯи асотири ҳиндӣ нахустписари Кунта (модари пандавҳо-қаҳрамонони «Маҳабҳарата») ва худои Офтоб, ки ӯ дар ҷавшан ва бо яроқ ба дунё омадааст.

[2] Пуранҳо – ривоятҳои қадими ҳиндӣ.

Албатта гуфтан душвор аст, ки кас дар чунин дақиқаҳо дар бораи чиҳо фикр мекунад, аммо қалби вай бо тамоми ҳастияш ба ким-куҷоҳо парвоз дорад – вай ба мисли ҷангал лабрез аз бӯйҳои муаттару чун шаб дар ҳамовозӣ ба чирчиракҳо садо медиҳад.

Намедонам Роҷиб дар бораи чӣ фикр мекард, вале ба назари ӯ чунин менамуд, ки имрӯз тамоми монеаҳо бояд бартараф шаванд. Имрӯз шаб ҳам чодари худро партофта, монанди Моҳамайяи пештара бо тамоми ҷалолу ҷамоли худ падидор гашта буд. Тамоми ҳастии ҷавон ба сӯи Моҳамайя моил гашт.

Ӯ якбора аз ҷой хеста ба хонаи Моҳамайя даромаду ба бистари вай наздик омад. Нури моҳ ба рӯи духтарак афтода буд. Аҷабо, ин чӣ ҳол?

Забонаҳои оташи гулхан аз рӯи Моҳамайя тамоми зебогии ӯро лесида, ба ҷои он осори ноҳамвори гуруснагии худро гузошта буданд.

Ҷавон нидои худро нигоҳ дошта натавониста аз ҷой ҷаст. Моҳамайя ки аз садои ӯ бедор шуда буд, дар назди худ Роҷибро диду фавран рӯяшро панаҳ кард ва аз ҷояш ҷаста хест.

Роҷиб шах шуда монд, гӯё ба вай барқ зада бошад. Баъд худро ба зери пои духтарак партофт.

– Бубахш маро!

Моҳамайя ба ӯ ҷавобе надод ва нигоҳе ҳам накарда, аз хона баромада рафт. Вай дигар барнагашт. Роҷиб ҳам ӯро аз ҳеҷ куҷо ёфта натавонист.

Ин ҷудоии абадӣ ва бе видоъ ба тамоми ҳаёти ояндаи Роҷиб осори фаромӯшнашавандае гузошт.

*Исмат ЧАҒАТОЙ*

# БАТАШИЯ

Номи аслии духтарча Нӯшоба бошад ҳам тамоми бошандагони маҳалла ӯро Баташия – Самбӯсача меномиданд. Рӯи кулча барин давра, чашмони гирдаи дурахшанда, ки ба пиёлаи пур аз шарбати найшакар монанд, биничаи лӯнда ва даҳони мисли самбӯсачаи ширин-ширин табассумкунанда – чунин аст симои Баташия.

Баташияро орзӯ, дурусттараш, шавқу ҳавасе, ки кайҳо ба дили ӯ ҷой гирифта буд, ором намегузошт: духтарча мехост, ки хондану навиштанро ёд гирифта муаллима шавад.

Охир, вай чӣ гуна ба мактаб рафта ҳам метавонист? Падари Баташия фақат аз ӯҳдаи рӯи кат нишаста сулфа кардан ва ба тақдир лаънатҳо хондан мебаромаду бас. Ӯ гирифтори беморие буд, ки чун гулхани ноаён оҳиста-оҳиста вуҷудашро хокистар мегардонид. Модараш дар хонаи ҷаноби котиб ошпазӣ карда, моҳе нӯҳ рупия музд мегирифт. Ду рупияи онро ба иҷораи кулбача медоданд, маблағи боқимонда бояд ба хӯрок, пӯшок, тамоку ва доруҳои падар расонида мешуд.

Дар ҳар як ҳавлӣ ва дӯкончаҳои гирду атроф пайдо шудани Баташия мардумро ба ғазаб меовард, чунки оилаи ӯ аз ҳамаи ҳамсояҳо қарзи адонашаванда дошт.

– Дафъ шав, дафъ шав аз ин ҷо, шайтонбача! Дигар орд надорем!

– Охир аз шумо кӣ орд мепурсад, ҷӣ?[1] – мегуфт ӯ соддадилона табассум карда. – Магар мо фақирони гадоем? Ба ман камтаракак занҷабили тар диҳед кифоя, холаҷон! Дар рӯзҳои наздик мо ҳам соҳиби як

[1] Ҷӣ – мурохиати эҳтиромнок.

хирман занҷабил мешавем, он вақт қарзамонро албатта адо хоҳем кард... Аз чӣ бошад шиками падарам дард карда монд, барои ӯ шӯрбои занҷабилӣ пухтан лозим...

Албатта ҳамсояҳо медонистанд, ки дар хонаи Баташия ҳеҷ гоҳ хирмани занҷабил нахоҳад буд ва падари ӯ пас аз хӯрдани як ҳавз шӯрбои занҷабилӣ ҳам сиҳат нахоҳад ёфт... Сокинони маҳалла ҳам аз ҳаёт ва ҳам аз марги падари Баташия метарсиданд: Агар зинда монад, аз қарзпурсиҳои беохири ӯ халосӣ нест, вафот ёбад, хароҷоти дафни вай ҳам ба гардани ҳамсояҳост. Ин бошад аз занҷабил дида қиматтар меафтад, албатта! Беҳтараш он чӣ ки духтарча пурсад, додан лозим. Ба вай рад кардан ҳам худаш кори осон набуд: фавран қиёфаи ӯро ҳиссиёти ноумедӣ фаро мегирифту чашмонаш пури ашк мегардиданд. Баъзан ба маҳалла фурӯшандаи меваю шириниҳо меомад. Бачагон бо таваллову зорӣ аз модарони худ пул ситонида, барои харидани гандер[1], ҷамун[2] ва ҷуворимакка атрофи қуттии мевафурӯшро иҳота мекарданд. Баташия ҳамеша кӯшиш менамуд, ки аз ҳама пеш гузашта гирад. Хушнасибон бо лаззати том меваю ширинӣ мехӯрданд, вай бошад ба даҳони онҳо ҳарисона чашм медӯхт. Модароне ки аз нигоҳи ҳарисонаи духтарча воқиф мегардиданд, ба ваҳм афтода дод мезаданд:

– Худоё! Ба ин шайтонбача нигаред, аз даҳони бачагон чашм намеканад-а! Охир ба онҳо чашм расида мурданашон мумкин! – Ва занҳо бо мақсади аз чашми бад ҳифз кардани кӯдаконашон ба дасти Баташия андаке меваю ширинӣ медоданд.

Яке аз рӯзҳо Баташия бо кори муқаррарии худ машғул буд: ӯ тӯдаи ахлотро, ки дар қабати худ чизҳои бисёр қиматбаҳоро ниҳон медорад, мекофт. Дар ин ҷо картошкаи нимпӯсида, якчанд дона чормағзи тасодуфан ҳавододашуда, ҳезумпораи

---

[1] Гандер – буғуми найшакар.

[2] Ҷамун – як навъ меваи хорра.

нимсӯхта, шишаҳои холӣ ё қуттии консерва барин чизҳоро ёфтан мумкин буд... Зоҳиран гӯё духтарча дар ин ҷо машғули бозист: дар чеҳраи вай мисли ҳарвақт табассуми ҳалим мавҷ мезад. Муаллимаи ҷавони мактаби ҳамсоя, ки рӯяшро бо бари чодараш пӯшонида сар-сари роҳ мерафт, ба Баташия мурочиат карда гуфт:

– Духтарам, дар тӯдаи ахлот бозӣ кардан дуруст нест.

Маълум мешавад, ки муаллима дар ин ҷо одами тамоман нав аст. Дар акси ҳол магар вай ба ин ифлосак «духтарам» барин калимаи покизаву мусаффоро муносиб медид?

– Чаро ту ба мактаб намеравӣ? – пурсид муаллима.

Духтарча абрувонашро чин кард.

– Пул надорем, муллонӣ-бӣ,[1] – пичиррос зад вай.

– Магар барои ин пул доштан зарур аст? Дар мактаб бепул мехонанд.

– Муллонӣ-бӣ, охир ман на китоб дораму на тахтачаи хатомӯзӣ...

– Пагоҳ ба мактаб биё, ман ба ту китоб ва тахтачаи хатомӯзӣ медиҳам.

Баташия, ки аз шодӣ худро тамоман гум карда буд, сӯи кулбааш тохт.

– Ман пагоҳ ба мактаб меравам! – бо ифтихор хабар дод ӯ.

Ба модари духтарча, ки дар ин соат ниҳоят димоғсӯхта менамуд, ин хабар хурсандӣ набахшид. Дар асл имрӯз яке аз рӯзҳои нохуш будааст: завҷаи ҷаноби котиб барои андак шӯр шудани хӯрок дар мазаммати ошпазан ҳеҷ гуна лафзи қабеҳро дареғ надоштааст. Зани бечора, ки маҷбур буд ба ҳақорату дашномҳои хонуми худ фақат бо сари хаму хомӯшии том тоқат оварад, дар хона аз ғазаб ба худ ҷой ёфта натавонист. Хабари Баташия гӯё оташе буд, ки ба борут афтод.

[1] Муллонӣ-бӣ – муаллима хонум.

– Албатта, албатта, духтари лорди бузург! Мемонам, ки ба мактаб меравед! – фарёд зад модар.

– Мактабхонӣ чӣ бадӣ дорад? – ба гап ҳамроҳ шуд падар. Мехоҳӣ ки духтарам мисли худат бесавод бошад, ба ғайр аз дегу табақ чизи дигарро надонад?

Вале ин суханон модарро ором карда натавонистанд, вай бо ғазаби дучанд идома дод.

– Оре, ман зани ҷоҳилу нодонам... Аммо аз дасти ту, ки мактаби даҳсоларо хатм кардаӣ, чӣ кор меояд? Чӣ хеле ки будӣ, ҳамон тавр мондаӣ!

– Дуруст гуфтаанд, тақдир касеро ҷазо доданӣ шавад, ба вай зани шаттоҳ медиҳад. Шавҳари ин гуна зан албатта ба марди маъюс мубаддал мегардад!

Оташи муноқиша торафт баланд мешуд, зану шавҳар ба оташи муноқиша бе дареғ равған мерехтанд ва он оташ торафт баландтар аланга мегирифт.

– Чӣ илоҷ, – дод мезад падар, – метавонӣ бароят рафиқи беҳтар ҷӯӣ! Ба ман чӣ! Имрӯз ман зиндаам, фардо худо медонад!...

Ҳаёти ғамангези оила пас аз ин гуна ҷанҷолу муноқишаҳо боз ҳам тиратар ва ҳазинтар мегардид. Вақте ки падару модар ба ҳамдигар дод мезаданд, Баташия худро тамоман яккаву танҳо ҳис мекард... Аз тарс рангу рӯи духтарча парида ба ҳиққос задан сар мекард. Дар ин ҳангом рӯи модарро ашк мешусту падарро чунон сулфаи сахт мегирифт, ки аз зарби он дасту пойҳояш ба ҳам кашида шуда, дар вай маҷоли чашм кушодан намемонд.

Модар худро ба оғӯши бемор андохта забони тезашро мазамматкунон мегирист. Оҳиста-оҳиста абрҳои ғазаби падар пароканда мешуданд. Модар ба вай чои гарм нӯшонида болояшро дурустакак мепӯшид. Аҳволи падар як қадар беҳтар мешуд. Мана, ӯ модарро ба оғӯш мекашад. Баташия бошад, аз байни онҳо ҷой мегирад ва дар як он ҳамаи ғаму ғусса фаромӯш мегардаду табиат аз нав зебо менамояд, аз

кулбача овози хандаи баланд ба гӯш мерасад. Падар ба афсонагӯӣ медарояд.

– Будаст, набудаст кукуе будаст, – сар мекунад ӯ, – мешунавӣ, духтарам?

– Мешунавам, – ҷавоб медиҳад Баташия.

– Ҳа, куку ва гунҷишкаке будааст.

– Пас чӣ шудааст?

– Боре куку ба гунҷишкак гуфтааст: «Медонӣ, чӣ!» «Чиро, хоҳарҷон?» – пурсидааст гунҷишкак. «Кайҳост, ки палав нахӯрдаам. Чунон дилам палав металабад, ки... биё, имрӯз палав мепазем». Гунҷишкак розӣ шудааст.

– Пас чӣ шудааст? – бесаброна мепурсад Баташия.

– Куку донаи лӯбиё, гунҷишкак бошад донаи биринҷ ёфта овардаанду бегоҳӣ палав пухтаанд...

Баташия дар даҳонаш тамъи лазизи палавро ҳис мекунад, бинии вай бӯи дилкаши ошро ҳарисона ба худ мекашад.

– Пас чӣ шудааст?

Афсона ба поён нарасида духтарчаро хоб мебарад. Падару модар, ки аз ду тарафи ӯ ҷой гирифта буданд, бо овози паст машварат мекунанд ва дар охир ба чунин қарор меоянд, ки пагоҳ Баташияи онҳо ба мактаб равад.

Модар китфпӯшаки Баташияро ба ранги гулобие ки як вақт харида буд, аз нав ранг карду куртаашро шуста ба порчаҳои ямоқӣ фаровон оро дод.

Духтарча бошад тамоми шаб ором ёфта наметавонист. Вай ҳар сари вақт ба кӯча давида мебаромад, то ки чанд будани соатро фаҳмад.

– Холаҷон, соат чанд? – мепурсид Баташия ва ягон ҳамсоязан ва хабари он ки ҳоло то пагоҳ бисёр вақт ҳаст, дили духтарчаро фишор медод. Имрӯз вақт тамоман дар як ҷой истода мондааст магар, хеле суст ҳаракат мекунад. Кош иҷозат медоданду Баташия тамоман хоб намерафт, охир худо накарда, пагоҳ хоби ӯ бурда монад, чӣ мешавад?

Билохир субҳ ҳам дамид. Модар дасту рӯи Баташияро шуста либосҳояшро пӯшонид, пас ба чашмони духтарча сиёҳии дег кашида мӯйҳояшро ба тартиб овард. Акнун Баташия ба мактабравӣ тайёр аст. Имрӯз рӯзи нахустини мактабхонии ӯст! Ба ин муносибат модар ба ду пайса ду дона самбӯса харида овард ва духтарашро нағзакак хӯронида ба фотиҳа даст кушод. Падар сари фарзанди маҳбуби худро силакунон то кӯча баромад ва бо чашмони пурашк то дер аз паи вай нигоҳ карда монд.

Рӯзе ки бори аввал духтари яккаву ягонаи ҷаноби котиб ба мактаб мерафт, барои тамоми аҳли маҳалла ба иди ҳақиқӣ мубаддал гардид: ба ҳамсояҳо зиёфат доданд, ба муллоҳо кафш пӯшониданд, ятимонро хӯрониданд. Шоҳина – бегим либоси идона дар бар, марҷонҳои гаронбаҳо дар гардан ва тилак[1] дар ҷабин савори мошини зарди боҳашам ба мактаб раҳсипор шуд. Ҳамроҳи ӯ хизматгордухтар мерафт. Вай барои хонуми худ офтобаву дастшӯй, термоси пур аз оби гарм, як шиша шарбати афлесун ва боз чизҳои дигар мебурд. Ҷаноби котиб дар он рӯз қариб се – чор ҳазор рупия сарф карда буд.

Рӯзи нахустини мактабравии Баташия низ қайд нагардида намонд: дар ин рӯз ба ду пайса самбӯса хариданд.

Мана Баташия сари худро баланд бардошта монанди мурғи курк бо такаббур қадам мезанад.

– Ҳой, Баташия, ба куҷо рафта истодаӣ? – пурсид аз ӯ қаймоқфурӯш Раму.

– Ба мактаб, ҷӣ, ба мактаб, дигар ба куҷо мешуд? – ҷавоб дод ӯ, гӯё ки то имрӯз ҳам ҳар пагоҳ ба мактаб мерафта бошад.

– Оҳо, ҷӣ! – бечора Раму аз тааҷҷуб шах шуда монд. – Гӯш кун, холаҷон...

---

[1] Тилак – холи сунъӣ, ки дар ҷабин бо ранг месозанд ё мечаспонанд.

– Вақт надорам, ҷӣ, вақт надорам мегӯям-ку! – Овози духтарча оҳанги ҷиддӣ гирифта буд.

– Хайр, холаҷон, рав. Не, исто! Ана ин себу андак лӯбиёро гирифта бар. Дар вақти танаффус тановул хоҳӣ кард.

Раму халтачаи коғазинро ба духтарча дароз кард. То ки Рамуи меҳрубон наранҷад, Баташия илтифот намуда халтачаро гирифт. – Хайр, ман рафтам.

– Ҳой, Баташия! Ин қадар барвақт куҷо рафта истодаӣ? Ба хонаи падаршӯят магар? – шӯхӣ карда гуфт рикша Роҷу.

– Тҳӣ! Худатон ба хонаи падаршӯятон мерафтагед, ман ба мактаб рафта истодаам.

– Оҳо, ту чиҳо мегӯӣ, ваҳ, ваҳ, ваҳ! Ман ҳам ба ҳамон тараф рафта истодаам, биё, холаҷон, ба аробача савор шав, бурда мемонам.

Баробари ба мактаб наздик шудани аробача бачагон бо ҳаёҳуй сӯи он тохтанд: «Бачаҳо, кадом хонум омада бошад?» Аз аробача берун омадани Баташия гӯё як сатил оби сард буд, ки ба оташи шавқу ҳисси кунҷкобии бачагон рехтанд.

Духтари ҷаноби котиб бошад, аз ғазаб ба худ ҷой ёфта наметавонист: охир муаллима духтарчаи навомадаро маҳз ба паҳлӯи ӯ шинонидааст. Вақте ки муаллима ба якчанд дақиқа аз дарсхона берун шуд, Шоҳина Баташияро ба замин тела дод.

– Ин қолинчаи мост, мо онро аз хона овардаем, ту дар бӯрё нишинӣ ҳам шудан мегирад! Бачагон қиқиррос зада хандиданд. Муаллима ҷилави масхаракунандагонро кашиду Баташияро аз паҳлӯи худ ҷой дод. Шодии духтарчаро ҳадду канор набуд. Ба назари вай чунин менамуд, ки гӯё ӯро ба тахти подшоҳӣ шинонида бошанд.

Вале мактабхонии Баташия бо ҳамин хотима ёфт. Худи ҳамон рӯз Шоҳина ба падару модараш шикоят намуд ва завҷаи ҷаноби котиб бо ғазаб ба ошпаззан дарафтод:

Ҳой, хонуми асилзода! Шумо чӣ тавр ҷуръат кардед, ки духтаратонро бо Шоҳина баробар гузоред?! Ҷои худро диниста пой монед! Устухонашон бо сарқути мардум сахт шудаасту худписандиашон канора надорад! Худи ҳамин рӯз ӯро ба назди ман фиристед, дар ин ҷо ҳам ба вай кор ёфт мешавад. Якуним рупия моҳонаву хӯроки тайёр дар кӯча афтода намондааст!

Ҳайҳот! Қасри орзӯҳои Баташия ба замин яксон гардид... Аз чашмони дурахшони пуртабассум ашки талх ҷорӣ гардида ба парраи биничаи тугма баринаш қарор ёфту пас аз камтар ларзида истодан ба поён равон шуд.

Аз рӯзи дигар сар карда Баташия обдони Шоҳина – бегим, пиёла ва сабадчаи пур аз хӯрокҳои гуногунро бардошта ба мактаб мерафт. Дар вақти танаффус духтарча ба хонуми худ хизматрасонӣ мекард: ӯро мехӯронид, бо бодбезак бод медод, ба дасташ об мерехт, косаву пиёларо мешуст ва фақат пас аз ҳамаи ин ҳуқуқ дошт, ки худаш ҳам хӯрок хӯрад.

Чунин нобаробарӣ муаллимаро ба ғазаб овард. Вай бо мақсади сарзаниш кардани модари Баташия фавран ба назди ӯ равона шуд.

– Муллонӣ-бӣ, акнун Баташияи мо хизматгорӣ мекунад, аз хиҷолат ба сар бардоштан ҷуръат накарда гуфт зани бечора.

– Хизматгорӣ? – бо тааҷҷуб баргашта пурсид муаллима. Баташия набояд хизматгорӣ кунад, охир вай ҳоло тамоман кӯдак аст, кӯдакон бошанд хизмат намекунанд. Инсон қудрати ба худ хизматгор кардани гулҳо, дар зиндон доштани накҳати онҳо ва бо занҷирҳо банд кардани нури офтобро надорад!

Модар аз ин суханони муаллима чизеро нафаҳмид ва ба муаллима лозим омад, бе ягон натиҷа пас гардад. Вале муаллима аз онҳое набуд, ки ба осонӣ мағлуб мегарданд. Бо саъю кӯшиши вай модари Баташияро ба мактаб ба хизмати фаррошӣ қабул карданд. Барои

истиқомати оилаи ӯ дар ҳавлии мактаб кулбачае низ ёфт шуд. Баташия, ки ҳаваси хонданро аз худ дур карда наметавонист, озодона ба мактаб рафта метавонистагӣ шуд. Баъд аз камтар сиҳат ёфтани падари Баташия ба вай ҳам кор ёфта доданд: ӯ барои мактаббачагон хӯрок мекашонид.

Баташия мактаби худро аз дилу ҷон дӯст медошт. Хондан барои ӯ шуғли шавқовартарин буд. Вай дар рӯфту рӯби дарсхонаҳо ба модари худ бо хушнудӣ кӯмак мекард, бо муҳаббат китобҳои дарсиашро ба қоғаз мепечонид, то ки онҳо чиркин нашаванд. Ба назари духтарча мактаб маъбаде буд, ки дар он сари кас назди тимсоли худованд беихтиёр фуруд меояд. Вай ба ин муқаддасҷои худ бо дилу ҷон хизмат менамуд.

* * *

Аз рӯзе ки ман бори аввал Баташияро назди ахлотӯда машғули ҷустуҷӯи қуттиҳои консерваю сабзавоти пӯсида дида будам, тақрибан понздаҳ сол гузашт. Инак, соли гузашта ман бо ӯ дар маҷлиси коркунони маориф аз нав вохӯрдам.

– Шумо маро нашинохтед? – пурсид вай бо табассум.

– Баташия! – хитоб кардам беихтиёр, – ман табассуми ӯро шинохтам.

Акнун Баташияро мисс Хан гуфта ном мегиранд. Падараш вафот кардааст, модараш ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекардааст. Вай акнун хизматгори сархам нест –ба худ кор дорад: духтарчаҳои тамоми маҳалларо ҷамъ карда, ба онҳо дарздӯзиро ёд медиҳад.

Чашмони дурахшон ва чун пиёлаҳои пур аз шарбати найшакари Баташияро дида, боварием қавӣ мегардад, ки гулҳоро ба хизматгорон мубаддал сохтан, накҳатҳоро дар зиндон маҳфуз доштан, нури офтобро занҷирбанд кардан ғайри имкон аст.

*Амрита ПРИТАМ*

# БАХТИЁР

Нони гарм бомаззаву хушбӯй буд. Вале ягон луқмаи ба қайла задаи онро фурӯ бурдан имконнопазир аст.

– Чӣ қадар тунд! – ба як овоз фарёд заданд писару духтарам.

Медонед, хонум, дар ин ҷо бисёр ҷатҳо[1] зиндагӣ мекунанд, дӯкони шаробфурӯшӣ бошад, дар чанд кос[2] якто. Вақте ки ҷат шароб менӯшад, вай албатта таоми талху тунд металабад, – шарҳ дод соҳиби дӯкон – ошхонаи начандон калоне, ки мо он ҷо тавaққуф намуда будем.

– Ҷатҳо шароб менӯшанд?..

– Оҳ, хонум, дар ин ҷо ҳама менӯшанд, баъзеашон ба нӯшидан сар кунанд, дигар боз дошта наметавонед.

– Шӯру ғавғо ҳам мешавад?

– Албатта. Ба фикрам, рӯзи гузашта буд, ба дӯкон панҷ кас даромада омаданд. Яке аз онҳо маст шуда ба бетартибӣ сар кард, бинед, ана он се курсиро зада шикаст. Худоро шукр, ки ҳамоно полис омада ӯро гирифта бурд, вагарна аз оташдони ман як санг ҳам боқӣ намемонд. Чӣ илоҷ – тоқат мекунем...

Бори дуюм аст, ки ба ин ҷойҳо меоям ва бисёр мехостам, боз як маротиба дарёчаи хушманзари Кашваларо тамошо кунам. Вале ҳикояи соҳиби дӯкон ба дилам ҳарос оварду қарор додам, ҳарчи зудтар баргардам.

Дӯкон хеле тозаву озода буд. Аз паси пардае ки аз

[1] Ҷатҳо – яке аз халқиятҳои Ҳиндустон.
[2] Кос – ченаки масофа, ки баробар ба қариб 4 км. аст.

кандир дӯхта буданд, пояҳои се тахти хоб ба назар мерасид, – аз афташ дар он ҷо зану бачаҳои дӯкондор буданд.

Ба ин қисми дӯкон назар афканда хотирам ҷамъ гардид – рӯ ба рӯи худ маскани занро медидам.

Ногаҳон дасти касе пардаро бардошт. Зане пеш омада ба сӯям як назар афканду баъд дурустакак зеҳн монда «хонум, маро нашнохтед?» гуфт.

– На, дар хотир надорам, – зани ҷавонро бо диққат аз назар гузаронида гуфтам дар ҷавоб.

– Ман бошам шуморо фавран шинохтам, хонум. Охир шумо ба ин ҷо соли гузашта ҳам омада будед, ҳамин тавр не? Ёд доред, дар худи ҳамин хиёбон иштирокчиёни тӯй, ки арӯс мебурданд, барои якчанд дақиқа таваққуф намуданд.

– Бале, дар хотир дорам.

– Ҳамин вақт шумо ба тахти арӯс наздик шуда ба вай як рупия тӯҳфа кардед. Наварӯс ман будам.

Акнун ҳамааш ба хотирам расид. Бештар аз як сол қабл аз ин радиои Деҳлӣ маро ба Чандигарҳ, ки он ҷо мебоист расми кушоди маркази нави радио барпо гардад, фиристода буд. Ман дар ин тантана шеърҳои худро хонданӣ будам. Ҳамроҳи ман аз Ҷоландҳар шоири маъруфи мо Моҳан Сингҳ ва боз як адиби ҷавон, ки ба забони ҳиндӣ шеър мегуфт, омада буданд. Баъди тантанаи расми кушод аз Чандигарҳ ба ҳамин деҳа барои тамошои Кашвала омада будем.

Дарё ним мил дуртар аз деҳа ҷорӣ мешуд ва мо баъди роҳ мехостем як пиёлагӣ чои гарм нӯшем.

– Имрӯз барои ман рӯзи хурсандист, – гуфт ба мо соҳиби дӯкон, – бародарзодаам ба шавҳар мебарояд.

Дар ҳақиқат, дар назди дарвозаи дӯкон иштирокчиёни тӯйро дидем. Онҳо арӯсро ба деҳаи дигар мебурданд ва ҳоло ба нишони эҳтироми амак дар назди дӯкони ӯ андаке таваққуф намудаанд. Аҷаб маросими

ҷозибанокест тантанаи тӯи арӯсӣ! Чӣ қадар умеду орзуҳо бо вай алоқаманд аст! Вақте ки арӯсро гирифта мебаранд, дар дили кас ким-чӣ хел ҳиссиётҳо пайдо мешаванд, – мегуфт яке аз ҳамсафарони ман ва мо дар сари чойнӯшӣ оид ба хурсандиву нишот ва ғуссаву фироқ сӯҳбат оростем.

Ёд дорам, ба ҳамсафаронам гуфтам, ки ман наварӯсро рафта мебинам, шояд чашмони ӯ аз хурсандиву нишоте, ки ҳоло мо дар бораи он сухан меронем, медурахшанд.

– Мо, мардонро наздик шудан ҳам намегузоранд, шумо рафта бинед, – гуфтанд ҳамсафаронам. – Фақат бо дасти хушк ба тахти арӯс наздик нашавед!

Хандидаму сӯи тантана равона шудам. Пардаҳои тахти арӯс аз як тараф кушода буданд.

– Арӯсро дидан мумкин аст? – аз зане, ки назди ӯ менишаст, пурсидам.

– Бифармо, хонум, марҳамат!

Ба дохили тахт назар афкандам. Дар ҳақиқат табассуми арӯс ба мисли дури гарданбандаш дурахшон буд. Шӯълаи ин табассум касро ба ҳаяҷон наоварда намемонд.

Ба вай бо орзуи хушбахтӣ як рупия дароз кардам.

Вақте ки ба назди ҳамсафаронам баргаштам, онҳо гуфтанд:

– Соате қабл аз ин, ҳангоме ки шеър мехондед, чӣ қадар ҷавондухтарони донишҷӯ ба шумо рупия дароз мекарданд, то ба он соядасти худро гузоред! Агар наварӯс кӣ будани шуморо медонист, вай ҳам албатта хоҳиш менамуд, ки ба он рупия номи худро сабт намоед.

... Оре, ба он воқеа бештар аз як сол гузашт...

– Ҳамон наварӯс ман будам гӯед.

– Бале, хонум...

Намедонам, зане ки назди ман меистод, дар ин муд-

дат чӣ рӯзҳоеро аз сар гузаронида бошад – дар чеҳраи ӯ осори ногувориҳои ҳаёт ҳувайдо буд. Ҷуръат накардам, дар ин бора сухан ронам.

– Хонум, ду маротиба сурати шуморо дар рӯзнома дидам. Ба ин ҷо одамони зиёде меоянд ва баъзан рӯзномаҳои худро партофта мераванд.

– Шумо дар сурат маро шинохтед?

– Албатта! Хонум, барои чӣ рӯзномаҳо сурати шуморо дарҷ менамоянд?

Ба ин савол фавран ҷавоб дода натавонистам – то имрӯз ҳеҷ кас аз ман инро напурсида буд. Дақиқае фикр кардаму гуфтам:

– Нависандаам, шеъру ҳикояҳо менависам.

– Ҳикояҳо? Ҳикояҳоятон ҳақиқианд?

– Бешубҳа...

– Хонум, дар бораи ман ҳикоя нависта метавонед?

– Албатта, агар шумо ба ман таърихи ҳаёти худро нақл кунед.

– Номи ман Кармавалӣ[1], дар ҳикоя ҳамин тавр монед, номи дигар надиҳед. Мехоҳам ин ҳикоя саросар ҳаққонӣ бошад.

Ӯ маро ба лаби тахти хоб нишонида нақли худро оғоз намуд.

– Вақте ки рӯзи тӯи моро таъин карданд, аз хешовандони домод ду кас барои андозагирии сару либоси арӯсӣ омаданд. Яке аз онҳо ҷавондухтари ҳамсоли ман буда ба ман андак шабоҳат ҳам дошт. Гумон мекардам, ки ин хоҳари шавҳаршавандаам будагист. Ӯ андозаи маро гирифту «хоҳаракам, чӣ хуб, андозаи ҳардуямон як хел будааст. Акнун ҳар чизе ки медӯзам, ба ту лоиқ омадан мегирад» – гуфт.

Духтарак якчанд моҳ дар хонаи мо зиндагӣ кард. Дар ҳақиқат чизе ки медӯхт, ба ман лоиқу шинам мео-

[1] Кармавалӣ – хушбахт, бахтиёр, саодатманд.

мад. Қонеъ будам, вале як чиз маро хуш намеомад: ҳар як либоси будшударо аввал худи ӯ мепӯшид ва мегуфт:

– Андозаи ҳардуямон як будааст. Мебинӣ чӣ хел ба ман зебид, бояд ба ту ҳам зебад.

Ба он либосҳо нигоҳ мекардаму ба назарам чунин менамуд, ки онҳо азони ман нестанд, ба шахси дигар тааллуқ доранд. Вале, хонуми азиз, дар ин бора ба вай чизе намегуфтам. Намехостам хотираш ранҷида гардад.

Пардаи аз кандир дӯхташуда, тахти хоби фарсуда, асбоби фақиронаи рӯзгор ва чунин зан – ин қадар дар табиати ӯ нармдиливу ҳассосӣ аз куҷо бошад? Дар ҳайрат будам ман.

– Пас чӣ шуд?

– Баъди ним сол фаҳмидам, ки шавҳарам бо ин духтарак ким чӣ хел муносибат доштааст. Бародари духтар аз ин кор бохабар шуда қариб будааст, ӯро буғӣ карда кушад. Боз гуфтанд, ки рӯзи тӯи мо духтарак беҳуш шуда афтодааст... – Кармавалӣ хомӯш шуда монд. Аз чашмонаш дарёи ашк ҷорӣ гардид, дастонамро сахт фушурда суханашро идома дод.

– Хонум, кош медонистед, ки қалби маро чӣ туғёне фаро гирифта буд! Кӯҳнапӯш шуданро намехостам, ба назарам сару либоси арӯсӣ, шоли зебои ситорачадор, нимкуртаи бо пулакчаҳои тобанда ороиш дода шуда ва ҳатто худи шавҳарам – ин ҳама пасмондаи каси дигар буданд!

Ба тасвири дарду алами ин зан қалам оҷизӣ мекунад.

– Ҳамин тариқ, сару либос, хонаву ҷой ва шавҳари худро тарк намуда ба ин ҷо, назди амакам омадам. Рӯбу чин ва косаву табақшӯӣ мекунам, баъзан либоси касонро ҳам медӯзам. Умуман бо меҳнати худ зиндагӣ ба сар мебарам. Сару либосам ҳариру зебо набошад

ҳам, аз они худи ман аст. Баъзан амакам маро мазаммат мекунад, вале ман қарор додаам, ки як умр ҳамин тавр зиндагӣ кунам. Бароям чизи дигар лозим нест. Ҳатман дар ҳикояи худ таърихи маро нақл кунед, хонум!

Кармавалиро ба оғуш гирифтам. Ин зани оқила ва мустаҳкамирода чизеро аз сар гузаронидааст, ки дар ман ҳамеша эҳсоси нафратро бедор менамуд!

... Ба назди дӯкон мошинҳои нав ба наве, ки аз истироҳатгоҳи Симла бармегаштанд, омада меистоданд. Аз онҳо занони либосҳои ҳарирy рангоранг пӯшидагӣ берун омада барои як пиёла чой нӯшидан ё сигор харидан вориди дӯкон мегаштанд. Кӣ медонад, либосҳои шинам ва қимматбаҳое ки ҳоло дар тани онҳост, шояд пасмондаи каси дигар бошад. Кармавалӣ, ки либоси оддии ресмониро аз пасмондаи касон афзал мешуморид, курсӣ ва чорпояҳои ин хонумҳоро тоза мекард.

Хонум! – овози ӯ маро аз олами хаёлот берун овард. Рупияи тӯҳфа кардаатонро то имрӯз нигоҳ медорам.

– То имрӯз нигоҳ медоред?

Бале, хонум! Дар бораи ман ҳикоя нависед, албатта як нусха фиристед. Каму беш савод дорам, мехоҳам онро хонда бинам. Ҳоло ба шумо илтимоси дигаре низ дорам. Инро гуфту аз сандуқчае ки дар таги тахти хоб меистод, қуттичаи чӯбинро баровард ва аз он рупияи печонидашударо гирифта ба сӯям дароз кард.

– Номатонро нависта диҳед, хонум!

– Бо ҷону дил, азизам Кармавалӣ! Ман дар умри худ ба бисёр касон соядасти худро тӯҳфа кардаам, ҳоло хоҳиш дорам, ки шумо ба ман соядасти худро диҳед.

Оре, нависанда не, балки шахсе бузург аст, ки воқеаҳои дар асар инъикос ёфтаро аз сар гузаронида бошад!

– Хати ман ниҳоят бенур, – хиҷолатмандона мегуфт Кармавалӣ. Дар ҳикоя номамро дигар накунед, – илова намуд ӯ имзо карда истода.

Азизам Кармавалӣ! Ҳоло дар бораи ту ҳикоя менависам ва дар сарлавҳаи он, чунон ки занони ҳиндӣ ҷабини худро бо холи лаългун оро медиҳанд, номи туро сабт менамоям. Шояд ҳикояи мазкур тақдири туро дигар карда натавонад. Вале дар ёд дошта бош – дилҳое ки дар он холи зани ҳиндӣ барин хуни лоларанг меҷӯшад, дар назди ту сари эҳтиром фуруд хоҳанд овард. Боварӣ дорам, онҳое ҳам, ки пасмондаи каси дигарро дар бар кардаанд, ба ту таъзим хоҳанд кард.

*Кришан ЧАНДАР*

# ШОМИ СРИНАГОР

Дар ҷоми тираи шаҳр гӯё ҳама чиз ҳаст: хуни умедҳои барбодрафта ва нӯши махмуркунандаи шодкомиҳои ҷавонӣ, араќи шӯр ва ашкҳои талх, ҳарорати дастони заҳматкашида ва нам-нами дарё. Ин ҳама, ки бо дастони монданашавандаи марди кашмирӣ афшурда шудааст, то фаро расидани шом дар таҳи ҷом ҷамъ мегардад, ва сарфи назар аз талхиаш, онро шаҳри хасташуда тайёр аст фурӯ кашад, то умед аз рӯзи оянда коста нагардад. Зеро, танҳо ба умеди фардо шаҳрҳо обод мегарданду дарёҳо равон, офтоб мебарояду рӯзи нав фаро мерасад.

Ман дар меҳмонхонаи «Пелес», ки дар худи соҳили кӯли Дал бунёд гардидааст, истиқомат мекунам. Як вақтҳо ин қаср буд. Ҳозир ҳам ҳамин тавр. Фақат акнун ба ҷои собиқ ҳокимони унвондор: роҷаҳову маҳароҷаҳо, низомҳову гаекварон – дар ин ҷо хӯҷаинҳои нав иқомат мекунад. Инҳо шоҳону наввобони даврони саноатӣ мебошанд ва ба айшу ишрати якшабаашон маблағеро исроф менамоянд, ки барои сер кардани аҳолии маҳаллае мерасаду боз мемонад.

Мана ин ҷаноб – подшоҳи беточи нафт аст. Ба тафаҳҳуми кӯҳна вай телист[1] ва дар собиқа ӯро ба остонаи ин даргоҳ наздик шудан ҳам намемонданд. Имрӯз бошад, ӯ меҳмони азиз асту дар ҳуҷраи люксаш ҷамоати тақрибан понздаҳкасаро бо шампан зиёфат мекунад. Модоме ки дар Техас бист чоҳи нафт ба вай тааллуқ дораду дирӯз телеграмма омадааст, ки чоҳи бистуякум кушода шудааст, чаро чунин ҳашматеро ба худ раво набинад? Ана ба ҳамин муносибат ҷӯи шам-

[1] Телӣ – узви кастаи равғанкашон, равғанкаш.

пан равону маъшуқаи «шоҳ» аз тарс ларзон – ӯ одати қавии ҳокими худро медонад: чоҳи нав – маъшуқаи нав.

Ин хонуми канадагӣ бошад, молики рӯзномаву маҷаллаҳои зиёд аст. Агарчи ақли казоӣ надорад, соҳиби чӯбаки соҳирист, ки бо кӯмаки он андозаи аксҳои дар маҷаллаҳояш сабтшавандаро муайян месозад. Чӣ қадар акс калону хушранг бошад, ҳамон қадар адади нашр ҳам меафзояд, чунки даври мо-асри аккосон аст, на мусаввирон.

Вай бо мақсади нигоҳ доштани рангу рӯи хуб, базебии пой, тарангии сина ва нозукии камар бо ҷидду ҷаҳд худро парво мекунад. Аз ин сабаб ӯ ҳамеша бо тани худ дар мубориза аст, то ин ки дар рӯяш чинҳои фиребо пайдо нагарданд, пойҳояш безеб нашаванд, синааш таранг бошаду баданаш равған набандад.

Як вақтҳо ин хонум соҳибҷамол буда, вале дар муборизаи доимӣ бо пирӣ сабоҳати деринаашро бохтааст. Ростӣ, ба вай муяссар гардидааст, то ҳол мавзунии қоматашро нигоҳ дорад, вале малоҳати ҷавонӣ кайҳо ӯро хайрбод гуфта. Рӯзе худаш ин ҳолро ҳис намуд, лекин ҳақиқати талхро эътироф кардан ва алалхусус ба вай тан доданро нахост. Бинобар ин ӯ ҳар рӯз дуру дароз ба сару рӯяш рангу равған мезанад, вазнашро месанҷад, камарашро чен мекунад ва бовар кардан мехоҳад, ки тағайюроте рӯй надодааст. Зан бисёр сарватманд мебошад. Дар тӯли зиндагӣ панҷ шавҳарро иваз намуда ба ҳар кадоми онҳо на як бору ду бор хиёнат кардааст. Агарчи рӯзномаву маҷаллаҳои ба хонум мутааллиқ душмани ашадии зангиҳост, вай ба Сринагор ҳамроҳи хизматгори зангӣ омадааст ва алъон аз даъвою ифтикори рӯзномаҳояш қатъи назар сохта, рӯи ҷогаҳ бо посбони сиёҳпӯсташ май менӯшаду беҳаёёна ба бадани ҷавони ӯ чашм медавонад. Дар собиқа ин қабил занонро ба таври оди фоҳиша меномиданд, ҳоло бошад, ҳатто аз талаффуз кардани ин калима метарсанд, чунки хонуми мазкур молики

дувоздаҳ маҷалла, ду рӯзномаи ҳаррӯза ва панҷ рӯзномаи ҳафтавор аст. Баъди андак вақт ӯ ҳамроҳи посдори худ ба соҳили кӯл мебароянд ва аз манзараи зебо лаззатёб, мисли ҳар бегоҳ, сайру гашт мекунад.

Ана ин ҷаноб бошад – соҳиби бузургтарин корхонаи чинивори Ҳиндустон «Нарбада фекториз». Зарфҳои истеҳсоли корхонаи ӯро дар ҳар хонадон дидан мумкин аст. Ҷасорат дошта бошед – кумҳараш[1] номед. Фақат метарсам, ки чунин ҷасорат шуморо ба оқибати нек намерасонад. Чунки вай дар ҳар ҷо-аз шӯъбаи полис то вазорат, ёру ҷӯраҳо дорад, ки ҳама ба хидматаш тайёранд: ба ин тоифа аз вай на фақат косаву табақ, балки хӯроки ба он кашида мешудагӣ ҳам расида меистад. Кадоме аз онҳо маҳрамона ӯро гӯшрас намудааст, ки дар водии Кашмир сафедгил ёфтаанду вай барои истеҳсоли чинивори олисифат – аз маҳсули ҳозираи «Нарбада фекториз» чанд карат беҳтару хубтар мебошад. Ба ҳамин сабаб ӯ якуним моҳ қабл аз ин дар меҳмонхонаи «Пелас» маскан гузида ҳамарӯза даву тоз дорад, то аз ҳукумати штат барои хушконидани кӯли Дал иҷозат гирад. Чунки мутахассисони ӯ баъди кофта баромадани тамоми кунҷу канори водии Кашмир, арз кардаанд, ки кони сафедгил дар умқи кӯл ҷой гирифтааст. Барои ба вуқӯъ овардани кор роҷеъ ба хушконидани кӯл тайёр аст худи ҳозир бист миллион рупия аз ҳамён барорад ва ҳеҷ фаҳмида наметавонад, ки аз чӣ сабаб ҳукумати штат якзайл талаби ӯро рад менамояд. Барои ӯ мафҳуми зебоӣ вуҷуд надорад. Шафақи дар ойинаи кӯл мунакис гашта, нилуфари гулобӣ, ки дар сатҳи ороми он беҳаракат монда, гондолҳои Венетсияи Ҳиндустон – шикарҳои[2] бо гулу гулшаддаҳо ороста – ин ҳама дар назари вай ҳеҷ аст. Аз ин рӯ вай рӯзе чанд маротиба ба соҳили кӯл мебарояд, – не, намебарояд, балки бо суръат тохта меояд –

---

[1] Кумҳар – кӯзагар, узви кастаи кулолон.
[2] Шикар – як навъи заврақ.

ва дар худи лаби об истода, дар хашму ғазаби бетаъсир, мушт ба сина мезанаду бо садои гирялолуд нидо мекунад:

– Аз ин кӯли лаънатӣ ҳатто гилро ба ман раво намебинанд! Чаро, ман аз шумо мепурсам, чаро?

Инаш – филмбардор. Филми охирини ӯ, ки дар он макони воқеа Дарҷелинг қарор ёфтааст, миллион рупия даромад овард. Филми ҳозираи худро дар Сринагор ба навор гирифтанист ва ният дорад, ки аз он на кам аз якуним миллион пул кор кунад. Манзараҳои Сринагор дар ҳақиқат ниҳоят дилрабост – кӯли Дал, фавворахои Чашмашоҳӣ, сабзазори зумуррадии Нишотбоғ ё Шолимар, чашмазорҳои баландкӯҳи Гулмарг, ки саросар бо гулҳои рангоранг пӯшида шудааст... Ин ҳама дар филм намоиш дода мешавад. Аммо зебоиҳои Кашмир аз пасманзар, ки вазифаи асосиаш – диққати тамошобинонро ба симои ҳавасовари ягон актрисаи хушрӯяк ҷалб намудан аст, беш намебошад.

Филмбардор савдогари зебоист, вале Шумо ҷасорат карда ба вай рӯйрост гуфта наметавонд, ки «ту даллолӣ», чунки ӯ дар бонк чор миллион пул дорад, дар студияаш бештар аз ду ҳазор кас кор мекунад, худи вай бошад, савори «Шеврол»-и маркаи навтарин аст. Ӯ аз муомилот дар бозори махфӣ низ даромади зиёд дорад, бинобар ин танҳо «Аспи сафед» – вискии аз ҳама гаронбаҳои шотландӣ менӯшад.

Акнун ӯ дар хусуси чӣ гуна беҳтар ба навор гирифтани манзарае майна об мекунад, ки дар он қаҳрамонони асосии филми наваш ду дилдода шаби моҳтоб бо заврақ дар кӯли Дал шино доранд. Иҷрокунандаи нақши маҳбуба ин дам дар изтироб асту чӣ кор карданашро намедонад: дар васати кӯли Дал ду ҷазирае, ки якеро Заррин меноманду дигареро Симин воқеъ мебошанд. Вай бошад ба филмбардор ва ҳам ба иҷрокунандаи нақши дилдода ваъда кардааст, ки ҳамроҳи яке ба ҷазираи Заррин ва ҳамроҳи дигараш ба ҷазираи Симин меравад. Ана акнун ҳар ду дар як вақт омадаанд – бечора музтариб

асту чӣ кор карданашро надониста гоҳ ба филмбардор, гоҳ ба иҷрокунандаи нақши дилдода назар афканда ба қарори қатъӣ омада наметавонад, ки имшаб ҳамхобаи кадоме аз инҳо гардад.

Хуллас, зиндагӣ дар меҳмонхона чандон оддӣ нест, чунон ки дар назари аввал менамояд: сокини ҳар ҳуҷраро мушкилоте ба сар аст. Дар толори зиёфат вискӣ менӯшанд, мелаққанду механданд, вале муошырату муҳовараи онҳо аз содагиву бетакаллуфӣ орист: намедонӣ, ки мусоҳиби ту шӯхӣ мекунад ё суханонаш ҷиддӣ, чунки ашхоси дар ин ҷо ҷамъшаванда тоби онро надоранд, ки шӯҳраташон ва алалхусус, сарваташон коста гардад. Албатта, ҳар яке аз онҳо ба ин ҷо барои истироҳату дилхушӣ омада бошад ҳам аксари онҳоро Кашмир ё барои кинофилм чун манзарае, ё барои корхонаи чинивор чун сафедгил, ё воситаи дигаре, ки сармояафзост, ба худ ҷалб намудааст. Ин ҳама марду занҳо ҳар сол ба Сринагор маҳз барои айшу ишратҳои шабона, ки дар ин ҷо бо ваҷд додаи он мегарданд, ташриф оваранд ҳам, ҳеҷ гоҳ аз зебоии осмон дар шабонгаҳ лаззатёб шудан насиби онҳо намегардад. Чунки шаби Кашмир мисли Лайлои афсонавӣ чодари тира бар сар доштаву симои ҳақиқии онро дида тавонистан фақат ба шахсе муяссар мегардад, ки замири пок дошта бошад.

Аз ин рӯ ман ҳам бо дили андак изтиробомез аз меҳмонхона берун меоям ва сипас, дар сукунати шаб то дер нилуфарони сафедро, ки рӯи ойинаи кӯл ғариқи нури моҳанд, тамошо мекунам.

Замоне сарбози инглисӣ аз ваҷҳи ишқи ноком бо духтари сардораш худро ба кӯл партофтааст. Ҳар ду – ҳам сарбоз ва ҳам сардори ӯ майор ингилистонӣ будаанд, ҳар ду сафедпӯст ва соҳиб[1], вале бо вуҷуди ин, кимкадом қуввае барои хешу табор шудани онҳо мо-

---

[1] Соҳиб – ҷаноб, мухотабе, ки асосан нисбат ба аврупоиён ба кор мебурданд.

неъ гардидааст – охир духтар, чӣ хел набошад, духтари майор будаву ҷавон бошад, ҳамагӣ сарбози одӣ, бинобар ин кор ҳатто то ба номзадӣ нарасид.

Мегӯянд ки боре, ана дар ҳамин гуна шаби моҳтобӣ дилдодагон барои завраксаворӣ ба кӯли Дал омадаанд. Духтар бел мезаду сарбоз гитара дар даст, дар охири заврақ нишаста бо овози паст суруди маҳзунеро замзама мекард. Сипас, онҳо ҷой иваз карданд: ҷавон заврақ меронду духтар бо дастони чун гули себ сап – сафедаш ба курсӣ такя намуда, чашм аз чеҳраи ҷавон намеканд. Дар миёни кӯл сарбоз белҳоро бардошт ва онҳо чун сабзаи аз насим ба ҷунбиш омада, қариб бесадо, вале дергоҳ дар ким-кадом хусус гуфтугӯ карданд. Охирин бор онҳоро ситораҳои осмону баргҳои мунтазам дар об алвонҷхӯрандаи нилуфар – ин гули ишқу ошиқӣ, ки аз тамоми нозукӣ ва аҷоиботи муҳаббат воқиф аст, назора мекарданд.

Сипас, дилдодагон бархостанд, зери пояшон заврақ меларзид. Духтар бо фиғон дастонашро ба гардани сарбоз ҳамоил сохт, ҷавон ӯро ба оғӯш кашид ва чун кӯдак рӯи даст бардошту ба об ҷаҳид. Дар сатҳи орому шаффофи кӯл мавҷ ҳалқа зад ва хатти нуқрафоми моҳ чун ситораҳо ба атроф пош хӯрд, нилуфарон аз тарс сар ба зери об кашиданд, вале баъди чанд сония дубора қомат рост карданд. Фақат сарбозу духтар нопадид гаштанд.

Субҳ дамид. Бо даъвати майор беҳтарин обдонҳову ғаввосон ҷамъ омада тамоми кӯлро кофтуков карданд, аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо ғарқшудагонро ёфта натавонист. Аз ин рӯ сокинони маҳаллӣ яқин доранд, ки дилдодагон ҳалок нагардидаанд ва то имрӯз дар қарибии ҷазираи Заррин, дар ҷое, ки чинорҳои анбӯҳ мисли бевазанони мотамзада болои об фурӯ омадаанд, зиндагӣ ба сар мебаранд. Ба қавли ровиён, дар он ҷо, зери паттазори нилуфарони зарду қолини ғафси обсабзаҳои кӯлӣ, дур аз мазорҳои қасри зериобӣ вуҷуд доранду дилдодагон ана дар ҳамон ҷо сарпаноҳ ёфтаанд.

Касе ки ин қиссаи ишқи нокомро ба шумо нақл менамояд, ҳатман илова мекунад, ки дар шаби моҳтобӣ, вақте ки дар гирду атроф ҳама ба хоб рафтаву соҳилҳои кӯл бе ҷонзод мегардад, рӯи об завраки яккаву танҳо бесадо пайдо мешаваду шино мекунад. Заврақ аз танаи яклухти чинор сохта шуда, белҳояш аз нилуфаранд. Соябонаш аз обсабзаҳост, ки оҳи сабуки насими шабона алвонҷаш медиҳад.

Даруни заврақ суроби гӯё аз туман бофтаи сафеди ду тан намудор аст: мард оҳиста ангушт ба торҳои гитара мебараду бо овози паст замзама мекунад, зан бошад, дар паси заврақ дастони чун гули себ сапсафедашро ба курси такя дода мешинаду мафтуни суруди дӯстоштааш мегардад.

Сокинони маҳаллӣ, ба ҳар чӣ хоҳед қасам мехӯранд, ки заврақро бо чашми худ дидаанд. Ва инак, бегоҳӣ аз меҳмонхонаи «Пелас» баромада ман ҳам онро дидам. Дар сукунати шаб заврақ ба тарзе менамуд, ки гӯё аз нурҳои моҳ бофта шуда бошад. Мард бо табассуми лутфангез ба зан менигаристу зан ба вай. Саргарми ишқи худ, онҳо тамоми оламро фаромӯш карда буданд. Заврақ нарм-нарм алвонҷ хӯрда, бесадо шино менамуд, вале бораш хеле зиёд: бандҳои ҳезум, сабадҳои пур аз сабзавоту кабудӣ, болояшон гулҳои нилуфар ва дар байни ин ҳама бузе истода.

Мард суруди маҳзуни кашмирӣ оғоз менамуд:

*Намедонам рақиби ман кӣ будаст,*
*кӣ меҳри дилбарам аз ман рабудаст?*
*Рабуда гармии ҳангомаи дил,*
*ва чашмаш майли бемайлӣ намудаст?*

Суруд оҳанги савол дошт ва зан инро пай бурда шармгинона рӯй ба ҷониби дигар тофт, ба ҳофиз фақат шил-шилаи гӯшвораҳои нуқрагинаш бо ҷиринг-ҷиринги нозуке ҷавоб гардонид. Ман бошам моту мабҳут меистодам: боз ин ҳамон заврақ ва мусофиро-

наш қаҳрамонони қиссаи машҳур набошанд? Аммо ин тавр набуд. Инҳо ҳамагӣ сокинони маҳаллӣ, шаҳрвандони аз ҳама одӣ ва муқаррарие буданд, ки баъди рӯзи пурмашаққати корӣ ба хона бармегарданд. Барои ин касон ҳатто дар хусуси чунин марги романтикӣ фикр кардан, ба сари худ як чизи бемаънӣ ва ба инсон номуносиб аст, чунки онҳо барои бо ҳам дидани ҳар рӯйдоди зиндагӣ: ҳам ишқу мухаббат ва ҳам меҳнати пурмашаққат одат кардаанд.

Ман болои сарбанд қадам мезанам. Дар поён Ҷелам оромона ҷорист. Мо ҳар ду мусофироне ҳастем, ки ба ин ҷо аз дуродурҳо омадаем. Рӯзе ки ман аз модар таваллуд гардидам, ниҳоят заиф будам. Рӯзе ки чашмаи Веринаг ба Ҷелам ҳаёт бахшид, дарё ҳам хеле заифу камзӯр буд. Дарёчаи майдаяк дар сари роҳаш ҷӯйчаву наҳрчаҳоро ба худ кашида ҷараён меёфт.

Мо ҳар ду обшорҳои пурталотуми халиҷҳои ороми зиндагиро тай намудем ва ҳар ду мазрааи онро об дода гулҳои хуфтаро бедор сохтем.

Мо ҳар ду шаҳрҳоро аз хасу хошок пок менамудем, аз тааффуни онҳо нафас мекашидем ва монанди оворагарде, ки умеди охирин аз даст додааст, худамон ҳам мегандидаем. Мо ҳар ду баҳри ба ҳам пайвастани одамон пулҳо бино мекардем, монанди завраққо ба истиқболи ҳамҷинсони хеш мешитофтем ва ҳар ду оламеро ба худ ҷалб намудаем.

Бинобар ин Ҷелам мисли инсон асту инсон дарёро мемонад. Онҳо ҳар ду ба як самт ҳаракат мекунанд ва ҳамроҳашон шаб ҳам.

– Бобу-ҷӣ!

– Чӣ мегӯӣ? – мепурсам ман.

– Бингаред, бобу-ҷӣ: тасбеҳ аз қаҳрабои асил, ангуштарин – нигинаш лоҷварди ҳақиқӣ, хокистардон аз мармари ҳақиқӣ, ангуштарини нуқрагӣ бо санги қамарӣ ...

– Ин ҳама ҳақиқӣ бошад, ба сарбанд чаро омадӣ?

– Эҳ, бобу-ҷӣ, бармеояд, ки шахси оқилед, – оҳ ка-

шида гуфт дар ҷавоб муйсафед. – Агарчи барои ин сангҳо якчанд пайса беш намедиҳанд, дар ҳақиқат онҳо бебаҳоянд. Охир ин сангҳо ба ман аз як ламаи[1] ладакҳӣ[2] расидаанд. – Хайр, молатро нишон деҳ.

Мӯйсафед – зоҳиран бараҳмани кашмирӣ – қабояшро рост ба роҳи пиёдагард паҳн менамояд.

Ман маснуоти ӯро якто-якто, бо диққат аз назар мегузаронам. Аммо афсӯс! – на ангуштарин аз нуқраву на нигинаш аз санги қамарист. Ин қабил сангҳоро, кадом заргаре, ки бошад, партов мешуморад. Мармаре, ки аз он хокистардон сохтаанд, худо медонад, ки чи гуна аст? Каҳраборо ҳам яқинан аз ягон партовҷой чидаанд. Вале дар ин ҳама истеъдоди санъаткори ҳақиқӣ ҳис карда мешавад: аз ҳар яки ин чизҳо, ки бо ҷидду ҷаҳди тамом кандаву сайқал дода шудааст, гӯё нур меборад. Ба ман беш аз ҳама ангуштарин писанд омад. Бепарвоёна аз он чашм канда, нархашро мепурсам:

– Барои тамокудон чанд пул мепурсӣ?

– Як саду ҳафтод рупия.

– Ӯҳӯ! Барои тасбеҳ-чӣ?

– Навад рупия.

– Бай-бай! Ана инаш чанд пул, бо нигини лоҷвардӣ?

– Чорсад.

– Ана вай аз нуқраи қалбакӣ сохта шудааш? – зоҳиран беэътиноёна мепурсам ман.

– Бо санги қамарӣ?.. Чил рупия. Ин мол ба ламаи ладакҳӣ тааллуқе дошт.

– Охир, ҳамин ҳозир мегуфтӣ, ки вай ба ту аз ламаи ладакҳӣ расидааст?

– Бале, онро аз ламаи тибетӣ дуздида ба Ладакҳ фиристода будаанд, ламае аз он ҷо ба ман овард.

– Нархи арзандаи ангуштаринат – даҳ рупия.

---

[1] Лама – роҳиби буддоӣ дар Тибет ва Муғулистон.

[2] Ладакҳ – вилояти кӯҳии Ҳиндустон, ки дар шимоли водии Кашмир аст.

– Инсоф кунед! Танҳо нигинаш ба чил рупия меарзад. Баҳои ҳақиқии онро беҳтар аз ман кӣ донад?! Аз бачагӣ бо савдои ҷавоҳирот сару кор дорам. Зери назорати бобоям ба ин шуғл оғоз намудаам ...

Ин вақт ман гӯё рафтанӣ мешавам.

– Хуб, маҳз ба хотири шумо – сӣ рупия, – илқо мекунад фавран фурӯшанда.

– Ҳашт, – рӯ ба ақиб нагардонида мегӯям ман.

– Шӯхӣ мекунед! – бо ҳарос нидо дар медиҳад мӯйсафед. – Майлаш ба бист рупия гиред.

Китф дар ҳам кашида қадаме ба пеш мегузорам.

– Бигзор бар зарари ман бошад, – понздаҳ рупия ! – барои аз даст надодани харидор қариб илтиҷо менамояд мӯйсафед. – Наравед ! ... Дувоздаҳ рупия! ... Хайр майлаш ... Даҳ рупия – ва ангуштарин аз Шумо.

– Ҳафт рупия – як пайса ҳам аз ин зиёд не, – бо қатъият мегӯям ман дар ҷавоб ва ба назди фурӯшанда бармегардам. Ӯ ба аломати ризо сар меҷунбонад. Аз ҷайб ҳафт рупия мебарораму аз дасти дароз кардаи ӯ ангуштарини писандидаамро мегирам.

– Бигӯ, ки ақаллан нигинаш аз санги асл аст? – савол мекунам ман аз ӯ.

– Сангҳо ҳама қалбакӣ, – бо алам оҳ мекашад мӯйсафед, – вале амалаш – санъати ҳақиқӣ.

– Барои чӣ якбора нархи аслиашро намегӯӣ, – идома медиҳам ман. – Аз чил рупия шурӯъ намуда то ҳафт фаромадӣ ... Шояд сабаби ин ҳолро ташреҳ намоӣ.

– Харидорони моро, хусусан занонро, муддате савдо кардан хуш ояд, – шӯхиомез чашмак зада мегӯяд ӯ. – Медонед, ба майли занҳо монӣ, ба як рупия ангуштарини алмосӣ талаб доранд...

Баъди андак масофа мебинам, ки дар соҳили нишеби дарё марде занеро лагадкӯб мекунад. Зан чиррос мезанад, имдод металабад, вале одамони дар соҳили дарё нишаста парвое надоранд. Дар оташдони аз хишт чида шуда, қисир-қисиркунон оташ месӯзад. Болои он

тобаи калоне гузошта шудааст. Зани солхӯрда сари по истода хӯроки шом мепазад. Қотурмаҳои сурхшударо, ки ӯ чолокона аз тоба гирифта ба лаълии дар паҳлӯяш буда меандозад, мӯйсафед ва навраси дар худи ҳамин ҷо нишаста қотурмаро бо кадуи обпаз дулунҷа мехӯранд. Ду писарбача тухми дар ду сабади калон бударо дақиқан аз нав мешуморанд, боз як марди дигар то зону ба об даромада, аз ҳаловат ғоқ-ғоқкунон, сару рӯ мешӯяд. Аз қиёфаи ҳамаи онҳо чунин бармеояд, ки рӯ ба рӯи онҳо умуман воқеае ба вуқӯъ намерасида бошад.

Ман саросема ба соҳил фаромада назди зани солхӯрда, ки машғули қотурмапазист, меравам.

– Магар ту ин расвоиро намебинӣ?

– Чаро набинам? Мебинам ...

– Ва ту, зан, ӯро ҳимоя кардан намехоҳӣ?

– Охир вай зани ӯст.

Пас ман ба шавҳари шӯрида рӯ меоварам.

– Барои чӣ ӯро мезанӣ?

– Ӯ зани ман аст, – заррае хиҷолат накашида мегӯяд дар ҷавоб ва ба рухсораи зан боз як торсакии обдор мезанад. – Ҷавоб деҳ, гӯшвораро аз куҷо гирифтӣ? – Бо зарб занашро лагад мезанад.

– Боз чӣ хел гӯшвора? – ҳайрон мешавам ман, – сабр кун, дастатро гир ...

– Ана ҳамин гӯшвораи овехтааш! – ӯ вазнин-вазнин нафас мекашад.

– Гӯшвораи нуқрагӣ чандон гарон набудагист? Шояд занат онро харида бошад, – бовар мекунонам ман ӯро. – Се-чор рупия андӯхта харидагист. Гӯшвора ҳам чиз шуд магар? Ана нигар: ман ҳамагӣ ба ҳафт рупия ангуштарини нуқрагӣ харидам.

Мард бо хашм сӯям менигарад.

– Ба шумо, ҷаноб, касе даъво надорад. Ихтиёр доред! Вале вай аз куҷо гирифтааст? Мо ҳама шабу рӯз дар сохтмон заҳмат мекашему музди меҳнатамон ба хӯрокамон базӯр мерасад. Дар чунин ҳол гӯшвори

нуқрагӣ аз куҷо метавонад пайдо шуд? Дирӯз аз он ному нишон набуд, имрӯз баногоҳ пайдо шудааст...

– Дар ин бора худи занат чӣ мегӯяд?

– Мегӯяд, ки ёфтааст. Гӯё ки вақти рафтан дар роҳ ёфтааст. Қанчиқи лаин! Иқрор шав, кадом хушдорат тӯҳфа кард? – ва ӯ бо хашм мушт ба рӯи зан мезанад. Аз лаби кафида ҷӯи хун ҷорӣ мегардад. Зан калавида рӯ ба замин меафтад, гӯшвораи нуқрагӣ лағҷида беса-до ба об фурӯ меравад.

Зан нолаи ҷонкоҳ кашида аз ҳуш меравад. Шавҳараш саросема нашуда, барои ба худ омадани вай чора меҷӯяд.

– Шумо инҷоӣ нестед? – мепурсам ман пиразанеро, ки машғули қотурмапазист.

Мо ба ин ҷо аз Роҷурӣ омадаем, – шитоб накарда мегӯяд ӯ дар ҷавоб. – Буду шудамонро фурӯхтему омадем... Мана дар сохтмон кор мекунем, хишт мека-шонем. Писаронам – ду писар дорам – бар иловаи ин, ба савдои майда-чуйда низ машғуланд. Оне, ки занозанӣ мекунад, низ писари ман аст. Ана вай зани беҳуш хобида, яъне келинам мешавад. Мӯйсафед – шавҳар, писарбачае ки ҳамроҳаш хӯрок мехӯрад, на-бераи ман... Дар Роҷурӣ зиндагиамон беҳтар буд, ал-батта. Вале ҳар чӣ доштем, фурӯхта тамом кардем...

– Боқимондаашро дар ин ҷо, дар Сринагор фурӯхтагистед, – сухани ӯро мебурам ман, аммо пира-зан ҷавоб намедиҳад ва барои дигар кардани мавзӯи сухан аз ӯ мепурсам:

– Якто қотурмаро ба чанд пул мефурӯшӣ?

Вай бо назари нафрат ба ман менигарад.

– Медонӣ, кайҳост, ки қотурмаву кадуи обпаз нахӯрдаам – хиҷолатмандона шарҳ медиҳам. – Бачаги-ам ба хотирам расид. Ба як рупия медиҳӣ?

– Биншин, марҳамат, биншин, – мегӯяд саросема мӯйсафед.

Ман аз ҳамён як рупия мебарорам. Мӯйсафед ҳарисона даст дароз мекунад, аммо писараш пешдастӣ

зоҳир менамояд: ӯ пулро аз дасти ман кашида гирифта ба ҷайб меандозаду модарро мефармояд:

– Гуфтагиашро деҳу гӯй, ки аз роҳаш намонад... Сипас, ба занаш, ки ҳанӯз рӯи замин мехобиду лекин ба ҳуш омада, наздик гардида ӯро пешпозанон ғурунгос мезанад:

– Рав, акнун аз модарам маъзарат хоҳ... Дар хусуси гӯшвора дигар фикр ҳам намекунӣ, вагарна...

Келин итоаткорона пеши пои модаршӯй худашро мепартояд. Баъд, даст ба оташ бурда савганд мехӯрад, ки дигар як умр ёди гӯшвора нахоҳад кард. Вале вай, монанди ҳама занҳои соҳибҷамол, чизҳои зеборо дӯст медорад ва гаштаву баргашта ба ангуштарини ман назар меафканд. Беихтиёр аз дилам гузашт, ки ӯ – зани соҳибҷамол ва дар айни ҳол қариб гадо, албатта боз на як бору ду бор гӯшвора ба гӯш хоҳад овехт...

Қотурмаи гармро аз даст ба даст мегирам, пиразан болои он кадуи обпаз мегузорад. Буғи гарму муаттар ба машомам мезанад ва замирам аз кайфу ҳаловати фавқулодда саршор мегардад. Баногоҳ, дар ҳақиқат маро иштиҳо меояд ва гӯё тамоми рӯз резаи ноне ба даҳон набурда бошам, қотурмаро дулунҷа мехӯрам.

– Мартинӣ ё коняк?

– Чӣ навъ шӯрбо мефармоед?

– Pass me the salt, please.[1]

Нисбат ба ин қотурмаи оддӣ, ки аз орди ҷуворимакка тайёр кардаанд, таомҳои зукка ва ҳузуру ҳаловати собиқ қасри маҳароҷагон ҳеҷ аст...

– Дар меҳмонхонаи «Пелас» будӣ? – луқмаи охирини қотурмаро ба даҳон андохта аз марди навакак занашро лагадкӯб карда мепурсам, билохир.

– Вориди он шудан бароям муяссар нагардидааст.

– Фаввораҳои Чашмашоҳиро дидаӣ?

– Не.

– Нишотбоғро?

---

[1] Марҳамат карда намакро дароз кунед (инглисӣ).

– Не...

– Боғи Шолимарро дидаӣ?

– Не... Чӣ лозим? Оё он ҷо кор пайдо кардан мумкин?

На, он ҷо кор намеёбӣ, лекин лаззати эстетикӣ мегирӣ...

– Инаш боз чӣ? – ҳайрон мешавад ӯ.

Дар ҷавоб ба вай чӣ метавон гуфт? Беҳтар ки хомӯш монд. Бинобар ин, луқмаи охиринро фурӯ бурда, ба мавзӯи барояш аёнтар мегузарам:

– Занатро зуд-зуд мезанӣ?

– Ҳафтае як маротиба – ҳамин ҳам задан аст магар? – мегӯяд ӯ хушҳолона ва ба ҷониби занаш гашта, ба даҳони вай як бурда қотурма меандозад. – Рост мегӯям, Ҷанакӣ?

Зан дар ҷавоб бо шавқ механдад.

Нимишабӣ. Чароғҳои барка – меҳмонхонаҳои дар болои об сохташуда кайҳо хомӯш гаштаанд. Дар соҳили дарё шикарҳо осуда пинак мераванд. Дарахтони ду тарафи сарбанд, мисли сарбозони ба саф истода, хомӯшу беҳаракат. На дар ҷое чароғаке менамояду на садои бели завракроне ба гӯш мерасад. Дар кӯчаҳои ғарқи нури моҳ фонусҳои чун ғамзадагон безиё базӯр намоёнанд. Ман рӯи пули Амиркадал истодаам, дар поён Ҷелам бесадо ҷорист.

Рӯ ба рӯям, гӯё аз зери пул зада баромада бошад, шахси бисёр лоғар, ки риши дарози сафед дорад, пайдо мегардад – ин Қодири девона аст. Вай чашм аз ман наканда манфурона қиқиррос мезанад.

– Чаро механдӣ? – мепурсам ман.

Ногаҳон қиёфаи Қодир ҷиддӣ мегардад, дуру дароз маро муоийина карда, баъд ба санҷишам шурӯъ менамояд:

– Дар ин шаҳр чанд пул мавҷуд аст?

– Ҳафто.

– Номҳояшро медонӣ?

– Ана ин Амиракадал, баъд Аддакадал, Фотеҳкадал, Ҷиннакадал ва ниҳоят Сафокадал.

– Боз ду пули дигар сохта шудааст, – чашм аз ман наканда ёдовар мешавад Қодир.

– Бале.

– Онҳо чӣ ном доранд?

– Намедонам.

– Хӯш, ҳамагӣ чанд пул мавҷуд аст?

– Нӯҳто, – оташин шуда мегӯям дар ҷавоб. – Бесабаб ҳам Сринагорро шаҳри нӯҳ пул наменоманд.

– Пас, пули даҳӯм куҷост?

– Пули даҳӯм? Боз ин пули даҳӯмаш чӣ? – ҳайрон мешавам ман.

Вале девона ҷавоб намедиҳад. Вай ба ман менигараду бе садо механдад, сипас чобукона пулро гузашта ҷониби кӯчаи Ҳарисингҳ раҳсипор мегардад ва роҳравон фарёд мезанад:

– Пули даҳӯм куҷост?! Куҷост пули даҳӯм?!

Қодирро дар гӯшаву канори гуногуни шаҳр тез-тез мебинанд: вай кӯча ба кӯча гашта фарёди бемаънӣ мезанад. Аммо касе ба вай аҳамият намедиҳад. Ин мардро ҳама мешиносанд. Ӯ дар анборе, ки наздики пули Сафокадал воқеъ аст, ҳезум арра карда, ба ин васила қути лоямут ба даст меорад.

Замоне Қодир дар завраҷи пур аз ҳезумаш ҳар рӯз аз зери ҳафт пуле, ки соҳили Ҷеламро ба ҳам мепайвастанд, мегузашт. Бо тамоми қувва муқобили ҷараён бел зада завраҷро то меҳмонхонаи «Пелас» мерасонду ба он ҷо бори худро месупурд. Ба анбор ӯ баъди фаро расидани шом, қариби соатҳои даҳ бармегашт ва аз хӯҷайин дувуним рупияи худро – музди кори якрӯзааш ҳамин қадар буд – гирифта сӯи хона раҳсипор мегардид. Дар хона таомеро, ки завҷааш ба назди ӯ мегузошт, саросема нашуда мехӯрд, як пиёла чои талх менӯшид ва хаставу лакот ба рахти хоб даромада мехобид. Вай завҷаашро аз дилу ҷон дӯст ме-

дошт. Аз муҳаббати беҳамто ва садоқати самимии ӯ атрофиён низ ҳама бохабар буданд.

Боре завҷаи Қодир бистарӣ шуд: нишонаҳои бемории шаҳодат медоданд, ки вай гирифтори вабост. Он вақт Қодир аз хӯҷаинаш ду рупия қарз гирифта назди азоимхон рафт, то барои завҷааш дору харад. Баъди ба бемор дору додан, вай мисли ҳарвақта, сӯи коргоҳ шитофт. Тамоми рӯз ҳезум арра мекарду соати дамгирӣ барои хабар гирифтани завҷааш метохт. Гӯё кӯҳи гароне ба дӯшаш фурӯ афтида буд. Нигоҳубини бемор, ба миқдори ҳаррӯза ҳезум тайёр кардан, онро ба меҳмонхона бурда расонидан – ба ин ҳама бояд вақт меёфт.

Чун дид, ки истифроғи завҷааш қатъ намегардад. Қодир дубора назди хӯҷаин рафта ин дафъа даҳ рупия қарз хост, то табиби ҳақиқиро даъват намояд ва доруе, ки вай мефармояд, бихарад. Хӯҷаин дар ҷавоб гуфт, ки то ҳамаи ҳезумро арра карда ба меҳмонхона бурда насупорад, ба ӯ як рупия ҳам нахоҳад дод.

Қодир чӣ кор карданашро надониста сӯи хона тохт. Ҳамсояҳо гуфтанд, ки завҷааш ҳамон азият мекашад, ҳоло рамақе аз ҷон мондаву хобидааст: истифроғи беист ӯро мурдаи тайёр кардааст. Дар ҳақиқат зан беҳуш мехобид. Қодир оҳиста даст ба ҷабини аз арақи сард тар гардидаи ӯ бурд ва бо садои паст, канда – канда гуфт:

– Тоқат кун, Зайнаб. То омадани ман мунтазир бош!

Қодир ба завҷаи беҳуш хобидааш инро гуфта баромада рафт ва саросема ҳезумро ба заврақ бор карда роҳи меҳмонхонаро пеш гирифт. Ҳеҷ вақт ин роҳи барояш одатӣ мисли имрӯза душвору дурудароз нанамуда буд. Ба назари вай чунин мерасид, ки рӯи дарё не балки дар биёбон, рӯи реги равон, ки пои касро ба қафо мекашад, ҳаракат мекунад. Қодир, гӯё болои сараш назоратчии бадхашм тозиёнаи вазнин дар даст истода бошад, бо тамоми қувва бел мезад. Дар тӯли ҳамаи ин солҳо ӯ бори нахуст, фақат ҳозир пулҳои Ҷеламро дақиқ ҳисоб кард. Ҳар як пул, ки аз зери он

завраки Қодир шино карда мегузашт, ба назари вай равоқи бузургу сокити андӯҳ менамуд ва ӯ боз ҳам тезтар бел мезад. Ниҳоят, чун тири аз камон ҷаста, аз зери ҳамаи пулҳо босуръат гузашта ҳезумро ба меҳмонхона бурда расонд. Сонӣ назди хӯҷаин баргашт ва аз дасти ӯ қоғази даҳрупиягиро гирифта назди бемор тохт. Аммо, вақте ки шушаш ба даҳон омадаву борони арақ аз сару рӯяш резон ба хона расид, алакай рӯҳи Зайнаб тани ӯро тарк намуда ба дуродурҳо, аз ҳамин ҳафт пули Ҷелам ҳам дуртар, рафта буд...

Мегӯянд, ки худи ҳамон рӯз Қодири мусибатзада аз ақл бегона шуд. То даме, ки Ҷелам ҳафт пул дошт, вай бо саволи – «Пули ҳаштум куҷост?» ҳамаро гаранг мекард. Вақте, ки пули ҳаштумро сохтанд, вай аз ҳар шахси пеш омада мепурсид, ки нӯҳумаш куҷост? Баъди бино гардидани пули нӯҳум, ӯ ба суроғи пули даҳум афтод. Охир вай девона аст, аз девона чӣ гила?

Фақат садои Қодир дар ин бевақтии шаб хомӯшии кӯчаву тангкучаҳои Сринагорро бар ҳам мезанад:

– Куҷост пули даҳум?! Пули даҳум куҷост?!

Ҷелам аз бахшҳои шаҳр, ки он ҷо ҳеҷ гоҳ кас моҳидоронро намебинад, завракҳои пур аз колаи гуногун дар ду қатор саф кашидаанд, дар боми биноҳои баланд ва аз гузашти замон тира гардида гулҳо мерӯянд, ахлоту пасмондаҳоро рост ба об меандозанд, ҷӯйҳои обпарто тааффуни тамоми тангкӯчаву паскӯчаҳои атрофро ба дарё мебаранд низ гузар дорад.

Аз қозаҳое, ки назди пули Ҷинакадал ҷойгир шудаанд, – дар онҳо завракронон иқомат мегузинанд, – баъзан суруде ба гӯш мерасад...

Сокинони маҳаллаи Раънoборӣ – устоҳои машҳуранд. Онҳо рӯи тахтаи аз чӯби чормағз бурида шуда, баргҳои панҷашакли чинор, булбули дар шохи гул нишаста, хати морпечи дарёча барин нақшҳои зебову латифро кандакорӣ мекунанд...

Қариби пули Амиракадал ҳунармандоне мустақиманд, ки бо санъати кашидадӯзӣ машҳур гар-

дидаанд: нақши рӯймолҳои шоли маҳаллӣ чунон зебову хушобуранг аст, ки дар назди он нури моҳ аз хиҷолат хира мегардад.

Ана дар ин ҷо, дар канори маҳаллаи Ҷаддибал козаи Мансур ҷой гирифтааст – кулбачаи яккаву ягона, ки деворҳояш похсаву бомаш аз пахол мебошад... Кайҳо шаб аз нисф гузашта, – ақрабаки соати ман расо дуро нишон медиҳад, – вале Мансур ҳанӯз ба хоб нарафтааст, вай бо нақшу нигори кӯзаи калону зебое, ки аз папе-маше сохтаанд, машғул аст. Зимнан, ин кӯза – осори ҳақиқии санъат буда, бо шакл ва нақшу нигори худ дар хотири кас рубоиҳои Умари Хайёмро зинда месозад. Завҷаи Мансур дар кунҷи коза нишаста аз папе-маше ҷаъбаи ҷавоҳирот месозад. Ҷаъба аз мармар не, аз папемашеи оддӣ сохта шуда бошад ҳам, нақшу нигори вай гулбурии деворҳои Тоҷмаҳалро ба хотир меорад.

Мансур Илоҳӣ – дӯсти ман аст, бинобар ин бе ҳеҷ такаллуф ба кулбаи ӯ ворид мегардам.

– Соат дуи шаб, мегӯям ман ба вай. – Кай хоб мекунӣ?

– Вақте ки ангуштонам аз ҳаракат мемонанд, – ҷавоб медиҳад ӯ.

– Ва чашмонаш дигар намедидагӣ мешаванд, – ғамангезона илова менамояд завҷаи ӯ аз ҷои нишастагиаш.

Чӣ гуфтанамро надониста хомӯш мемонам.

– Ягон пиёла чой ҳам надорӣ, ки лаб тар кунам? – мегӯям ман билохир.

Зан дар ҷавоб чизе намегӯяд ва ба як пиёла чои талх рехта ҳамчунон хомӯшона ба ман дароз мекунад. Чои муаттару хушранг таъми андак талх дорад, вале ман ҳамин хел чойро announcements мeписандам.

– Офитсиант, як шиша вискӣ!

– Боз як ҷуръа мартинӣ, darling[1]. Нигоҳи махмури ту дили маро мебарад...

[1] Darling – азизам (инглисӣ).

– Ҷомҳоро пур месозем! Бигзор ҷӯи шампан равон гардад!...

– Мансур, ягон вақт дар меҳмонхонаи «Пелас» будӣ?

– Тез-тез ба он ҷо рафта меистам. Пагоҳ ҳам меравам. Охир ин кӯзаву ҷаъбаро ҷанобе, ки дар «Пелас» зиндагӣ мекунад, фармудааст.

Вай фардо ба Лондон меравад, аз ин рӯ ҷидду ҷаҳд дорам, ки корро тезтар ба анҷом расонам.

Ҷиҳози фақиронаи козаро аз назар мегузаронам. Деворҳои бо гили зард андова шуда, фарши хокӣ, дар тарафи чапи даромадгоҳ – ду хуми сафолӣ, дар тарафи рост – чанд сатили холӣ, назди девор – оташдон ва зуруфе чанд. Аз ҳавои вайрони кулбача бӯи бад меояд. Завҷаи Мансур зӯр зада месулфад ва мисли он, ки ҳангоми аз пули фарсуда гузаштани автомобили боркаш ғӯлачӯбҳои пул ба ларза меоянд, ҷуссаи ӯ ҳам баробари садои хирриаш меларзад.

– Худоро шукр, тайёр шуд!

– Чӣ тайёр шуд? – мепурсам ман.

– Кӯза, дигар чӣ тайёр мешуд? – Мансур ба чароғ наздик омада амали худро ба ман нишон медиҳад. Гӯё ба кулбаи нимторик нури офтоб зада даромада бошад, кӯзаи бо рангҳои баланду пуртаровper мунаққаш гардида зоҳиран, худ зиёгустарӣ мекунад. Ман эҷоди ӯро мафтун шуда тамошо мекунам. Наход чунин зебоӣ, зарофату мулоимати хатро ангуштони дағали дӯсти ман Мансур офарида бошад? Ва ман беихтиёр ба деворҳои урёни кулбачае, ки дар он чунин эъҷози дасти инсон ба вуҷуд омадааст, назар афкандам.

– Мана дар ин ҷо гӯшаи майдекак холӣ монд, ин барои каломи ҳикматомез, – мегӯяд Мансур, ба равоқи дар кӯза тасвир гардида ишора карда. – Хоҳиш мекунам, ягон байти муносибро ба хотир биёр.

Чашм аз осори бебаҳои санъат канда бори дигар ба чеҳраи азияткашидаи Мансур ва завҷааш, сипас ба ҷиҳози фақиронаи кулбача, похсадеворҳои урён ва

сақфи пахолини он назар меандозам... Ба як мушкилӣ байти зерин ба хотир меорам:

Ҷӯёи мулоқоти ман он аст ба ҳар сӯ,

К-ӯ ташнаи дидор бувад аз дилу аз ҷон.

Бисёр хуб, бисёр хуб! – мегӯяд Мансур сар ҷунбонида ва ба сабти печҳои мураккаби хати арабӣ шурӯъ менамояд.

Шаб Сринагори хобидаро дар оғӯш медорад. Оби Ҷелам бесадо ҷорист. Ҳама ҷо – оромӣ ҳукумфармост. Пас, аз чӣ маро майли гиребон кандану, мисли Қодири девона фарёд задан ба сар меояд? – Чунон фарёд задан, ки ба гӯши ҳар як фард бирасад:

– Куҷост он пул, пули даҳӯм?! Куҷост он равоқи гуногунранги орзуву умедҳо, ки маҳаллаҳои ҳақири Ҷаддибалро бо «Пелас»-и ғариқи ҷалолу ифрот пайвандад?!

# АДОЛАТИ ВИКРАМАДИТИЯ[1]

## 1

Толори чаҳоруми суд аз айбдорон, адвокатҳо, даъвогарон, шоҳидон ва ашхоси бекора пур буд. Соат ёздаҳуним. Вале аз судя ҳанӯз дарак нест.

Имрӯз ронандаи таксӣ Викрам бори ёздаҳум ба мурофиаи судӣ меояд. Дар тӯли чаҳор моҳ ӯро даҳ маротиба даъват намуда бошанд ҳам, ҳар дафъа масъалаи ӯро ба даъфаи дигар вомегузоранд – навбат намерасид. Дар ин муддат ӯ кор намекард. Таксӣ ки беҳаракат монд, зиндагӣ ҳам пеш намеравад: бачаҳо аз мактаб мемонанд, дӯкондор ба насия мол намефурӯшад. Фақат забони зан аз пештара дида тезтар мегардад.

Аслан, мурофиаи Викрам дар хусуси масъалаи ночизе буд – вай аз мошини шахси бузургтарини шаҳр,

---

[1] Викрамадития – шоҳи афсонавии Ҳиндустони қадим, ки бо ҳақиқатписандиву адолати худ шӯҳрат ёфтааст.

ки бо суръати тез мерафт, пеш гузашт. Ҷаноби мӯътабар ҳарчанд кӯшиш намуд, аз Викрам пеш гузашта натавонист – Викрам ба вай роҳ надод. Бо вуҷуди он, ки мошини зоти шариф чун шиками ӯ азиму дарозии вай таносуби ҳассосати соҳибаш буд ва аз лиҳози ранг фоҳишаи рангу равғанзадаро мемонд, таксии назарногири Викрам беҳеҷгуна душворӣ аз он пеш гузашт. Дар ин ҷо, аллбата, гап на дар сари таксӣ, балки дар маҳорати Викрам буд. Охир тамоми анвои мошинро дасти инсон ба ҳаракат меорад. Ашрофзодагон аксар инро фаромӯш мекунанд. Шаккокии ким-кадом ронандаи фурӯмоя ҷаноби мӯътабарро мутанаффир сохт. Ӯ дар чорроҳаи аввалин ба полис – нозири ҳаракат рӯ оварда норизоияти худро изҳор намуд. Ана акнун суд. Барои чунин гуноҳ мебоист аз Викрам зиёдаш даҳ рупия ҷурмона гиранд. Вале ҷаноби мӯътабарро фурсати ба суд ҳозир шудан набуд. Бинобар он Викрам маҷбур буд, бори ёздаҳум ба ин ҷо ояд.

– Магар ҷаноби судя имрӯз ташриф намеоваранд, – бо хотири парешон аз адвокати худ пурсид Викрам.

– Кӣ медонад? – бо асабоният ҷавоб дод адвокат. Викрам ба вай барои ҳар ташрифи худ се рупиягӣ ваъда карда хурсанд ҳам шуда буд, ки барои ҳалли масъала маблағи чандон зиёд сарф нахоҳад шуд. Он вақт ӯ гумон дошт, кор бо як ё ду даъват анҷом меёбад. Аз куҷо медонист, ки ин қадар тӯл мекашаду Викрамро ба ҷои се рупия сивусе рупия додан лозим меояд. Сабаби ин қадар бо асабоният ҷавоб гуфтани адвокат бошад... сабабаш... Дар хусуси коре, ки ҳамагӣ се рупия даромад меорад, боз чӣ гуна ҷавоб диҳанд? Агар ин даромад панҷоҳ ё, ақаллан, бист рупияро ташкил менамуд, вай ҳатман бо табассум сухане мегуфт. Ҳар адвокат аз рӯи ҷадвали муайян табассум мекунад – яке бо дидани панҷ рупия, дигаре – панҷоҳ, сейюмӣ – сад. Барои табассуми ин тоифаро дидан, камтар аз ҳазор рупия харҷ кардан нашояд. Байни ҷадвали адвокатҳову ҳисобкунаки таксӣ фарқе нест.

«Ман ба ин хуношом сивусе рупия додам, – бо алам фикр кард Викрам, – вай бошад, одам барин ҷавоб додан намехоҳад, чунки барои ӯ ман фақат мизоҷи се рупиягиаму бас. Аз гуфтугузор бо ман баринҳо барояш чӣ суд?»...

– Хоҳиш мекунам, аз котиб бипурсед, ки судя имрӯз меояд ё не, – илтиҷоомез адвокатро илтимос намуд Викрам. – Мошин бекор, ман аз ин ҳол зарари бисёр мебинам. Адвокат бошад, ба соаташ нигоҳ карда, саросема азми рафтан намуд.

– Бинед-а, аллакай соат чоряк кам дувоздаҳ. Ман бошам дар суди дуйум ҳам мурофиа дорам. Ба он ҷо бояд шитофт. Ту ин ҷо мунтазир бош, ҳеҷ куҷо нарав. Агар даъват кунандат, фавран ба ман хабар деҳ.

Адвокат гиребони пиҷаки кӯҳнаашро дуруст кард, шалвори чун халта овезонашро боло бардошт ва ба суди дуйум равона гашт. Вай чанд сол қабл аз ин ба умеди он, ки падарарӯсаш ӯро ҳам одам хоҳад кард, ба духтари бадсурати адвокати маъруфе издивоҷ карда буд. Вале баъди ним соли хонадорӣ падарарӯсаш зиндагиро падруд гуфт... Завҷааш бошад, дар муддати даҳ сол ба вай ҳафт фарзанд тӯҳфа намуд. Ҳоло ин гиребони фарсуда... Бо се рупия чӣ кор ҳам карда метавонӣ? Модоме ки дар ҳаёт фақат бо талхкомиҳо рӯ ба рӯ ҳастӣ, чӣ гуна ширинсухан бошӣ? Ба суди дуйум раҳравон фикр мекард адвокат.

Викрам кӯшиш намуд дар хусуси судя аз котиб маълумоте пайдо кунад, аммо котиб чунон дод зад, ки ӯ як қад парида аз назди вай дур шуд ва ба сила кардани риши начандон ғафс, вале нарму базеби худ пардохт.

Викрам чашмони калон-калон дошт, ки дар онҳо ҳаяҷонро ниҳон доштан мумкин набуд. Тамоми мардони оилаи онҳо соҳиби ҳамин хел чашмҳо буданд. Онҳо ҳама дар сар дастори калон доштанд. Дастори ба кулӯла монанди онҳо аз шоҳии нафис баста мешуд ва

як даста мӯи ғафс нишони ҳашомати қадимаи мазҳабу тамаддуни онҳо буд. Аз хонаводаи Викрам олимони маъруф, донишмандони кутуби муқаддас ва пандидҳо баромадаанд, худи ӯро бошад, шароит маҷбур кард, ки рoнанда шавад. Ҳоло Викрам оҷизона ба атроф нигоҳ карда меистод. Баногоҳ вай дар гӯшаи дуртарини толор номарасони ҷаноби судяро дида монд. Одатан, ҳангоми аз утоқи корӣ баромада ҷониби толор равона гардидани судя, номарасон пеш-пеши ӯ қадам зада бо садои баланд аз омадани ҷаноби судя иттилоъ медод. Сипас, айнаки кабуд дар чашму сиёҳқабои бо гиребони сафед ороста дар бар, худи судя вориди толор мегардид ва ҳозирон ҳама аз ҷой бархоста то ба курсии баланди худ рафта нишастани ӯ рост меистоданд.

– Ҷаноби судя кай меоянд?

– Одатан он кас расо дар соати дувоздаҳ меоянд, – ҷавоб дод номарасон. – Худам намедонам имрӯз ба ҷаноб чӣ шуд.

– Шояд нотоб шуда бошанд?

– Нотоб шуда бошанд намеоянд, албатта.

– Бале, бале. Ба ҷои он кас дигар судя омада метавонад?

– Аслан метавонад. Хусусан, ҳангоми дар мурахҳасӣ будани судяи мо. Имрӯз чӣ мешавад ба ҳеҷ кас маълум нест. Магар ки худи ҷаноби судя телефон кунанд...

Ҳамин вақт телефон занг зад ва номарасон сӯи утоқи кории судя тохт. Викрам аз паяш рафт.

Номарасон гӯшаки телефонро бардошта бодиққат гӯш мекард. Викрам бошад, утоқи кориро аз назар мегузаронд. Хонаи тозаву равшан. Аз як тараф – мизи наҳорихӯрии ҷаноби судя, аз тарафи дигар – курсии нарм, ки рӯи он ҷаноби судя истироҳат мекунанд, чанд курсиву чорпояҳо, ҷевони оҳанӣ.

Дар девор – либосовезак, дар яке аз гулмехҳои он қабои судя овезон. Болои чорпоя айнаки кабуду сафедгиребон ва дастори ҷаноби судя, ки ҳангоми ба то-

лори мурофиа ворид гардидан ба сар мегузоранд, паҳну парешон.

Номарасон баъди гапзанон гӯшаки телефонро гузошта ба Викрам иттилоъ дод:

– Ҷаноби судя намеоянд, зуком шудаанд, – ва якбора гӯё чизе ба хотираш расида бошад, бонг зад:

– Чӣ гуна ҷуръат намудӣ, ки ба ин хона дароӣ? Магар намедонӣ, ки касеро иҷозати ба ин ҷо ворид гардидан нест? Канӣ, дафъ шав аз ин ҷо!

Инро гуфта номарасон бо ғазаб қадаме пеш омад. Вале ҳамин вақт Викрам мушти вазнине ба сари ӯ зад.

**2**

Маҷлисгоҳи суди чаҳорум пур аз одам. Ба ин ҷо аз дигар судхонаҳо адвокату нозирон ҷамъ омадаанд. Имрӯз дар ин ҷо судяи нав пайдо шудааст, ва аз ҳамешаҳозирон дида адвокатҳо бештар мехостанд бубинанд, ки ӯ чӣ гуна ҳукм мебарораду қонундониаш ба чӣ андозаест.

Даъвогари мурофиаи аввал Бала Чандран буд. Пиразане бо писараш кулбаеро аз ҳавлии ӯ иҷора гирифта даҳ сол дар он зиндагӣ ба сар бурдаанд. Дар тӯли ин солҳо музди иҷораро мураттаб месупориданд. Вале писари пиразан ҳалок гардид ва ним сол аст, ки вай иқтидори иҷорапулӣ додан надорад. Бинобар ин Бала Чандран кӯшиш менамояд, ки суд барои аз хона берун кардани пиразан қарор кунад.

– Ҳавлиат чанд кулба дорад? – пурсид судя аз Бала Чандран.

– Даҳто.

– Оилаат аз чанд нафар иборат?

– Ман... худам танҳо... – ғур-ғур кард Бала Чандран.

– Синнат ба чанд расидааст?

– Аллакай ба ҳафтод, ҷаноб!

– Ба пирамарди ҳафтодсола даҳ кулба чӣ лозим? – пурсид судя. – Наход яктои онро ба пиразане, ки ним

сол қалб аз писари яккаву ягонааш ҷудо шудааст, натавонӣ диҳӣ?

Ин вақт адвокати Бала Чандран ба гап ҳамроҳ шуд.

– Ҷаноби судя, вале дар боби фалон, моддаи фалон, қисми фалони қонун гуфта мешавад, ки....

– Виҷдон чӣ мегӯяд? – овозашро баланд кард судя. Адвокати Бала Чандран бо ҳарос лаб фурӯ баст.

Судя ба Бала Чандран – ин пирамардаки заифу лоғар, ки осори хасисии ҳафтодсола ва маҳрумиятҳои ба он вобаста дар чеҳраи ӯ равшан нақш бастааст, бо тамасхур назар афканд. Пирамард лабҳои тунукашро дар ҳам кашида бо пешонии турш, ки онро чинҳои бешумор мунаққаш сохта буданд, хомӯш меистод.

– Дар хона чанд хизматгор дорӣ? – аз Бала Чандран савол кард судяи нав.

– Ягонто ҳам не, – ҷавоб дод додхоҳ.

– Ва ту худро бекасу танҳо ҳис намекунӣ?

Адвокат ниҳоят мутааҷҷиб гардида, ҳатто хост ба судя эътироз баён созад – ин чӣ савол аст ва ба масъалаи мурофиа чӣ дахл дорад? – аммо ҷуръат накард.

– Баъзан ҳис мекунам.

– Ва хоҳиши онро надорӣ, ки касе хонаатро рӯбичин кунад, сари вақт колаатро шӯяд, барои шустушӯ оби гарм ва субҳ ноштo тайёр кунад, бегоҳӣ пеш аз хоб пойҳоятро молад?

– Албатта мехоҳам, ҷаноб!

– Агар касе бар ивази ин ҳама пайсае музд нагирифта, фақат дар кулбачаи ту зиндагӣ ва рӯзе ду маротиба луқмае аз хони ту пайдо карданро кифоя донад, наход розӣ нагардӣ?

– Вале, ҷаноб, ҳоло чунин шахсро аз куҷо меёбед? – бо алам гуфт дар ҷавоб Бала Чандран. – Барои ҳамин ҳам ман хизматгор надорам.

– Ҳамин шарт барои шумо қобили қабул аст? – пурсид судяи нав аз пиразан.

Чеҳраи пиразан гӯё мунаввар гардид. Вай даст ба дуо бардошта аз худованд талаб кард, ки ба судя лутф

ато фармояд. Сипас ба Бала Чандран нигарист ва бо хурсандӣ гуфт:

– Биё ба хона равем, мӯйсафед. Вақти сарфи таом ҳам расид, – ва пиразан аз дасти ӯ гирифт.

Ҳозирон бо завқ хандиданд. Адвокати Бала Чандран аз паси дифоъшавандаи худ тохт.

– Осуда бош, истиноф додани ин қарор барои ман кори саҳл аст.

– Лозим не! – сухани ӯро бурид Бала Чандран. – Қарор ба дарди ман мехӯрад. – Ва ба пиразан нигариста табассум намуд. Ҳамин тавр аз зери замини санглох ва хушкида якбора чашмаи мусаффо фаввора мезанад.

## 3

Ҳоло рӯ ба рӯи судя ҷавонзани англоҳинд меистод. Вай нозанин буд. Гумон мекардед, касе ин ҷо гулдони пур аз гулҳои зеборо оварда монда бошад. Матои тагаш зарду гулаш бунафши паст... Дар як он ба назари адвокатҳо чунон намуд, ки гӯё ин гулҳо табассум менамоянд...

– Инак, мехоҳед аз шавҳаратон ҷудо шавед? – пурсид судя.

– Бале.

– Шавҳаратон бекор аст?

– Не, вай дар роҳи оҳан машинист шуда кор мекунад.

Машинист, – вай ҳам англоҳинд, – паҳлуи занаш истода, беист гунаи сафедашро бо дастрӯймол пок мекард. Вай дар умраш мисли имрӯза беобру нашуда буд. Агар бо қувваи афсун толори судро ба як вагон ҷойгир менамуданд, вай бе ҳеҷ дудилагӣ тамоми поездро ба партгоҳ меандохт.

– Пас, ба кадом сабаб аз ӯ ҷудо шудан мехоҳед?

– Аз даҳонаш бӯи бад меояд, чунки ҳар рӯз пеш аз хоб сир истеъмол мекунад.

– Чаро ӯро маҷбур намесозед, ки дандонҳояшро шӯяд?

– Ман ба вай гуфтам, вале ӯ эътибор намедиҳад.

– Болои лиф хамираи дандон монда ба даҳонаш халед. Ана он вақт маҷбур мешавад, дандонашро шӯяд.

Ҷавонзан хомӯш монд ва баъд гуфт:

– Ҷаноби судя, вай ҳар бегоҳ пойафзолашро накашида ба рахти хоби ман медарояд.

– Шумо ҳам накашед, – дастур дод судя. Осонтарин усули дар ду рӯз барҳам додани одати бади ӯ – ҳамин аст.

– Аммо, – ба гап ҳамроҳ шуд адвокат, – занҳои англоҳинд, аз рӯи моддаи фалон, қисми фалонуми боби фалони Кодекси ҷиноятии Ҳиндустон, агар зану шавҳар...

– Ҳой, хомӯш шавед! – бонг зад судя ба адвокат.

– Шуморо кӣ ҳуқуқ дод, ки ба муносибати зану шавҳар мудохила созед? – ва ӯ ба машинистка қарори судро дикта кард:

– Нависед! Агар шавҳар минбаъд боз бо пойафзол ба рахти хоб дарояд, зан ҳам ҳуқуқи комил дорад, пойвфзолашро накашида хоб равад. Вассалом.

## 4

Ин дафъа дар муқобили судя молики фабрикаи бофандагии «Чари текстайл – милз» Кришнамачарӣ меистод. Ӯ қомати баланду мавзун дошт. Дар гӯшҳояш бриллианти сафед нурпошӣ мекард. Куртаву дҳотии[1] шоҳии сафед дар бар, вай санамеро мемонд, ки рост аз маъбад ба суд омадааст. Кришнамачарӣ дастонашро болои панҷара монда менишаст. Ангуштони дароз-дарози нарму нозукаш аз он шаҳодат медоданд, ки ин шахс тамоми умри хешро фақат ба як шуғл – пулшуморӣ сарф намудааст. Муддаӣ дар мусоҳиба бо судя ниҳоят орому бетакаллуф буд.

[1] Дҳотӣ – либоси мардонаи миллӣ, як намуди лӯнгӣ.

– Инак, иқрор доред, ки дасти коргари шумо Реддиро мошини фабрика буридааст?

– Бале, иқрор дорам.

– Бо вуҷуди ин, аз ҷубронпулӣ додан ба Реддӣ рӯй мегардонед?

– Бале.

– Чаро?

– Чунки ин ҳодиса аз бепарвогии худи Реддӣ рӯй додааст. Зиёда аз он, ӯ мошини фабрикаи маро аз кор баровардааст.

– Фабрикаи шуморо? Чӣ тавр фабрика азони шумо гардидааст?

– Ҷаноб, ман соҳиби он мебошам.

– Чӣ гуна шумо ба вай соҳиб шудед?

– Ҷаноб, ман ба вай сармоя гузоштаам. Ҳафт миллион рупия.

– Чанд пул даромад гирифтед?

– Сивучор миллиону чорсад ҳазор рупия.

– Агар дар фабрика ягон коргар меҳнат намекард, даромади шумо чанд маблағро ташкил карда метавонист.

– Чиҳо мегӯед, ҷаноб? Фабрика бе коргар фоида меорад магар?

– Яъне, мӯътарифед, ки бе коргарон ҳафт миллиони шумо ҳеҷ аст?

– Б-бале..., ҷаноб, – дармонда ғурунгос зад Кришнамачарӣ.

Пас, чаро судофаринандагонро соҳиби фабрика намешуморед? Чаро ашхосеро, ки маҳз ба туфайли онҳо корхона амал мекунад, соҳибони вай намедонед? Ва агар фарде дар натиҷаи мусоҳилакории хеш ё шумо маъюб гардад, чаро ба вай нафақаи доимӣ муқаррар намекунед?

– Вале ин сотсиализм...

– Ҳукумати мо сотсиализмро эътироф дорад.

– Лекин аз рӯи моддаи фалон, қисмати фалонуми боби фалон шахсе соҳиби корхона шинохта мешавад, ки... бонг зад адвокат.

– Беҳтар мешуд, шахси бовиҷдонтареро ҳимоя кунед! – адвокати Кришнамачариро лат дод судя ва рӯ ба машинистка гардонида гуфт:

– Нависед! Кришнамачарӣ ба фабрикаи «Чари текстайл милз» ба маблағи ҳафт миллион рупия сармоя гузошта сивучор миллиону чорсад ҳазор рупия даромад гирифт. Пас, сармояи гузоштааш бо фоидаи чанд каррат зиёд ба вай баргардид. Аз ин рӯ фабрика дигар ба ӯ таалуқ надошта ба ихтиёри шахсоне мегузарад, ки бо нерӯи бозувонашон ба вай сармоягузорӣ мекунанд. Давомаш: Кришнамачарӣ ба фаъолияти корхона бо зӯри бозу билкуллия ҳиссагузорӣ накарда бошад ҳам, соҳиби ягонаи тамоми даромад гардидааст. Суд қарор мекунад: аз ҳисоби ҳамин даромад ба Реддӣ нафақаи доимӣ муқаррар карда шавад, азбаски мамлакати мо фақат ба дастони меҳнаткаш эҳтиёҷ дорад, ҳар ду дасти Кришнамачарӣ чун узви тамоман бефоида бурида шавад.

– Ин чӣ сафсата? – бонг зад Кришнамачарӣ.

– Судя аст ин ё девона? – ғазаболуд ба ғулғула даромаданд адвокатҳои дар толор ҷамъ омада.

Судяи нав мехост боз чизе илова кунад, вале ҳамин вақт ба толор, роҳравон гиребони фартути пидҷакашро дуруст карда, боз як адвокати дигар тохта даромаду фарёд зад:

– Доред ӯро! Ӯ судя нест, дифоъшавандаи ман, ронандаи таксӣ Викрам аст... Вай чӣ гуна ҷуръат карда ба курсии судя нишастааст?

## 5

Вақте ки Викрам ба суди шумораи ду ҳозир шуд, судя аз ӯ суол кард:

– Исми шумо?

– Викрамадития.

– Синнатон?

– Ду ҳазорсола.

– Касбатон?

– Ронандаи таксӣ.

– Шумо дар набудани мӯҳтарам судя ба курсии он кас нишаста маҳкамаро таҳқир намудед. Ба ин гуноҳи худ иқрор мешавед?

Ҳозирон ҳама хомӯш гардиданд. Викрам бо сари хам сокит меистод. Билохира ӯ қади худро рост карда гуфт:

– Ҷаноби судя, ҳаёт мисли таксӣ тез меравад, қонун бошад, аз кӯҳнаароба сусттар ҳаракат дорад. Ман айбдор не, ҷаноби судя. Пиндоред, ки ман ба курсии маҳкама нанишастаам, фақат акселераторро андак пахш намудам.

– Ба муддати шаш моҳ аз озодӣ маҳрум карда шавад! – эълон намуд судя. Ду полиси говзӯр Викрамро дошта аз толори суд берун кашиданд.

## ШАҲЗОДАИ ЮСУФТАЛЪАТ

Судҳа духтараке буд бо афту андоми оддӣ – на соҳибҷамол ва на бадсурат. Ӯ пӯсти гандумгун, дастони нозук ва пойҳои дароз дошта ниҳоят хилватгузин, вале дар айни ҳол шахси рӯзгордор буд: дар пухтупаз ва бурудӯз маҳорату салиқаи олӣ зоҳир менамуд. Китобхониро дӯст медошт ва услуби нигориши хуб ҳам дошт. Аммо аз лиҳози ҳусну ҷамол ва шӯхии рафтор ба саховати табиат мушарраф нагардида. Ба замми ин соҳиби ҷиҳози ғанӣ ҳам набуд. Хуллас, чизе надошт, ки вай дилро шефтаву ақлро фирефта созад. Дар хурдсолӣ Судҳа – духтараки камгапу улфатнопазир, аз гил зочаҳо сохта болои барг менишонд, барояшон зиёфат меорост ва бо ҳар яке сӯҳбат менамуд. Вале ҳамин ки касе аз ҳамсолонаш наздик меомад, Судҳа ҳамоно лаб фурӯ мебаст. Баъзан писарчае шӯхикунон хонаи зочаҳояшро вайрон кунад, духтарча бо овози паст гиря мекард, сипас ором гардида, ба сохтани хонаи нав мепардохт.

Дар коллеҷ ҳам Судҳа ба худ дӯст пайдо накард, шармгиниву камҷуръатӣ ҳамон ӯро думболагирӣ менамуд. Падари Судҳа Ҷиванрам, ки қариб чил сол боз дар Чандни-чавк[1], дар дӯкони соат фурӯшандагӣ мекард, барои дар коллеҷ хонондани духтараш чандон қудрат надошт ва маҳз ба умеди он, ки шояд дар байни донишҷӯён домоде пайдо шавад, вай ба чунин хароҷот ҷуръат намуд. Магар ба духтари ӯ девонавор ошиқ шудани ҷавони сарватманде аз эҳтимол дур аст?... Вале ба андоми духтар, синаи ҳамвору қиёфаи беэътиноёнаи вай нигариста умедҳои фараҳбахши падар хира мегардиду ӯ оби ҳуққаро[2] қул-қулкунон фурӯ мебурд. «Аз афташ лозим меояд, ки худи мо барои ӯ домод ёбем», – фикр кард падар, оҳи вазнине кашида. Лекин ҷавононе, ки ба воситаи хостгорӣ издивоҷ мекунанд, одатан аз пайи маблағи зиёд метозанд. Ҷиванрам куҷову пули зиёд куҷо?! Ӯ ҳатто қурби барои духтари калониаш ҷиҳози хоксорона муҳаё намуданро ҳам надорад!....

Баъзан, ғарқи андешаҳо ӯ фикр мекард, ки тӯйи аз ҳама қулай шояд онест, ки дар натиҷаи ишқу ошиқии ҷавонон ба вуқӯъ мерасад. Ана, масалан духтари Маликрам. Падараш дар вазорати тандурустӣ ҳамагӣ мулозими сеюмдараҷа, духтар бошад, дар коллеҷ писари пудратчии миллионерро ёфтаасту акнун ба ҳавлие, ки волидайнаш дар кулбачаи гарони вай иҷоранишин ҳастанд, савори мошини шахсӣ ва кондинсионердор меояд. Ростӣ, Гопӣ соҳибҷамол асту Судҳа, афсӯс ки тамоман ба модараш монанд. Ҳа-ҳа, дигар илоҷ нест, мисли он, ки дар вақташ барои модари Судҳа модар ва хешовандони наздикаш Ҷиванрамро ёфта буданд, вай худ бояд барои духтараш шавҳар ёбад.

---

[1] Чандни-чавк – номи кӯчаи васеъ ва серодамест дар қисми қадимаи Деҳлӣ, ки саросари он дӯконҳои хурду калон, хоксоронаву пурҳашам ҷой гирифтаанд.

[2] Ҳуққа – як навъи чилим.

Бо чунин мақсад завҷаи Ҷиванрам ба чанд дар сар зада бошад ҳам, натиҷаи дилхоҳ ба даст наовард. Аммо баъди чанд вакт, ба ҳар ҳол, муяссар гардид, ки ҷавонеро моил созад: ҷавон барои духтарбинӣ ба хонааш ташриф овард. Лекин Судҳа ба вай маъқул нагашт. Шояд худи ӯ аз Судҳа дида зеботару барнотар бошад? Ҳаргиз! Пакана, рухсорааш аз доғҳои чечак турбтарош барин, ба замми он, сақав. Ранги рӯяш мисли туршонии ҷурғот хиразарду дилашон духтари шир барин сап-сафед мехостааст. Боз ба шарте, ки чун ҷиҳоз скутер ҳам илова карда диҳанд. Падари Судҳа, модоме ки ба велосипед харидан пул надорад, скутерро аз куҷо гирад?

Кош волидайн медонистанд, ки раддияи ин чӯтур духтарашонро то чӣ андоза шод гардонид! Ғайр аз ин, дар ду соли минбаъд боз ду ҷавони дигар, ки онҳоро низ падару модари Судҳа интихоб карда буданд, омада ӯро диданду рафтанд. Барои чунин рафтор духтарак аз онҳо ниҳоят сипосгузор буд! Касе гумон ҳам надошт, ки дар қолаби сарди ӯ чӣ қалби ҳассосу пурҳарорате нуҳуфта буд, тахайюли вай чӣ озодиву баландпарвозиҳое дошт ва ба олами ботини ӯ, ки поку беолоиш аст, аҷзу маъюбиҳои атроф то чӣ андоза бегона буданд. Ин духтараки ба зоҳир ниҳоят муқарарриву назарногир дар олами афсонавӣ мезист. Ҷиванрам ва ҳамсари ӯ Магҳӣ дар ин хусус тасаввуроте ҳам надоштанд. Дар тӯдаи латтакӯҳна ҷустани алмос киро ба хотир мерасад? Ҳамаи мо як созу навоем: савдогари жандапӯшро бенаво мепиндорем ва намедонем, ки вай аз мову шумо бештар зар дорад. Судҳа духтараки хоксор буд. Оё ӯ метавонист, ки касеро марҳами асрори худ созад, орзуҳои ширинашро тамасхур кунонад? Агар олуфтадухтарон – мӯдпарастони коллеҷро аз олами сеҳрангези Судҳа воқифият муяссар мегардид, чашмонашонро калон кушода мемонданд. Киштии зудпарвози тахайюл, ки ин духтараки назарногир идора мекард, бешубҳа, ҷавонони чун ху-

дованд дар лимузинҳои корикалон савлат карда менишастагиро маҳву мот карда мемонд. Вале онҳо ӯро намедиданд. Бигзор набинанд! Аз чӣ онҳо ба вай назар ҳам андозанд? Шалвори обшуставу куртаи чиндори сиёҳ диққати хушлибосонро ба худ ҷалб карда наметавонанд, дилашро бошад, Судҳа дар ҳеҷ ҳол ба онҳо нахоҳад кушод.

– Чӣ духтаре бароям таваллуд кардӣ? – ба ғур-ғур даромад як бегоҳ Ҷиванрам. – Кай набинӣ сараш хам, кай набинӣ – ӯ хапу дам, ҳамеша бо коре машғул. На лабаш боре моили табассум мегардаду на чеҳрааш аз ханда мунаввар... Духтарони Капур-соҳибро бин. Гул барин атрафшонанд, хонаи падарашонро ба гулистон табдил додаанд. Ин Судҳа бошад... – Ҷиванрам бо алам рӯзномаро ба як сӯ ҳаво дод.

Магҳӣ табақи биринҷу косаи нахӯдхуриишро ба назди ӯ гузошт.

– Аз ин духтаракон гап накушоданат беҳтар, – гуфт вай. – Падари онҳо – директор, моҳе чорсад рупия ба хона меорад. Судҳаи мо ҳамагӣ ду курта дорад, духтарони Капур – соҳиб бошад, рӯзе ду маротиба сориашонро иваз мекунанд. Ту дар ин хусус ягон маротиба фикр кардай?

Шавҳар дар ҷавоб фақат дандонҳояшро ғичиррос занонду бас. Саволу савол, саволҳои беохир, як олам савол! Чаро биринҷ хом? Чаро нахӯдхуриш шӯр? Чаро завҷаи ӯ ба мурғи парканда монанд? Аз чӣ сабаб духтараш сукунат меварзад? Барои чӣ домодшавандагон аз ӯ скутер металабанд? Дар майнааш ҳазору як «чаро» мисли нахӯдакони хуриш ҷасту хез доштанд. Ҷавоби ин саволотро пайдо кардан барояш муҳол буд, бинобар ин ӯ хомӯшона ба фурӯ бурдани қути лоямут пардохт.

Ҷиванрам духтарашро аз коллеҷ гирифт.

– Бучаамон имкон намедиҳад, ба рафиқаш Тотарам молфурӯши дӯкони баззос Севамалдол шарҳи ҳол намуд ӯ. Агар Ҷиванрам «кисаамон холист» мегуфт, ду-

русттар мебуд. Аммо калимаи «кисса» бисёр кушоду пӯстканда аст, мисли дашном. Калимаи «буҷа» бошад, ҷозибаи худро дорад. О, эътибори алфози ғайр! Аксару бештар мо онро чун ҳиҷоб ба кор мебарем, монанди он ки меҳмонро дида кӯшиш менамоем, ҷанҷоли оиларо зери чатри хушодобӣ гирем, – ҳақиқати талхро бо вай моҳирона рӯпӯш месозем.

– Бэлаи ту ҳоло ҳам дар коллеҷ мехонад? – пурсуҷӯ кард Ҷиванрам.

– Бале! – Бо хурсандӣ ҷавоб дод Тотарам. – Зимистони оянда ӯро хонадор мекунем.

– Домод ёфтед? – бо овози хаста пурсид Ҷиванрам.

– Ёфтем! – хушҳолона гуфт Тотарам. – Худи ҷавонон ҳамдигарро писандидаанд, дар коллеҷ. Домодшаванда ҷавони сарватманд!

Тотарам рафт. Ҷиванрам ғазаболуд аз пайи ӯ нигоҳ карда ба овози борики рафиқаш тақлидкунон чиррос зад:

– «Худи ҷавонон ҳамдигарро писандидаанд!» – Сипас, бо қаҳр туф карду илова намуд: Нобакор!

Ду сол гузашт. Судҳа дар ширкати бонуфузе, ки дар Осаф Алӣ-роуд воқеъ гардидааст, машинистка шуда кор мекард. Вай аз пештара ҳам камгапу хилватгузин ва заҳматкаштар гардид. Акнун волидайн ба духтарашон бо камоли эҳтиром муносибат мекарданд: охир вай сад рупия маош мегирад! Бегоҳиҳо Судҳа барои гирифтани унвони бакалаври санъат ба имтиҳонот тайёрӣ медид, стенография меомӯхт.

Оила осудаҳол гардид ва Ҷиванраму Магҳӣ бо ҷидду ҷаҳди беш ба домодҷӯӣ даромаданд. Онҳо бо мақсади барои скутер маблағ ҷамъ намудан, кӯшиш мекарданд, ки моҳонаи Судҳаро харҷ накунанд. Боз чанд вақт гузашту талабгори скутер ҳам ёфт шуд. Баъд гуфтушунид дар бораи масоили асосӣ – харҷи тӯй, ҷиҳоз, пули нақд ва зару зевароти арӯсшаванда, ниҳоят Мотӣ – домодшаванда чунин ном дошт – ҳамроҳи хоҳаронаш барои дидани ҳамсари ояндааш ташриф овард.

Мотӣ[1] барои ин ҷавон маҳз исми бомусаммо буд: сафедпӯст, юсуфталъат, хушчақчақ ӯ дар ҳақиқат мисли гавҳар медурахшид. Костюми қаҳваранг, пӯсти андак тиллоиву мӯи сиёҳи ҷингалааш ба ҳам ҷанг мекарданд. Аз ҳошияи саростини барфосо дастонаш бақуввату зебо менамуданд. Вай ба Судҳаи ороставу пироста нигариста табассум карду дили духтараки соддаро тасхир намуд. Дар дасти духтар пиёла ҷарангос зада рафт. Чӣ кори душворе шуд барояш, чойро нарехта, эҳтиёткорона ба меҳмон дароз кардан...

Мотӣ ва хоҳарони вай баъди чой ба соҳибони хона арзи миннатдорӣ намуда, муаддабона хайру хуш карданд. Рӯзи дигар хоҳарони домодшаванда хабар фиристоданд, ки «духтар маъқул нашуд».

Судҳа бошад тамоми шаб мижа таҳ накард. Сурати Мотии соҳибҷамол аз пеши назараш намерафт. Вай чеҳраи дилкаш ва қомати зебои ҷавонро медид, расидани дастони ӯро эҳсос менамуд ва қалбаш аз изтироб лабрез мегардид.

– Инро бинед-а, духтар ба вай маъқул нашудааст! – Сабзавот бирёнкунон мешӯрид Магҳӣ. – Худи ӯ Юсуфи дилрабост магар? Гумон дорад, ки ҳамаи зебоӣ дар пусти сафед бошад, аммо намебинад, ки бинии худаш загора барину мӯйҳояш сим барин печ хӯрда. Хоҳараконашро намегӯед? Яктоаш – алус, дигараш, рангу равгани зиёд карда бошад ҳам – мирмушони таппа-тайёр! Ба хоҳари хурдиаш нигаред! Дар сараш мӯй не – лоси загирпоя! Ӯҳҳӯ! Духтар маъқул набудааст! – Ва ӯ чунон бо ғазаб кафгир ба дег мезад, ки гӯё сабзавот не, худи Мотиро бирён мекарда бошад.

Чӣ волидайн ва чӣ ҳамсояву ҳамкорони Судҳа боварии комил доштанд, ки воқеъа ба духтар ҳеҷ гуна таассурот нагузошт. Судҳа инро ҳис мекард. Ӯ мисли пештара хизмати худро пухтакорона ба ҷо меоварда, на

[1] Мотӣ – ба забони урду – гавҳар, марворид, дурр.

таваҷҷӯҳи мардонро меҷусту на барои иштиёқ пайдо кардани онҳо роҳ медод. Аз ин духтар, чун аз пирях сарду серунӣ мевазид. Беҳуда мулозимони ширкат байни ҳамдигар шӯхӣ намекарданд, ки «Шавҳаршавандаи Судҳаро дар гармии тобистон салқинӣ ҷуста ба кӯҳ рафтан ҳоҷат нест». Мардум пай ҳам набурданд, ки радди Мотӣ дар замири Судҳа чӣ тӯфоне барангехт. Ӯ дар ҳаёташ бори аввал дил бохт, вале кӣ аз ин воқиф гардид? Магар аз ин боб ба касе рози дил карда мешавад? Оё метавон гуфт, ки шахси ба ман даркорӣ омаду назар афканду рафт: маро написандид. Одатан, духтарон барои ишқи ноком дарё-дарё ашк мерезанд. Судҳа бошад, ҳатто лаб накушод.

Боре Судҳа дар ширкат барои кори аз вақти муқаррарӣ зиёда таъхир намуд. Корро ба итмом расонида аз идора берун омад, ки аллакай ҳаво торик шуда буд. Ӯ сумкачаашро албонҷ дода – албонҷ дода аз кӯча гузашту ба боғи Осаф Алӣ даромада монд. Ин гӯшаи майдекаки осоиш дар худи назди дарвозаи Деҳлӣ ҷой гирифта буд. Дарахтони сояафкан, сабзазор ва чанд нимкат – ҳамин буд ҳамаи буду шуди боғ. Одатан боғ пур аз садои мошинҳои сершуморест, ки аз роҳи чор сӯи он мунтазам рафтуо доранд. Вале ҳозир, дар бевақтии шом, он ҷо нисбатан ором буд. Судҳа аксар баъди кор ин ҷо меомад, ним соатак рӯи нимкат нишаста, савори аспи хаёлот, сайри дуродурҳо менамуд ва баъд ба хона бармегашт. Вай аз танҳоӣ ва торикии шом наметарсид, барои ӯ танҳоӣ нишоти яккаву ягона, шоми тира бошад марҳаму ҳамроз буд. Мардуми бадқасд ҳам ба дили ӯ ваҳм андохта наметавонистанд – духтарак дорои ким-чӣ хислати ноаёне буд, ки кисабурони шаҳрро наздик шудан намемонд.

Инак, боғ торику ором буд. Нимкати сангӣ салқинӣ медод. Судҳа чанд вақт рӯи он нишаст, вале хастагиаш бартараф намешуд. Он вақт ӯ назди дарахти азим рафт ва ба танаи дарахт такякунон зери вай нишаста чашмонашро пӯшид.

Баногоҳ касе наздаш таваққуф намуда, аз вай пурсид:

– Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Худат танҳо?!

Судҳа чашм бардошта нигоҳ кард. Рӯ ба рӯяш Мотӣ меистод. Ҳамон костюми қаҳваранг дар тан, бо ҳамон табассуми мафтункунанда. Дастонаш ҳам ҳамон – бақуввату зебо...

Ту аз ман ранҷидӣ?

Судҳа оҳиста сар ҷунбонд. Чашмонаш пури ашк шуданд.

– Рафтори ношоиста содир намудам?

Духтарак боз сар ҷунбонд. Аз чашмони ӯ ҷӯи ашк равон гардид. Мотӣ даструмол аз ҷайб бароварда ашкашро пок кард.

– Аз барои ҳамин ҳам гиря мекунанд магар? – гуфт ӯ бо маломат. – Кас дар ишқу муҳаббат соҳибихтиёр аст. Метавонад дӯст дорад, метавонад – надорад, ҳамин тавр не?

– Магар ту дарк карда тавонистӣ, ки ман кистам ва чӣ гуна? Ба ту маъқул нашудам... Аммо чаппотиҳои маро чашида дидӣ? Медонӣ, ки ман дар тайёр намудани палаву нахӯдхуриш чӣ маҳорате дорам? Эҳсос мекунӣ магар, чӣ захме ба дилам задӣ? Оё пай бурдӣ, ки аз нигоҳи аввал умеди аз ту фарзанд ёфтан замирамро мунаввар сохт? Ту бошӣ лоғарии рӯи маро дидиву писараки ояндаам – ҳусну дилрабоии ӯро тасаввур накардӣ. Чаро ба дасти ман назар наафкандӣ – дастоне, ки омода буданд, тамоми умр пойҳои дар давоми рӯз мондашудаатро бо оби сард шӯянд, тамоми умр тугма ба куртаҳоят дӯзанд? Ба назарат сияҳпӯст намудам, вале свитер – чӣ, свитери сафеду барфосо, ки бароят бофтанӣ будам? Ту хандаи маро нашунидаӣ, Мотӣ, таъми ашконамро начашидаӣ, махсус накардаӣ, ки чӣ тавр ангуштони ман мӯи туро навозиш мекунанд, намедонӣ, ки тани дастнахӯрдаам дар оғӯши ту чӣ гуна бояд метапид. Пас, чӣ тавр қарор додӣ, ки ман ба ту маъқул наям?

Чи гузориши тулоние! Чӣ тавр Судҳаро муяссар гардид, ки роз гӯяду дил холӣ кунад?! Ӯ мегуфту худ борони ашк мерехт. Баъд сар ба китфи Мотӣ ниҳод. Ҷавони музтарибу хиҷолатзада оҳиста китфони духтарро сила мекард...

Судҳа ба хона бевақт баргашт ва ба саволи модар бепарвоёна:

– Дар идора будам. Кор бисёр, – гуфту сумкачаашро рӯи кат ҳаво дод.

Ҳангоми хӯроки шом дар сари дастурхон вай ногоҳ инҷиқӣ кард: инаш маъқул не, ваяшро намехоҳад... Волидайн бо таҳайюр ба духтарашон менигаристанд. Чашмони ӯ аз ашк варам карда бошад ҳам, дар тӯли солҳои дароз, мисли он, ки дар анбӯҳи абрҳои ғализ як пора барқи оташвор нурафшонӣ мекунад, бори нахуст дар онҳо шуои нозукаки саодат ҷило медод.

Магҳӣ лаб газида ба шавҳар нигарист: гӯё ӯ асрори духтарашро дарёфт, Ҷиванрам низ аз чизе гумонбар шуд. Вай бо хурсандӣ назаре сӯи Судҳа афканда дубора чашм ба коса дӯхт. «Ягон воқеа рӯй додагӣ барин» – фикр карданд ҳар ду. Ва, чун Судҳа намояндаи ҷинси латиф аст, дар ин кор шояд мард ҳам дахолат доштагист.

Тақрибан баъди ҳашт ё даҳ рӯзи дигар гумони онҳо асоси қавитар гирифт: Дугонаи айёми бачагии Магҳӣ бо писараш барои дидани Судҳа омаданд. Модари бечора баҳри илтифоти онҳоро мушарраф гардидан чӣ кӯшишҳое ки накард?! Бинобар ин вақте ки ҷавон неву духтари худаш тӯйро рад намуд, Магҳӣ аввал мутаҳайир гардид, сипас... Сипас, тахминашро ба хотир овард. Яқинан воқеае рӯй додааст!

Бо чунин андеша Магҳӣ ба тараддуди ҷиҳоз пардохт, Ҷиванрам бошад, ҳамон ҳуққа мекашиду мунтазир буд, ки кай духтараш ба модар дил мекушояд. Он гоҳ Ҷиванрами солхӯрда чашмони зард шудаашро аз косахона бароварда наъра хоҳад зад: «Чихел ҷуръат намудӣ? Аз падару модар пинҳонӣ!... Кокулонатро бу-

рида аз хона пеш мекунам! Нанги хонадон». Баъд аз зориву тавалло ва гапмаъқулкуниҳои занаш андак нарм гардида аз нав дуди ҳуққаро фурӯ хоҳад бурд ва хоҳад пурсид: «Вай худаш кист?» Ва, қатъи назар аз киву чикора будани домодшаванда, баробари шунидани номи ӯ, падар фавран ба кафи дасти духтараш ранги зард мемолад, чунки духтари биступанҷсоларо дар хонаи падару модар доштан нашояд.

Аммо моҳҳо ва солҳо паи ҳам мегузаштанду Судҳа дилхоҳи худро ном намебурд. Волидайн хastаву ноумед гардида аз нав ба ҷустуҷӯи домод шурӯъ намуданд. Вале касеро, ки онҳо наёбанд, Судҳа рад мекард. Номзади охирин қанноди безан – марде ки аз чил гузашта буд.

Шомгоҳ, вақте ки торикӣ фаро мерасаду кафҳои ҳинобаста бештар бӯи хуш медиҳанд, Судҳа ба Мотӣ мегуфт:

– Акнун онҳо бароям қанноди солхӯрдаеро ёфтаанд.

– Хӯш, чӣ ҷавоб додӣ? – табассум кард Мотӣ.

– Рад кардам.

– Чаро, нодонак? Худат фикр карда бин, чӣ зиндагии пуршаҳду шакар насибат мешуд: як умр кор накарда ҳалво мехӯрдӣ...

– Чӣ, аз баҳри ту гузарам?! – бо ҳаяҷони ғазаболуд нидо кард Судҳа.

– Охир ман туро ба занӣ нагирифтам, – духтарро ба оғӯш кашида гуфт Мотӣ.

– Хайр, чӣ? – Судҳа рух ба рухсораи ҳабибаш молид. – Магар дигарон аз ману ту бештар бо ҳам наздиканд? Оё ақди никоҳ шарт аст? Охир, ту мана дар кучои... Ӯ кафи дасташро нишон дод, сипас мушт фишурд.

Мотӣ хандид.

– Дуруст мегӯӣ, инону ихтиёрам дар дасти туст. Ҳамин ки хоҳиши дидор мекунӣ, ман дар наздат ҳозиру нозир.

– Аммо дар ибтидо тамоман дигар будӣ, – бо табассуми ноздор гуфт Судҳа. – Ром кардани ту осон набуд!

– Дар ибтидо... Барои дарки муҳаббат ва қабули он вақти зиёд лозим, – хам шуда ба гӯши вай пичиррос зад Мотӣ.

Судҳа наздикии дилдодаашро пурра эҳсос намуда чашмонашро пӯшонид. Ба рӯяш нафаси пурҳарорати Мотӣ мавҷ зад, борони бӯсаҳои гарми вай саховатмандона ба рухсораву гарданаш рехт...

– Фардо дар кучо вомехӯрем?

– Ҳар ҷо ки ту хоҳӣ. Шояд дар тангкӯчаи ошиқон?

– Не-не!

– Дар Котла намоиши аспҳои зотӣ барпо мегардад.

– Ба фикри ту ман азми аспи пойга харидан дорам? – хандид Судҳа.

– Дар Олдхолл намоиши китобҳо барпо мегардад.

– Не-е! Судҳа гӯшҳояшро ба даст маҳкам кард. Мотӣ хомӯш гашт.

– Биё, беҳтараш ба кино равем, – таклиф намуд Судҳа. – Дар «Басант» филми хуб намоиш дода мешавад. Ман билет мехарам, ту бошӣ соати чоряк ками шаш рост ба он ҷо биё.

– Билетро ман мехарам.

– На, ин филмро ман ба ту нишон доданиам, ту хоҳиш дошта бошӣ, маро ба филми дигар бар. Зид нестам! Фаромӯш накун: фардо бегоҳӣ, соати чоряк ками шаш, дар «Басант».

... Дар назди кинотеатри «Басант» одам бисёр буд. Судҳа дуто билет харида мунтазири Мотӣ меистод. Андак ҷалғӯзаву мавиз ҳам харид: вай дар кинотеатр ягон чӣ хӯрда нишастанро дӯст медошт.

Соат ба шаш наздик шуд. Сеанси навбатӣ ба охир расида, анбӯҳи тамошобинон аз толор берун омаданд. Баъди фосилае мардуми дар назди кинотеатр ҷамъ омада сӯи толор ҳаракат карданд. Тамошобинон қариб ҳама вориди толор гардиданд, аммо аз Мотӣ дарак набуд. Кӯча аз нури чароғҳои бешумор мунаввар, ҳама

ҷо серодам, дастакифурӯшон бо садои баланд молашонро таъриф мекунанд, дар роҳи мошингард теъдоди бешумори фойтунҳо, мошинҳои гуногунтамға ва рикшаҳо ҳар сӯ даву тоз доранд. Мотӣ ғалоғуларо намеписандид, аз издиҳом канорагирӣ мекард. О, акнун Судҳа хулқу атвори ӯро хуб медонад! Мотӣ оромиву нимторикӣ ва хилватнишиниро меписандид. Ӯ табиати нозук ва мураккабе дошт.

Судҳа баъди аз шаш понздаҳ дақиқа гузаштан ба толор ворид гашт ва ҷои худро ёфта нишаст. Ба ҳамсоякурсӣ даструмол, ҷалғӯзаву халтачаи мавизро гузошт. Толор қариб пур шуда, вале ҳанӯз аз Мотӣ дарак набуд. Вай фақат баъди хомӯш кардани чароғ ба толор даромада назди Судҳа омада нишаст.

– Ҳай-ҳай! Ин қадар мунтазир кардӣ! – гуфт маломатомез Судҳа ба вай даст дароз карда.

– Бубахш, азизам, – бо оҳанги навозиш пичиррос зад ӯ.

– Ин ҷо мавизу ҷалғӯза. Гир, бихӯр.

Мотӣ чанд донаи мавизро ба даҳон андохт. Судҳа хушбахтона оҳе кашиду бо тамоми ҳастиаш ғарқи тамошои филм гардид. Сӯҳбат – сонӣ. Ҳозир бошад, Судҳа болои дасташ дасти Мотиро маҳсус менамуд, медонист, ки фурсате мегузараду ӯ сар ба китфи ҳабиби худ мемонад.

– Саратро ба китфи ман мондӣ. Магар дар ин ҳол чизеро дида метавонӣ? – оҳиста пурсид Мотӣ.

– Он чӣ, ки ман мебинам, ҳеҷ яке аз ҳозирон дида наметавонанд, – хушҳолона ҷавоб дод Судҳа.

... Шахсоне, ки духтарак ҳар рӯз бо онҳо вомехӯрд, дар вай тағйирот ҳис мекардагӣ шуданд. Чашмони аввалҳо нимроғу бетафовути ӯ ногоҳ боз шуданд; нигоҳаш аз зери пилкони каҷал[1] кашида барқ мезад, месӯзонд ва чун дами ханҷар маҷрӯҳ месохт.

[1] Каҷал – сиёҳии бо равған тайёр шуда, ки мисли сурма ба пилки чашм мекашанд.

Синаҳояш об гирифта андоми нозукаш нармии дилрабо пайдо кард. Судҳа рӯз аз рӯз зеботару барнотар мегардид. Акнун либоспӯшиаш ҳам дигар шуд! Либосҳояш аз матои чандон гаронбаҳо набошанд ҳам, ниҳоят зебову шинам буданд. Аммо ин хизмати хайётони моҳир набуд – Судҳа имконияти ба онҳо муроҷиат кардан ҳам надошт. Худи вай нозукиҳои санъати хайётиро омӯхта буд. Акнун, ки майли хушлибосӣ пайдо кард, завқу салиқаи олӣ ва маҳорати дар ин ҷода доштаи хешро ба кор андохт. Касе гумон ҳам намекард, ки сару либоси Судҳа бо дастони худи ӯ дӯхта шудаанд. Чун ҳамкоронаш бо таърифу тавсифи онҳо шурӯъ мекарданд, Судҳа ягон устои машҳурро ном мебурд, ки аксар олуфтаҳои сарватманд ба вай либос медӯзониданд. Инро шунида духтаракон аз ҳасад месӯхтанд.

– Нақл кун, ҳабиби ту кист ва чӣ гуна? – бо кунҷковии ҳасадомез мепурсиданд онҳо.

– Хайр, чӣ гуна, чӣ гуна... Рӯяш сап-сафед. Мӯи ҷингила дорад. Вақти хандиданаш – гӯё гавҳар мерезад.... мегуфт дар ҷавоб Судҳа.

– Чанд пул маош мегирад?

– Ҳазору дусад рупия.

– Ҳазору дусад! – бай-баю ҳай-ҳай мекарданд духтарон. – Охир ин ба маоши мудири мо баробар аст!

– Вай ҳам мудир, фақат дар ширкати дигар.

– Ӯро ба мо нишон медодӣ. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ба ҳар ҳол... Албатта. Ягон рӯз хоҳиш мекунам, ки ба идораи мо биёяд.

Судҳа маҳз барои аз духтарони шилқин халос хӯрдан чунин ваъда дод. Вагарна, вай мурад ҳам Мотии худро ба касе нишон нахоҳад дод! Ба сари мардум чӣ фикрҳое намеояд! Аз ин тоифа ҳар чиро чашм доштан мумкин. Хушбахтона, ҳамкорони ҳасуд, гӯё бо ҳам созиш карда бошанд, аз муваффақияти Судҳаи нектолеъ дигар лаб намекушоданд.

Ҷиванрами кӯҳансол бо оҳу воҳ дунёро тарк намуд.

Ба қавли аҳли ғайбат, ба сари вай духтараш об рехт: охир Судҳа умеду орзуҳои падарро бар бод дода боки-ра монд. Барои ба ҳукми худ итоаткунонидани фарзандаш қудрати мӯйсафед нарасид – духтари ба балоғат расида, худраъй ва мустақил буд: вай моҳе дусад рупия маош мегирифт! Баъд бародарони Судҳа хонадор шуда ба лонаҳои худ парида рафтанд, хоҳарчааш Виҷай ҳам ба шавҳар баромада ҳавлии падарро тарк намуд. Сипас модараш ҳам вафот кард: бечора то дами вопасин дар ғами духтари калонӣ буд, ки хонадор нашуда мемонад. Судҳа яккаву танҳо монд ва хокдони кӯҳнаро тарк намуда ба хонаи ободу зебо, ки дар кӯчаи Сивил-лайнз қомат ороста буд, кӯчид. Манзили ӯ чандон калон набуд – ҳамагӣ ду хона дар ошёнаи дуйум: вале дари даромади онҳо ҷудо-ҷудо буда духтарак худро дар ин ҷо тамоман озод ҳис мекард. Ин вақт синни ӯ аз сиву панҷ гузашта бошад ҳам, зоҳиран камтар аз сисола менамуд. Ҳамеша лабонаш пуртабассум ва назараш аз шӯълаи бахт дурахшон, аммо дар кору меҳнат беш аз пеш ҷидду ҷаҳд зоҳир менамуд: чун стенографисткаи моҳир шӯҳрат ёфт, унвони бокалаври санъат гирифт, бо завқ адабиёти гуногунро мутолиа мекард. Маошаш низ афзуда, зиндагиаш осудаҳолона гардид.

Судҳа мисли занони шавҳардор, фарқи сарашро сурх карда ба пешонааш ҳам холи сурх мемондагӣ шуд. Вале на касе дар хусуси тӯи ӯ шунида буду на шавҳарашро дида. Ба мардум фақат як чӣ аён буд: Судҳа ҳамдаму ҳамрозе дорад. Мегуфтанд, ки қатъи назар аз кӣ буданаш, ин шахс шояд сабаби ҷиддие дошта бошад, ки ба таври расмӣ тӯй накардааст. Бинобар ҳамин дилдодагон фақат дар бевақтии шаб, вақте ки ҳама ба хоби ноз мераванду эҳтимоли ба пардаи асрор афтодани назари ғайр дур мегардад, вомехӯранд... Чун посе аз шаб гузашт, касе оҳиста дари хонаи Судҳаро мекӯбад ва бесадо вориди манзил мегардад... Не, инро ҳеҷ кас надидааст, вале ҳама ме-

донанд, бале, медонанд. Аммо дар ин бора касе ба Судҳа даҳон накушодааст: ӯ зани аз ҳад зиёд ҷиддӣ ва мустақил аст. Сониян, ба зане, ки дар пешонааш холи суринҷӣ дошта бошад, гап зада мешавад магар?

Судҳа чилсола шуд. Ин рӯзро ӯ ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард! Вай имрӯз Мотиро ба гулгашти японӣ, ки дар Матҳура – роуд бунёд гардидааст, бурдан хост. Аслан он ҷо гулгашт ҳам набудааст, вале ба ҳар ҳол як гӯшаи бисёр зебо. Замин шабеҳи зани таҳқирдида, ки чодари тира ба рӯй кашидааст, мемонд. Шафақи шом сурхкокулони фатиладорро ба хотир меовард, дар само ситораҳо пайдо шуда гӯё ки чашмакӣ мезаданд. Судҳаро майли гап задан набуд. Мотӣ низ сокит.

Вай ҳоло ҳам, чун дар овони ҷавонӣ, зебо буд ва бо хоҳиши Судҳа мисли пештара костюми қаҳваранг мепӯшид. Ба қиёфаи Мотӣ гузашти замон ва қалами ҳаккокии зиндагӣ асаре нагузоштаанд. Фақат мӯйҳои чаккааш нуқрафом гардидаанд, вале ин ба ҳуснаш ҳусн зам кардааст. Дар дасти ӯ асо – тӯҳфаи Судҳа ба муносибати панҷоҳсолагиаш. Аҷиб, Мотӣ тамоман пир нашудааст! Ситорагарм, хушодоб, олиҳиммат! Ана вай ба Судҳа назар афканд ва фавран дар замири духтар зангӯлачаҳои ҳаяҷон ба ҷиринг-ҷиринг даромаданд, дилаш чун дар ҳамон рӯзи мулоқоти нахустин мезад.

– Бигӯ, ба ҳар ҳол, чаро ту завҷаи ман нашудӣ? – Оҳиста пурсид Мотӣ.

– Баъди он ки маро рад кардӣ? Чӣ гуна ба ту хонадор шуда метавонистам? Дӯст доштан бошад-ҳа, аммо издивоҷ кардан... О, инро ту намефаҳмӣ! Охир ту бе ин ҳам аз худи ҳамон рӯз, аз соате, ки бори аввал вохӯрдем, аз они ман гардидӣ. Инро танҳо зан мефаҳмад.

Мотӣ то дер хомӯш монд, сипас, боз савол кард:

– Имрӯз, ки синни муборакат ба чил расид, аз карда пушаймон найӣ?

Судҳа бо тезӣ ҷавоб надод. Ба Мотӣ вонамуд, ки духтар базӯр ашконашро нигоҳ медорад.

– Судҳа! – бо оҳанги навозиш нидо кард ӯ маҳбубаашро ва даст ба китфони вай бурд.

– Меандешидам, – гуфт дар ҷавоб духтар. – Дар хусуси он меандешидам, ки ҳамсари ту нашуда чиҳоро талаф додам. Магар ягон бегоҳ мо аз ҳам ҷудо будем? Ба хотир ор, ба куҷоҳое нарафтем? Фақат як ишора кифоя буд, ки ҳама кору боратро тарк карда назди ман ойӣ. Агар никоҳ маънии қаробат дошта бошад, ман онро пайдо кардам, қаробате, ки дар тӯли ҳамаи ин солҳо ягон маротиба бо ҷанҷолу дилмондагӣ доғдор нашудааст. Ҳамеша чеҳраат пуртабассум, ҳамеша аз ман мамнун будӣ. Сол аз сол, ҳамин ки даст дароз мекардам, дастат ба истиқболи он мешитофт ва ҳарорати вай ба ҳар як андомам роҳ меёфт. Гулҳои ту дар мӯям, бӯсаҳоят – дар лабонам буданд. Садоқати ту дар қалбам... Кадом зан аз ишқу муҳаббат аз ин бештаре орзу дорад.

Ӯ бо шодии беҳамто худро ба дасти Мотӣ супурд. Ин дуто не, чор не – шаш, ҳашт даст буд! Судҳа ҳарорати онҳоро бо ҳар як ҳуҷайраи тану ҷонаш эҳсос менамуд.

Дастҳо ӯро навозиш мекарданд, оғӯш менамуданд ва ба сина мефишурданд. Судҳа аз як олам навозиш мисли ғунчае, ки аз нури моҳ кушода мешавад, гул-гул мешукуфт. Воқеан, моҳ ҳам аз паси дарахтони сершохубарг баромада назди дастаи ситораҳо қарор гирифт. Ҳамон дам нури он дар кокулони Судҳа печ хӯрд, дар нигоҳаш фурӯ рафт, лабонашро навозиш кард, ба қалбаш роҳ ёфт ва ба рагу пояш ҷорӣ гардид... «Мотичур – нахӯддонаи ман! Ширинакам!.. Дар оташи ишқат кабобам!..»

...Судҳа чашмонашро кушод. Чеҳраи хаставу беҳолаш аз фараҳ шодоб гардидаву дар он осори навозишҳои пурҳарорат ҳувайдо буд.

Судҳа он шабро, ки барои дилдодагон шаби қадр буду зиндагии ҳар дуро ғанӣ сохт, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард. Дар ин шаб гӯё макону замон, солҳои

паси сар шуда, моҳи нуқрафом ва орзуву ормонҳо – ҳама дар атрофи як мадор гардиш менамуданд. Як зарра аз шавқ ва эҳсоси пурҳарорат зоеъ нарафт – он шаб дар ин хусус фикр ҳам накарданд. Магар боз касе нашъаи чунин лаҳзаҳоро чашида бошад? Шахсе ки ҳамин гуна саодат насибаш мегардад, хоҳад фаҳмид, ки ӯ дар олам маҳз баҳри ҳамин лаҳзаҳо зиндагӣ ба сар бурдааст.

Барои Судҳа низ ин чанд лаҳза буд, ки дигарбора такрор наёфт...

Мудири идора дигар шуд. Сардори нав ба Судҳа тамоман маъқул набуд: пӯсти аз афташ як вақтҳо сафедаш ҳоло чун миси зангзада кабудча метофт, бинии гӯштдораш аз рагчаҳои бунафшранг – шаҳодати ба машрубот беандоза рағбат доштани соҳиби он гувоҳӣ медод. Ҳар даъфа чун Судҳа бо мудири нав рӯ ба рӯ мешуд, беихтиёр нигоҳаш ба бинии вай, ки анҷири пухтаро мемонд, афтода, духтар аз дил мегузаронд, ки гӯё он анҷир худи ҳозир меафтода бошад. Рухсораҳои мудир овезон, таги чашмаш каб-кабуд, дар сараш қариб тамоман мӯй намонда буд. Ҳангоми гап задан бошад, ӯ ғуки пирро мемонд, ки дар ҳавзи пуртина вақ-вақ мезанад. Шахсе буд барои Судҳа манфур. Бадбахтона, ба вай, ҳамчун стенографисткаи калон, баъзан тамоми рӯз дар утоқи кории мудир нишастан лозим меомад. Дар чунин мавридҳо гӯё Судҳа истиқлолияти худро аз даст медоду эҳсоси ин ҳол ӯро норoҳат месохт. Ба замми ин ҳама, ҳиссиёте ҳамеша ӯро дунболагирӣ мекард, ки вай бо ин бадбашара қабл аз ин дар ким-куҷое вохӯрдааст. Вале дар куҷо? Судҳа ҳарчанд кӯшиш мекард ба хотир орад, аммо оварда наметавонист.

О! Ҳа, албатта! Боре ман ин ниммурдаро дар Канат-плейс[1] дида будам, – қарор дод Судҳа.

Вай умед дошт, ки акнун ҳаяҷони ӯ фурӯ хоҳад ни-

[1] Канат-плейс – маҳаллаи тиҷоратии Деҳлӣ.

шаст. Вале ҳамин вақт мудир ҷузъгиреро болои миз гузошта бо дасташ ҳаракати ноаёне карду аз нав Судҳаро ҳаяҷон фаро гирифт. Кӣ айнан ҳамин хел ҳаракат мекард? Падараш? Бародараш? Киро ба хотир меорад ин ҳаракат? Ба ин саволот хотири духтар ҷавоб намедод. Судҳа корашро идома дод, вале тамоми рӯз қалбаш фишор мехӯрд.

Рӯзи аввали моҳ, мисли ҳарвақта маош медоданд. Вақти хона ба хона рафтани коргарон мудир аз Судҳа хоҳиш кард, ки андак таваққуф намояд. Вай духтарро назди мизи худ шинонида, сипас аз ҷевонча вискӣ, сифони пуроб ва ҷом гирифт. Судҳа бо таҳайюр менигарист, ки чӣ гуна мудир ҳарисона, бо як нафас ҷоме аз вискӣ нӯшид. Вай бо нияти фавран баромада рафтан, бо алам аз ҷой ҷаст. Мудир муаддабона ӯро аз дасташ гирифта нигоҳ дошт.

– Имрӯз ман бо ҳуҷҷатҳои шахсии кормандон шинос шудам ва дарёфтам, ки стажи кории шумо аз ҳама зиёд будааст, – гӯфт ӯ. – Бо чунин стенографистикаи пуртаҷриба кор кардан ба ман гуворост.

Судҳа чизе намегуфт.

– Номатон Судҳа, ҳамин тавр не? – бо изтироб пурсид мудир.

Судҳа бо тааҷҷуб сӯяш нигарист. Чанд вақт аст, ки онҳо бо ҳам кор мекунанд, наход номи ӯро вай фақат ҳамин рӯз доништа бошад? Ва ниҳоят, ӯ чӣ мақсад дорад?

– Яъне гуфтанӣ ҳастам, ки – суханашро идома дод мудир, боз барояш вискӣ рехта, – шумо ҳамон Судҳа, духтари Ҷиванрам ҳастед?

– Бале, номи падарам низ дар ҳуҷҷатҳои ман навишта шудааст, – дағалона ҷавоб дод Судҳа. – Намефаҳмам, чаро ин чизи маълумро аз ман мепурсед?

Вай боз аз ҷой хестанӣ шуд.

– Не-не, шинед! Илтимос, шинед... – бо як беҷуръатии ғайри чашмдошт, ҳатто илтиҷоомезона

гуфт мудир. – Гӯед ки шумо... шумо маро нашинохтед?

– Не, – бо қаҳр сухани ӯро бурид Судҳа.

– Оилаатон дар маҳаллаи Ҷандон истиқомат дошт, ҳамин тавр не?

– Бале.

– Боре ба хонаатон рафта будам. Шуморо дида будам... Сӯҳбат ҳам карда будам... О, ҳоло шумо тамоман нозанинед, он вақт безебакак будед... Оре, ман шуморо дидаам... бо шумо мусоҳиб шудаам...

– Кай, кай дида будед?! – бо ҳаяҷон нидо кард Судҳа. Мудир дурудароз ба чеҳраи духтар чашм дӯхта, сипас базӯр овоз баровард:

– Ман Мотӣ.

Судҳа моту мабҳут гардид.

– Барои ман бадбахтии... бадбахтии бузергест, ки он вақт ба шумо хонадор нашудам, – суханашро идома дод мудир. – Надонистам. Шуморо фаҳмида натавонистам. Ва дар тӯли он чанд дақиқае, ки мо бо ҳам будем, якдигарро фаҳмидан мумкин буд магар? Афту андоми оддӣ симои ҳақиқии шуморо ниҳон медошт... Ман бошам, ҷавон будам, сарвату давлат меҷӯстам, зани сафедпӯсту нозукбадан орзӯ доштам... Оне, ки ҳаёташро бо ман пайваст, сафедрӯй буд, ба хонаам пул ҳам овард, ҳамроҳи пул инчунин феъли носозу ситезҷӯ. Дар тӯли якчанд сол мо рӯи панҷ фарзандро дидем аммо намедонам кадоме аз онҳо фарзанди ҳақиқии ман аст. Намедонам, намедонам... Мардум ҳар хел гапҳо мезаданд... Ман бошам ба гапи онҳо бовар мекардам. Аз алам менӯшидам ва дар маҳфили занҳои дигар тасаллӣ меҷустам. Ба селоби захр – заҳри ранҷҳову машрубот, буғзу адовати доимӣ ва бепарвоию бетафовутӣ ғарқидам... Ин захр тамоми ҷисму ҷонамро мусаххар намуд, вуҷудамро афгор сохт. Он зан ... вай ҳоло дар қайди ҳаёт нест, бинобар ин маломат кардани ӯ нашояд. Зинда ҳам мебуд, ман ба вай чӣ гуфта метавонистам? Охир ин ҷурми ман аст. Мана ин

чашмонам, ки шуморо шинохта наметавонистанд. Санги гаронбаҳоеро ёфта шишапора гумон карда пар-тофтам. Маро бубахшед! Акнун ҳамсари ман шуда наметавонед? Охир чандон солхӯрда наям ва ... муҳаббати ҳақиқӣ чист – ҳанӯз намедонам, як умр фақат дар орзӯяш будам.

Ӯ ҳарф мезаду Судҳа ба вай бо назари бемаъниву бенур нигоҳ мекард.

«Акнун ту назди ман омадӣ! – фикр мекард ӯ. Пиру мӯйрехта, зишту аз маризиҳо ба футур расида... Акнун ту ба ман таклифи издивоҷ мекунӣ. Ба ман, ки тамоми ҳастиамро бароят вақф кардам. Ҳатто намедонӣ, ки туро офарида ҷавонии хешро оташ задам. Чандин баҳори ишқро дар орзӯи ту бар бод додам, чандин озу ниёзи ҷавониро ба хотири фақат як нигоҳат пора-пора сохтам? Як умр танҳо, паҳлӯи сояи ту роҳ мепаймудам. Хаёлан туро ҳамроҳи худ тасаввур карда ба гулбоғҳои торик мерафтам, дар кино ҳамсоякурсиро холӣ гузошта – барои ту – танҳо менишастам; ба пули бо меҳнати пурмашаққат ёфтаам, гӯё аз номи ту, худ ба худ тӯҳфаҳо мехаридам. Падарам аз олам гузашт. Модарам низ аз паси ӯ рафт. Тифлони батни ман бошанд, аз дуродурҳо маро даъват мекарданд, вале ман ба назди ҳеҷ кадоме аз онҳо нарафтам. Туро тӯмори ҷону имони хеш хонда то чилсолагӣ бо дидаи нимроғ, лабони фурӯбаста ва гӯшҳои маҳкам, фақат ба як орзӯ – ҳамроҳи ту будан, зиндагӣ ба сар бурдам. Оё ман аз ин хушбахт будам? Ман аз ту ҳеҷ гоҳ чизе талаб накардам – на маросими тӯй, на шаби васл, на табассуми тифл. Ҳеҷ чиз! Барои ман фақат партав, акси чеҳраи дӯст, саробе вуҷуд дошту бас... Имрӯз бошад ту дар мулки ман барои он пайдо гардидӣ, ки ин саробро ба гулхани дафн биандозӣ...» Ҳамаи ин фикру хаёлот Судҳаро дар сар, вале ӯро дигар маҷоли лаб ба сухан кушодан намонда буд. Вай сарашро болои миз хам карда зор-зор мегирист. Мудир аз дасти ӯ гирифт. Судҳа худро канор кашида аз ҷой ҷаст ва тозон аз

утоқи корӣ баромада рафт. Вай ба суханони илтиҷоомези Мотӣ, ки мехост духтарро боздорад, гӯш накарда, ба шаст аз зина фаромада рафт.

Кӯча аз нури чароғҳои сершумор равшан буд ва чашми ашкбори Судҳаро ҳама медид. Вале ӯ ба нигоҳҳои кунҷковонаи роҳгузарон эътибор надода, ҳамон ҳой-ҳой мегирист. Ана гулбоғи Осаф Алӣ. Ӯ фикр кард, ки лаҳзае ба боғ даромада зери дарахт нишинад ва ба танаи он такя диҳаду... Не, тамом, ҳамааш тамом! Шаҳзодаи орзӯҳои ширини ӯ дигар нахоҳад омад. Ҳеҷ гоҳ нахоҳад омад.

Пас, Судҳа нишонаи шавҳардорӣ – хатти сурхи фарқу холи пешониашро пок кард, дастпонаҳои шишагинашро кашиду ба панҷараи боғ зада шикаст.

Вай аз ин рӯз ва то дами вопасини худ бешавҳар мемонад.

## САРБОЗ

Замонхон ва Шаҳбозхон дар як полк хизмат мекарданд. Онҳо бо ҳам дӯст буданд. Дӯстиву рафоқати эшон на дар қаҳвахона, на дар пивохона ва на дар толори рақс, балки дар байни таркиши снарядҳо, зери садои ғулғулаангези ҳавопаймоҳои ҳарбӣ, дар рӯзҳое, ки ба ҳар ду мунтазам марг таҳдид менамуд, тавлид гардида, неру ёфт. Дар дӯстии онҳо аз зарофату эҳсосот ному нишон ба назар намерасид. Вай дағалнамо, бисёр ҷиддӣ ва бунёди чун тагчарми мӯзаҳои аскарӣ сахту мустаҳкам дошт. Ин дӯстӣ мисли қуллаҳои азими Путҳуҳар устувор буд. Агарчи он аз риққату нафосат орӣ менамуд, молики чунин ҳусни тафоҳуме буд, ки ҳеҷ гоҳ эҳтиёҷ ба сухан надорад. Дӯстие буд пур аз самимияту ҳисси рафоқат, ки дар умқи дил лона гирифта, дӯстие буд дорои ҳусни нарму муаддабонаи ба худ хосе ки ҳамеша ниқобе аз алфози қабеҳи аскарӣ ба рӯй кашида. Замонхону Шаҳбозхон тез-тез бо ҳамдигар муноқишаву низоъ мекарданд,

баъзан ҳатто барои гапи якпула аз якдигар ба ҳавалдор шикоят менамуданд, вале дар рӯзҳои санҷиши матонат, дар ҳар амалу вазъияти хатарнок онҳо ҳамеша бо ҳам буданд. Афсару сарбозони полк дӯстии онҳоро хуб медонистанд ва аксар, баъзан бидуни ягон мақсад, баъзеи дигар ғаразан, борҳо барои аз ҳам ҷудо сохтани ин ду дӯст, кӯшиш мекарданд, ки дар байнашон низоъ андозанд. Вале ин ҳама саъйи онҳо самар намедод.

Чун ҷанг ба охир расид, ҳар ду сарбоз баробар озими хона шуданд. Поезд онҳоро сӯи ватан, ки панҷ соли тӯлониву пурмашаққат заҳри фурқати онро мечашиданд, мебурд. Шаҳбозхон сокини Чоклаъл, Замонхон бошад, фарзанди Ҷелам буд. Дар вагон ҷӯраҳо чашм аз тиреза наканда, бодиққат атрофро тамошо мекарданд. Сутунҳои телеграф ба пешвози онҳо метохтанду ҳамоно ғайб мезаданд, қуллаҳои бо буттаҳои ақоқиёқ, настаран ва нозгул пӯшида шудаи Путҳуҳар гоҳ пайдо мегардиданду гоҳ ниҳон мешуданд. Ба кадом сӯ нанигарӣ, ҳама кӯҳҳои баланди санглох бо нишебиҳои сурхчатоб ва замини қаҳваранг ба назар мерасад. Дар ин замин ғайр аз боҷра[1] чизи дигар намерӯяд. Ин замин, боҷра ва инсони чун пӯлод пуртоқату қавиро мепарварад!

Поезд силсилакӯҳҳои баландро бурида босуръат пеш мерафт. Аз ду тарафи роҳи оҳан нишебиҳои якранг тӯл кашида буданд. Дар пайраҳаи тангу морпеч духтараке менамуд, ки дар сар кӯзаи сафолӣ дошту сабук раҳ мегашт.

Маҳия аве, маҳия аве! – оҳиста замзама кард Шаҳбоз ва ғариқи кимкадом хотираҳо, ҳамон дам хомӯш гардид. Лабҳои нозукаш дарҳам кашида шуданд ва ӯ бо овози паст гуфт:

– Нигоҳ кун! Ҳу ана деҳаи Абдулло!

Дар доманаи кӯҳ дарае менамуд, ки аз мобайни он дарё мегузашт, дар соҳили дарё деҳа ва болои он ҳама

[1] Боҷра – як навъи арзан ё ҷавзод.

осмони каб-кабуде, ки ҳадду канор надошт. Ана ҳамин деҳа зодгоҳи Абдулло буд. Вале худи Абдулло аз ҷанг барнагашт, вай дар корзор, назди ким-кадом деҳаи итолиёӣ ҳалок шуда, дар замини бегона мадфун гардид.

– Нисор ҳам... Ба ватан барнагашт, – гуфт Замонхон.

– Каримдод ҳам!...

– Бҳаттӣ ҳам!...

Ҷӯраҳо хаёлан сафи тӯлонии симоҳои барояшон шиносро аз пеши назар гузарониданд, ки дар байни онҳо чеҳраҳои сафеду гандумгун, зебову аз доғи чечак нуқс ёфта, хандону ғамгин, чеҳраҳои бадхашм ва нурониву ҷасурона буданд. Инҳо ҳама симои ашхоси барояшон наздик, бародарони онҳо буд, ки алъон гӯё аз адам баргаштаанду бо чашмони Шаҳбоз ва Замон ба ватани азизашон бо изтиробу ҳаяҷон назар меафкананд.

Ҳама ҳалок гардиданд, ҳалок!

Нисор, Каримдод, Бҳаттӣ, Абдулло...

– Сабаби сар задани ҷангҳо дар чист? – бо овози паст пурсид Шаҳбоз.

– Аз ҳавалдор пурс! – ҷавоб дод Замонхон ва ба ордени барои шуҷоъ гирифтааш даст зада монд.

– Аз барои чӣ сарбозҳо ҳалок мегарданд? – боз пурсид Шаҳбоз. Замонхон хомӯш меистод.

– Ба худ тасаввур намо, – боз ба гап даромад Шаҳбоз, – агар ҳамаи сарбозон ва одамони тамоми ҷаҳон аз ҷанг даст мекашиданд... Он вақт чӣ мешуд?

– Он вақт душман ғалаба мекард! – гуфт дар ҷавоб Замонхон.

– Аммо душман... Охир, кӣ душман мешавад?

– Аз ҳавалдор пурс! – дағалона ҷавоб дод Замонхон ва боз хомӯш гардид. Поезд нишебу фароз ва печутобҳои кӯхистони санглохро, ки ба дили ҷӯраҳо ошнову муаззиз буданд, паси сар карда, ба саҳни фарох баромад.

– Ҳозир ба Ҷелами ман мерасем! – бо ифтихор дӯсташро огоҳонид Замонхон.

– Чоклаъли ман бошад, ҳанӯз дур аст! – маҳзунона гуфт Шаҳбоз ва ногоҳ табассуми ҳалимонае чун шафақи субҳ ба рухсораи қаҳварангаш нур пошид. Ва бо овози паст илова намуд:

– Эҳтимол, завҷаам ҳозир маро дар истгоҳ мунтазир бошад!

– Ҳамту гӯй! – Замонхон рӯй турш кард: Ӯ ҳанӯз муҷҷарад буд.

– Писарчаам инчунин... Вақте ки маро ба хизмати ҳарбӣ даъват намуданд, вай ҳамагӣ яксола буд. Ҳоло ба чӣ андоза қад кашида бошад?

– Ба қади милтиқ баробар шудагист.

– Маро мешинохта бошад? – бо андеша ва худ аз худ савол кард Шаҳбоз.

– Ақлатро гум кардӣ магар? Ӯ туро аз куҷо шиносад?! – хитоб кард Замонхон.

Шаҳбоз чанд дақиқаи дигар бо ҳамон нигоҳи хаёломез ба рӯи рафиқаш чашм дӯхта монд ва билохир суханони Замонхонро дарк намуда мушти зарбдоре ба синаи дӯсташ зад. Замонхон хандакунон пушт ба такяи нишастгоҳ дод.

Шаҳбоз зери лаб алфози қабеҳ овард, Замонхон ба ҳамин минвол ҷавоб дод. То вақте, ки онҳо шӯхӣ ба шӯхӣ носазогӯӣ мекарданд, поезд ба истгоҳи Ҷелам расид.

Замонхон бо душворӣ ба асобағали инглисиаш такякунон аз поезд фаромад. Ҳаммол бӯғчаи вазнини бистар ва ҷомадони калони ӯро наздаш гузошт. Замонхон борҳои худро шумурда баромад: якто бӯғча, якто ҷомадон. Якто бӯғча, якто ҷомадон. Якто бӯғча, якто ҷомадон... . Баъди панҷ соли дуру дарози мусофират ӯ бо худ танҳо бистару ҷомадон меорад. Аммо аз пояш маҳрум гардидааст. Баногоҳ мӯйлаби ғафсу сиёҳи ӯ гӯё ба поён хам хӯрда чеҳраи аз таъсири офтоб

қаҳварангаш тира ва дар чашмонаш ифодаи хашму ғазаб ҳувайдо гардид. Вай мӯйлабашро тоб дода қомат рост намуду ордени дар сари синаи фарохаш овезонро дуруст карда ба тирезаи вагон, ки аз он Шаҳбоз сар бароварда меистод, назар афканд.

– Хуш бош, ҷӯра! – гуфт ба ӯ Замонхон.

– Хуш бош, бародар! – ҷавоб дод Шаҳбоз.

– Мактуб навис!

– Албатта!

– Худат то деҳа мерасӣ ё гуселат кунам? – пурсид Шаҳбоз баъд аз дақиқаҳои хомӯшӣ, ба асобағали Замонхон нигоҳ карда. Замонхон дар суханони ҷӯрааш тамасхури ноаёне маҳсус намуд. Ибрози нотавонӣ накарда бори охир дастони Шаҳбозро маҳкам фишурд ва зиндадилона ҷавоб дод.

– Не, не! Лозим не!

Поезд ба ҳаракат даромад.

– Дӯсти азизам, худо ҳофиз! – гуфт Шаҳбоз.

– Худо ҳофиз, ҷӯраҷон!

Мо ҳар ду бад ҷанг накардем! Кош поят маҷрӯҳ намешуд... Сад афсӯс! Акнун ту маъюбӣ, Замон!

Чеҳраи хандони Шаҳбоз аз тирезаи вагон то дер намудор буд. Суханони охирини вай ба дили Замонхон сахт расиданд, аммо ӯ дар ҷавоб чизе нагуфт. Фурсате чанд аз паси поезд нигоҳ карда бо ғазаб асобағал ба замин кӯфт.

– Соҳиб! – ба вай рӯй овард ҳаммол.

Ҳаромӣ! – зери лаб пичиррос зад Замонхон, мушт ба сӯи Шаҳбоз бардошта.

– Кӣ ҳаромӣ? – бо алам бонг зад ҳаммол. – Падари ту ҳаромӣ! Чӣ зоти мӯътабаре! Ҳанӯз пояш ба остонаи шаҳр нарасида аз забонаш дашном меборад! Ту барин сарбозҳо ба ин ҷо бисёр меоянд! Забонатро газ, вагарна асобағалатро гирифта мӯҳраатро мешиканам! Ман ба ту ҳаммоли оддӣ нестам! Балдиял ҳастам! Балдиял, мефаҳмӣ?

– Наход? Ман ҳам балдиял! – хурсандона нидо кард

Замонхон. Бардор, бӯғчаву ҷомадонро. Мо ҳар ду бародарем, ман ҳам балдиял! Худи ту аз куҷо мешавӣ?

– Аз Кӯҳмарра.

Замонхон ба китфи ӯ тап-тап зада монд.

– Фарзанди сазовори қабилаи худ! Ба ҳаққи худо! Ҳама балдиялҳое, ки дар полки мо хизмат мекарданд, сад фи сад ҳабису худсито буданд. Вале дар майдони ҳарб чун шери жаён меҷангиданд! Ҳама беистисно бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардиданд... ҳама!

Ҳаммол ҷомадонро болои сар ва бӯғчаро зери бағал гирифту ба асобағали Замонхон ишора карда гуфт:

– Биё, онро ҳам гирам!

– Инро ба ту дода бо пойҳои амакат роҳ равам?

Ҳаммол хандиду бори ӯро то истгоҳ бурда расонд. Замонхон аз ҷайб пул бароварда ба ҳаммол дароз кард, вале ҳаммол дасти ӯро рад намуд:

– Ман аз ту пул намегирам! Ту маро кӣ гумон мекунӣ? Аз ҷанг омадӣ, ин қадар ҷавониву... – ба асобағал ишора кард ӯ, вале ба чеҳраи Замонхон нигариста фавран суханашро қатъ намуд. Баъд гулӯ афшонда гуфт: – Ту низ балдиял ҳастӣ, бародари манӣ! Аз роҳат намон, худо туро мадад кунад!

Дар чеҳраи Замонхон табассуме падид омад – табассуми аҷибе: ки барояш ном ёфтан ҳам муҳол аст, табассуме, ки дар он нисбат ба хурсандӣ ғаму андӯҳ, шукргузорӣ бештар ва, шояд аз ҳама беш таскину осоиш буд. Чунин табассум дар чеҳраи касе ба вуҷуд меояд, ки вай фикр кунад: «Ман дар ватани хешам! Ин бародари ман аст! Ин деҳаи ман аст! Дар фазои ватанам оҳанги аз кӯдакӣ бароям ошно танинандоз аст. Дар замини ин ҷо нақши пои маҳбубаам, дар осмонаш моҳу ситорагони рӯъёи ман. Ин ҷо оромӣ, саодат, амну амонӣ ва модари меҳрубонам. Дар ин ҷо ашхоси ғайр, ноошно ва душман нест».

Замонхон маҳсус намуд, ки ихтилоҷ гулӯяшро мефишорад ва оҳиста, ба асобағал такякунон аз зина фаромада ба тонга савор шуд.

– Куҷо барам? – пурсид фойтунчӣ. – Ба шаҳр?

– На.

– Ба Гатолиён?

– На. Ба деҳаи Кочегавн. Вай дар соҳили дигари Ҷелам аст. Аспро тезтар ронӣ, поёни рӯз рафта мерасем. Ҳай кун!

Фойтунчӣ аспро тозиёна зад. Тонга ба ҳаракат даромад ва Замонхон асобағал дар даст, пояшро болои ҷомадон ниҳода ба деҳаи Кочегавн раҳсипор гардид.

Вақти ба деҳа наздик шудан, вай аз фойтунчӣ хоҳиш намуд, ки андак оҳиста ронад. Аз пеш канори деҳ, киштзорҳо ва дарёи Ҷелам падид омад. Аз соҳили дигари дарё, аз ким-куҷо, аз ҷониби марзи Кашмир садои шаршара ба гӯш расид. Замонхон бӯи хуши алафи тозадаравро ҳис кард. Мавсими алафдаравӣ ба охир расида майдонҳои даравида то ҳадди назар доман паҳн карда буданд. Ногоҳ Замонхонро манзараи дигар пеши назар омад: силсилаи бешумори қабрҳои беном, ки сари ҳар яке салиби зард маҳзунона соя меафканд. Ҳосили аз чанг бардошта шуда. Вай ҳам пои бо граната канда шудаи худро дар майдони дурдасти ҳарб монда омада буд, рӯи замини қаҳваранг фақат пояи растаниҳои даравида салибвор сих задаанд.

Шом фаро расид. Бачаҳо бори охирин аз чоҳи сари роҳ об кашида ба хона бармегаштанд. Ӯ як вақтҳо паси ана он буттаи настаран пинҳон гардида Занонро мунтазир мешуд. Офтоб оҳиста ғуруб мекард, қуллаҳои талу теппаи Мирпурро туман фаро мегирифт, садои зангӯлачаҳои рама, ки аз саҳро бармегашт, хомӯш мегардид ва дар ҳама ҷо оромӣ ҳукумфармо. Вай бошад, ҳамон чашм аз пайраҳаи дар байни киштзор печутоб хӯрда намеканд. Занон аз пайраҳа хиромон меомад ва аз садои ҳар қадами ӯ дили Замонхон, гӯё ки худи вай ба истиқболи маҳбубааш бо тамоми қувва метохта бошад, бошиддаттару тезтар метапид. Бинобар ин, ҳар дафъа вай Занонро ба оғӯш кашида, дақиқае чанд дар ҳамин ҳол хомӯш меистод.

Агар Занонро имконияти ба мулоқот омадан пайдо нагардад, Замонхон аз ғусса дилтанг, маҳзуну сархам оҳиста-оҳиста ба деҳа бармегашт. Дар нимторикӣ бо дилдодаи худ пичирросзании духтарони путуҳариро дида худро беш аз пеш нокому аламзада ҳис мекард. Дар чунин мавридҳо вай банҷлии дӯстдоштаашро гирифта ба соҳили Ҷелам мерафт ва чун ангушт ба торҳои заррин мезад, аз банҷлӣ навои мағмум берун меомад. Садои мусиқӣ бо шавваси дарёи шӯх махлут мегардид. Қалби Замонхон низ ба тарона табдил ёфта якҷоя бо торҳои банҷлӣ нола мекард ва ин суруди маҳзунро амвоҷи Ҷелам ба дуродурҳо мебурду нури нуқрафоми моҳ дар худ махлут месохт. Ва ҳар қатраи об, ҳар зарраи нури моҳ гӯё «Занон! Эй Занон!» гӯён садо медод.

Садҳо хотирот дар қалби Замонхон туғён барангехтанд. Ана Занон механдад ва дар бари ҳар ду рухсорааш чуқурчаҳо пайдо мешавад. Вай холи гардани маҳбубаашро низ ба хотир овард, ки наздик ба миллаи сиёҳаш ҷой дошт. Баъд пеши назараш Занони гиря карда истода пайдо шуд; ӯ ҳиқ-ҳиққунон ба дилдодаи худ менигарист ва мижгонҳои намкашидаашро бардошта паси пардаи ашк лаб ба табассум моил месохт. Дар чунин мавридҳо ба назари Замонхон вонамуд мегашт, ки гӯё шафақи субҳ ба Ҷелам нурпошӣ мекунад. Не, не! Шафақ не, ким-кадом зуҳуроти аз он пурзиётару ғайризаминӣ!

Ғарқи хотирот, Замонхон ба риққат омад ва эҳсос намуд, ки укдае гулӯгираш мекунад.

Ҳаво торик мешуд. Тонга майдонҳои киштро дар қафо монда гузашт. Бачаҳо наздики деҳа, дар сояи баняи майдони варзиш сохта буданд. Ин ҷо ҳар рӯз гурӯҳи сершӯру мағале ҷамъ меомад. Писарбачагону ҷавонон пагоҳӣ ва нисфирӯзӣ – чун фурсати холӣ ёфтанд, аз ҳар гӯшаву канор ба ин ҷо метохтанд, вазнбардорӣ мекарданд, гӯштӣ мегирифтанд... Вақте ки монда шуда аз сару рӯяшон арақ мерехт, як даста

баргро зери сар густурда рӯи замин меёзиданд. Баъди нимсоата хоби роҳат дар сояи банян, барои оббозӣ сӯи Ҷелам метохтанд.

Замонхон ҳамеша, ҳатто дар корзор, ҳамин майдони варзишро ба хотир меовард. Вай дар деҳа паҳлавони якум буда, чун гӯштингири моҳир ва устоди мағлубнашавандаи завраҡрониву шиноварӣ шӯҳрат дошт. Фаҳат гулӯлапартоиву вазнбардориро намеписандид. Баробари ба майдони варзиш рӯ ба рӯ шудан Замонхон бори нахуст, тӯли чанд сония ҳама чизро фаромӯш намуд ва чун пештара китфонашро рост карда даст ба камар бурд. Вале ҳамоно дасти росташ ба кундаи пои буридааш хӯрду аз нав рӯи курсии тонга хам шуда ғарқи фикру андешаҳо мӯйлабашро тоб додан гирифт.

Хушбахтона, майдони варзиш холӣ буд ва касе пай набурд, ки чӣ гуна ғуссаи беинтиҳо чеҳраи ӯро тира месозад.

– Акнун ба кадом тараф ронам, йигит? – аспро нигоҳ дошта пурсид фойтунчӣ.

– Рост рондан гир, сӯи ана он дахма, баъд ба тарафи рост мегардем! То ҳавлии мо ҳамагӣ чанд газ боқист.

Дар назди дахма вай аз фойтунчӣ илтимос кард, ки барои як дақиқа таваққуф намояд. Қабл аз ба хизмати ҳарбӣ рафтанаш дар ҳамин ҷо бо Занон аҳду паймон карда буданд, ки то охири умр ба муҳаббати худ содиқ мемонанд. Онҳо ба ҳамдигар тангаҳои панҷаннагӣ тӯҳфа намуда ба шохи дарахти бузурге, ки назди дахма қомат рост карда буд, ресмон бастанд ва дар зулмоти шаб қасам хӯрданд, ки то дами вопасин даст аз домани вафо намебардоранд.

Чун фойтун ба дахма расид, Замонхон поён фаромада оромгоҳи валиро зиёрат намуд. Баъди даст ба рӯ бурдан гирду атрофро аз назар гузаронд. Дар меҳроби дахма милт-милт нӯкча месӯхт, рӯ ба рӯи он духтараке сари зону истода ибодат мекард. Дили Замонхон ба ларза омада як лаҳза аз тапиш монд. Вай дакка хӯрда

худро сӯи духтарак андохт ва дар ҳаяҷон «Занон!» гуфта фарёд зад.

Духтарак аз ҷой хест ва бо таҳайюр сӯи Замонхон нигарист. Ҷавон фаҳмид, ки иштибоҳ кардааст. Духтарак барояш ношинос буд, шояд ӯ аз ҳамсоядеҳа буда баъди издивоҷ муқими ин ҷо гардида бошад.

– Маъзур дор, хоҳар! – гуфт Замонхон. – Ман туро Занони худ гумон кардаам.

Духтарак беҳиссу ҳаракат меистод. Замонхон ба асобағал такякунон ба тонга савор шуд. Фойтунчӣ аспро ҳай кард. Духтарак зону зада, аз сари нав ғарқи ибодат гардид.

Тонга баъди дахма боз чанд сад газро тай намуда, дубора таваққуф кард. Ин ҷо ҳавлии Замонхон буд. Дуди аз мӯрӣ баромада бо худ бӯи таоми пухтаистодаро низ ба атроф паҳн мекард. Аз ҳавлӣ ҳаёҳуи бачаҳо, мусоҳибаи мардон, хандаи хушҳолонаи занон ва садои баланди граммофон шунида мешуд. Якбора таркиши хандаҳои баланд танинандоз гардид ва тамоми шодиву шодобии Замонхонро барҳам зад – аҳли хонавода нишоту хурсандӣ доштанд! Дуруст аст, ки вай дар хусуси омаданаш касеро хабар надода буд, вале бо вуҷуди ин, дар умқи дил умед дошт, ки тамоми аила назди дарвоза мунтазираш хоҳанд истод. Ӯ баҳри ҳифозати хешу ақрабо ва дӯстонаш ҷангида аз пояш маҳрум гардид, айёми беҳтарини умри худро зери оташи тиру тӯп дафн сохт. Акнун ба хона баргашта овози ханда, ҳаёҳуи бачагон ва наъраи граммофонро мешунаваду бас! Оре, чунин аст зиндагӣ! Гӯё ҷанги даҳшатовар, фиғону ашкрезиҳои соати видоъ аслан набудаву худи ӯ – маъюби бепо ҳеҷ гоҳ дар ин деҳа назиста бошад. Хайр чӣ! Ӯ сарбоз буд ва сарбоз хоҳад монд, тақдири минбаъдаашро ҷоизаи ҳарбиаш муайян хоҳад кард. Замонхон мӯйлабашро тоб дода ба фойтунчӣ гуфт:

– Ба ҳавли даро ва гӯй, ки Замон омад.

Баъди як лаҳза аҳли хонавода берун омада тонгаро иҳота намуданд,Замонхонро бо бору бӯғчааш ба ҳавлӣ гирифта даромаданд. Вай бо падари мӯйсафед гардидааш бо эҳтиром вохӯрдӣ кард, модари гирёнашро ба оғӯш кашид ва аввал бо бародари калониву сипас бо бародари хурдиаш, ки дар набудани ӯ ба балоғат расида ҷавони ҳақиқӣ шудааст, даст фишурда аҳволпурсӣ кард. Баъд болои кӯрпача нишаста, бо табассуми хушнудона, бо хешу таборон мусоҳиба намуд. Вале на дар овозаш эътимод буду на дар суханонаш самимият. Суханони қалбакӣ, берабт ва бегона менамуданд гуфтаҳояш.

Модар бо садои ларзон гуфт:

– Меъроҷ, рав амаки Ҳашматро ҷеғ зан! Ба ҳамаи хешу ақрабо хабар деҳ! Гӯй ки писарам аз ҷанг баргашт... маъюб шуда омад!

Сипас ба навҳа даромад:

– Нанавишта будӣ, ки ту маъюбӣ!...

– Хайр чӣ оча! Аз поям маҳрум гашта бошам, дар ивази он пои нав – пои оҳанин ёфтам! Нигоҳ кун! Ман бе ҳеҷ душворӣ роҳ гашта метавонам!

Замонхон бо мақсади намоиш додани роҳгардии худ рӯй-рӯи хона қадам зад. Чун дид, ки ҳозирон боварӣ ҳосил намуданд, қаноатманд ба ҷояш рафта нишаст.

– Рафта мурғро сар занам! – гуфт бародари калонӣ ва пушти сарашро хорида аз хона баромад.

Дар ин муддат бародари хурдӣ бо диққат орденҳои Замонхонро тамошо мекард.

– Ту инҳоро дар кадом ҷанг гирифтӣ? – беҷуръатона пурсид ӯ.

– Дар Африқо, ҳангоми муҳосираи Кирун. Он ҷо истеҳкоми пурзӯр сохта шуда буд. Полкҳои аврупоӣ, ҳарчанд кӯшиданд, онро гирифта натавонистанд, он гоҳ моро фиристоданд. Ҷанговарони полки даҳуми Панҷоб истеҳкомро, ки гирдогирди Кирун бунёд гардида буд, зеру забар карданд. Заду хӯрди шадиде ба

вуҷуд омад! Ману Шаҳбозхон фармон гирифтем, ки ба кӯтали дусадгаза бароем ва ба шинаки пулемёт, ки дар нуқтаи баландтарини он воқеъ гардида буд, чанд ҷуфт граната партоем. Маҳз ҳамин пулемёт ҷанговарони дар поён будаи моро сахт тирборон мекард. Гоҳ паси буттаҳо пинҳон шудаву гоҳ ба замин часпида, гаваккашон ба шинак наздик гардидем ва бо нидои «Ё раббӣ» ҳуҷум намуда нуқтаи оташфишонро барҳам додем.

– Ин чӣ... – аз пештара ҳам беҷуръатона савол кард бародари хурдӣ – поят дар ҳамон ҷанг маҷрӯҳ шуд?

Мӯйлабашро тоб дода «Не!» гуфт дар ҷавоб Замонхон.

– Аз поям дар Италиё маҳрум гардидам. Фармони ҳуҷум шуд. Байни мову немисҳо ҷанги ниҳоят шадид ба вуҷуд омад. Ана дар ҳамон ҷанг... ин... Замонхон хандид... Қариб буд ҳалок гардам. Вале, худоро шукр!

Ӯ баногоҳ хомӯш гардид. Хешу таборон омаданд. Замонхон, гӯё ки бо вай ҳеҷ воқеаи нохуш рӯй надода бошад, ҳар яки онҳоро бо шодӣ ва базлагӯиҳо истиқбол менамуд. Амаки Ҳашмат гиря карда фиристод. Аз чашмони тағои Раҳмат низ қатраҳои ашк метаровид. Баъд ӯ бо табассуми гиряолуд сари ҷиянашро сила кард. Бо мақсади ба риққат наомадану бардамиро аз даст надодан, Замонхон ба нақли рӯйдодҳои ҷангӣ пардохт. Вай ҳатто чанд қиссаи шавқангезро ёдовар шуд, то ҳама гӯшу ҳуш гардида пои буридаи ӯро фаромӯш кунанд, вале ҳозирон аз асобағали лаънатӣ чашм намеканданд. Занҳо бо овози паст гуфтугӯ доштанд, модари Замонхон бошад, ба ҳар як ҳамсоязани ташриф оварда пичирросзанон мусибати фарзандашро иброз менамуд ва ҳар дафъа борони ашк аз дида мерехт. Ҳамаи мардҳо, ҳамаи занҳо ва бачагони деҳа ба дидани Замонхон омаданд... Дар қатори онҳо кӯдаконе низ буданд, ки аёми дар ҷанг будани ӯ ба дунё омадаанд. Писарчаи дар дасти Занон буда ба ҳамин зумра таалуқ дошт.

Вақте ки Занон ба ҳавлӣ ворид шуд, ҳозирон як хомӯш гардиданд. Хоҳари Замонхон Манчҳлӣ, ки ин вақт граммофон мемонд, Занонро дида, қартаро боз дошт. Ҳама дам набароварда монданд. Замонхон бо зӯр нафаси чуқур кашид. Модари Замонхон бошад, бо дидани Занон саросемавор гуфт:

– Занон ба шавҳар баромад! Худоро шукр! Ин тифли ӯст, писарчекаш! Худо ӯро нигаҳ дорад!

Замонхон писарчаро гирифта навозиш кард ва хурсандона ба Занон гуфт:

– Бисёр зебо шудаӣ!

Занони лолагун гардида хомӯш меистод. Сипас, ҳама якбра ба гап даромаданд, сӯҳбат дар мавзӯоти гуногун идома ёфт, боз суруди граммофон баланд гардид ва Занон тифлашро гирифта назди занҳо рафт. Замонхон бошад, бо хешу ақрабо ва бародаронаш сӯҳбат мекарду механдид.

Баъд меҳмонон яке аз паси дигар хайрухуш карда рафтанд. Дастурхон густурда шуд ва Замонхон бо аҳли хонавода ба тановули хӯроки шом нишаст. Сари дастурхон ҳам вай бо нақли ҳар гуна латифаҳои аскарӣ ҳамаро механдонд. Вақти хоб расид. Баъди ҳар кас ба ҷои хоби худ даромадан, шамъеро дар сари болини Замонхон гузошта лампаи калонро хомӯш карданд. Замонхон дар рӯшноии шамъ гаштаву баргашта вассаҳои сақфро мешумурд. Модар бо дастони ларзон сандуқро кушода аксеро берун овард, ки вай дар рӯзи ба хизмати ҳарбӣ рафтани Замонхон аксбардорӣ шуда буд. Ҳамон нигоҳи ҷасурона, ҳамон синаи фарох, ҳамон мӯйлаби зебанда. Лекин дар акс ҳар ду пояш мавҷуд буд.

– Писарҷонам, писаракам... – канори бистари ӯ нишаста пичиррос зад модар.

Замонхон ба акс, ба сурати пояш, ки дигар вуҷуд надорад, бо табассуми аҷибе дуру дароз нигоҳ карда монд. Баъд аксро ба модараш гашта доду гуфт:

– Рав оча, хоб кун! Хушҳолам, ҳеҷ чиз хотири маро намеозорад. Ман аз ҳама розӣ!

Модар гирякунон хеста рафт. Вай бошад, боз гаштаву баргашта вассашумориро идома дод. Билохир аз ин шуғл даст кашида, оҳиста аз ҷой хест, банҷлиашро – ҳамон банҷлии зарринторро гирифта бӯсид, ба атроф назар афканд ва бо имову ишора модарро фаҳмонд, ки ба соҳили дарё меравад. Вай ба асобағал такякунон аз ҳавлӣ берун шуд.

Дар соҳил банҷлӣ ба навосанҷӣ даромад. Қалби Замонхон аз хотироти ширину масарратангез саршор гардид. Манзараҳои гузашта як-як ба лавҳи хотираш мерасид. Ана нахустин мулоқоти ӯ бо Занон, ана вай бори аввал маҳбубаашро мебӯсад. Сипас, чӣ гуна ҳамроҳи Занон ба шаҳр рафтанашро ёдовар шуд... Ин манзараҳо як-як пеши назараш таҷассум ёфта ҳамоно ба қаъри нестӣ ғӯта мехӯрданд, то дигар ҳеҷ гоҳ барнагарданд... Навои банҷлӣ бошад бар фарози дарё парвоз дошт.

Тамом.... тамом....тамом.... ӯ дигар чизеро ба хотир оварда натавонист. Садои банҷлӣ қатъ гардид. Нафаси бод, доси заррини моҳ, садои ба об афтодани порчаҳои реги соҳил... Гӯё ин ҳама ба дарё нузул ва дар оғӯши амвоҷи он ғарқ мешуд.

Замонхон дар лаби дарё дур дароз нишаста монд. Реги намро дар мушт мефишурду ба об ҳаво медод. Баъд ба гӯшаш шарфаи пой расиду сояи дарози касе падид омад. Вай оҳиста аз ҷой хест ва ба сӯйи Занон рӯй гардонд.

– Ман паймоншиканам! – гуфт Занон.

Замонхон хомӯш меистод. Дар замираш муборизаи шадиде оғоз ёфт.

– Ба ҳар сазо омодаам!

Замонхон ҳамон лаб намекушод. Вале дар замираш растохези ҳақиқӣ ба вуҷуд омад. Он ҷо бомбаҳо метаркиданд, тирҳо виззас мезаданд, гулдуроси

таркишҳои даҳшатовар тамоми мушакҳои баданашро афгор менамуданд.

– Ман азони туям!

Гӯё ба дили Замонхон найза заданд, вале ӯ ба чунин зарбаи беамон низ тоб овард... Ва ҳамон хомӯш буду хомӯш...

Ҳамин тавр онҳо рӯ ба рӯи ҳамдигар меистоданду ҳарфе намезаданд. Моҳи заррин низ сукут меварзид, дар баландии соҳил алафу буттаҳо аз хишир-хишир боз монданд. Оҳанги бесадои сукунат тамоми оламро фаро гирифт. Чор сӯ хомӯшӣ, вале дар дили ин ду тан муборизаи шадид мерафт.

– Ҳеҷ кас моро намебинад, – гуфт Занон. – Буғӣ карда кушу ҷасадамро ба Ҷелам андоз! Фақат хомӯш наист, барои худо!

Ва ногоҳ дар чеҳраи Замонхон табассум ҳувайдо гашт. Ӯ ба моҳи зарринтоб нигарист. Сараш як сония хам гардид, вале зуд баланд бардошта шуд. Вай оҳиста аз дасти Занон гирифта бо меҳрубонӣ гуфт:

– Биё, хоҳарам, ба хонаат бурда монам! Он ҷо туро писару шавҳарат мунтазиранд, ба назди онҳо рав!

* * *

Вақте ки ӯ Занонро гусел карда ба хона бармегашт, мисли ҳарвақта, дар меҳроби дахма нӯкча месӯхт. Рӯ ба рӯи он, дар иҳотаи сукунату торикӣ духтараке сари зону истода ибодат мекард. Дар равшании нӯкча Замонхон фақат рухсораи духтаракро дида метавонист. Ба назараш чунон намуд, ки гӯё аз зери мижгонҳои нимпӯши духтар фаввораи муҳаббат ҷорист.

Замонхон беихтиёр рафта дар паҳлӯи духтарак нишаст, ҳаяҷономез бо азме даст бардошт, вале ҳарфи ибодат ба забонаш намеомад, фиғону нолаҳои аламнок аз синааш берун наҷаст. Фақат аз чашмонаш донаҳои калон-калони ашк пайдарҳам сарозер мешуданд....

# ТАНГКӮЧАҲОИ ЛОҲУР

Дар маҳаллаи оҳангарони Лоҳур хиёбончае воқеъ гардидааст, ки аз домани он тангкӯчаи мо ибтидо мегирад. Ин тангкӯчаи тангу торик, ки кӯчаи Пири Шерозӣ ном дорад, аз се тараф бо биноҳои истиқоматӣ иҳота гардида, ягона тарафи кушодаи он шуморо ба хиёбончаи номбурда мебарорад.

Рӯ ба рӯи манзили мо манзили якхонагии мӯзадӯз Дитта воқеъ гардида буд. Ман ба сифати пойафзолҳои дӯхтаи Дитта баҳо дода наметавонам, вале ҳаминашро медонам, ки завҷаи ӯ ниҳоят зебост. Аз сабаби он ки мо ҳамсоя будем, ба ман ҳамарӯза муяссар мегардид, ки бо завҷаи Дитта вохӯрам. Агар баъзан ӯ ба хонаи мо дарояд, маро ҳиссиёти изтироб фаро мегирифту фавран баромада мерафтам. Вай бошад ба модарам «аҷаб писари шармгине доред» мегуфт.

Дар паҳлӯи мӯзадӯз Дитта хонаи бараҳмани фориғболу беғам Айширдас воқеъ гардида буд. Падари Айширдас кайҳо вафот карда, ӯро бо се бародари хурдсолаш модари бевамондааш тарбия менамуд. Бародари хурдии Айширдас дар хонаи мардум зарфшӯӣ мекард. Модараш ҳам хизматгор буд. Вале худи Айширдас, ки ман бо вай ҷӯра будам, бо ягон кор машғул набуд. Аз ҳисоби модар ва бародари хурдсолаш зиндагӣ мекард.

Айширдас ҷавони на он қадар зебо, вале қоматбаланду бақувват буд. Вай бо ҷавонони маҳаллаҳои гуногуни Лоҳур шиносоӣ дошта, рафиқонаш ҳам монанди худи ӯ дар ҳеҷ куҷо кор намекарданду сару либоси хуб мепӯшиданд. Онҳоро баъзан дар дӯкон машғули қартабозӣ ва баъзан дар хиёбонҳои шаҳр дидан мумкин буд, ки он ҷо нишаста пан[1] мехоиданд ва дар гирду атрофи духтарони соҳибҷамол гашта гаппаронӣ мекарданд.

---

[1] Пан – ба барги кот (бестел), ки талхмазза аст, андак дорувору хамираи оҳак печонида мехоянд.

Боре касе аз модари Айширдас савол карда буд, ки «Айширдас ба шумо кӣ мешавад?» Оҳ ин мардум! Магар онҳо либоси тозаву шинами ӯро дида метавонистанд фаҳманд, ки ин зан орзуву ҳаваси худро чӣ гуна ба амал меоварад, қасри хаёлии худро чӣ гуна обод ва дар олами тахайюлоти хеш чӣ гуна парвоз менамояд? Онҳо модарро таъна мезаданд, ки вай ҳеҷ гоҳ дар бораи писари калонии худ ба касе чизе намегӯяд ва бо муҳаббату навозишҳои беандозааш ба ӯ фақат зарар мерасонду бас. Бо вуҷуди ин модар ҳеҷ гоҳ дар хусуси нахустфарзандаш ба касе лаб намекушод.

Вале аз рӯзе, ки Айширдас занеро бо се кӯдакаш ҳамроҳи худ ба хона овард дар оила мунокишаву ихтилофот сар зад.

Зане, ки Айширдас ба хона овард, завҷаи амаки марҳуми ӯ буда, бинобар ба табақаи дигар тааллуқ доштанаш, хешу табори шавҳараш ӯро эътироф намекарданд.

Вақте ки беваи бечора гуруснаву беҳол аз кӯчаи Чоримарон базӯр қадам зада мерафт, бо Айширдас вохӯрд. Айширдас ба ҳоли зани бадбахт раҳм карда ӯро бо кӯдакони хурдсолаш ба хона овард. Ин худсарии Айширдас косаи сабри модарро шикаст. Зани бечора, ки барои хӯронидани аҳли оила худ бо чӣ азобу машаққатҳо шабу рӯз меҳнат мекард, аз илова шудани чаҳор даҳони хӯранда дилтанг намешуд магар? Имрӯз ӯ бори аввал даҳони халтаи пур аз дарду алам ва мазамматӣ худро дар назди писари оворагардаш боз намуд.

Айширдас маҷбур шуд, беваи амаки маҳрумашро бо кӯдаконаш баргашта ба кӯчаи Чоримарон бурда монад. Лекин баъди ин воқеъа худи ӯ дигар ба хона барнагашт.

Рӯзе аз хиёбони Лоҳурӣ мегузаштам. Ногоҳ дида мондам, ки дар ақиби дӯконҳои гулфурӯшӣ, дар боғи мунитсипалитети шаҳр маъракае ҷамъ омадаасту дар маркази он Айширдас сурма мефурӯшад. Ӯ моли худро чунон таърифу тавсиф мекард, ки гӯё вай сурма не,

балки ягон чизи болаззату нодир савдо мекарда бошад. Кас ҳайрон мешуд, ки чунин санъати фурӯшандагиро вай аз куҷо омӯхта бошад.

Вақте ки одамон пароканда шуданду мо ду рафиқ ба сари кӯча баромадем, ӯ ба ман гуфт, ки тамоми рӯз ба сурма, равғани зард ва гӯгирдфурӯшӣ машғул аст, то ки оилаи бепарастор мондаи амакашро таъмин кунад.

Чун ман аз ӯ «Ин табаддулот дар ту чӣ гуна ба вуҷуд омад?» – гуфта пурсидам, парраҳои биниаш баланд шуданду ба гап сар кард:

– Ту инро фаҳмида наметавонӣ, оре, фаҳмида наметавонӣ. Завҷаи амакам аз гуруснагӣ маҷбур буд ба ҳар роҳ равад! Пас, чӣ кор кардани ман лозим буд?

– Дигар ба хонаатон барнамегардӣ? – пурсидам ман.

– Ҳаргиз! Модарам ҳомии як оилаву ман ҳомии оилаи дигар. Не, намегузорам, ки завҷаи амакам ба роҳи бад раваду шарафи хонадони мо...

Бинед-а, вай имрӯз шарафи хонадонашро ҳимоя мекардагӣ шудааст! Он Айширдасе ки дирӯзакак шалвори сафеду куртаи оҳарӣ пӯшида маъракаоройӣ карда мегашт, куҷо шуд?

Бародари мӯзадӯз Дитта Ҳабиб дар сари кӯча дӯкони чӯбу тахтафурӯшӣ кушода буд. Ҳабиб бо чӯбҳои хушк сару кор дошта бошад ҳам, замири ӯ ниҳоят шодоб буд. Вай ҳазорҳо байт аз ашъори шоирони панҷобиро аз ёд медонист, ҳамеша ба чашмонаш сурма кашида мӯйсарашро ба тарзи аврупоӣ тарошида мегашт. Ин бошад ба ашхоси кӯҳансол ҳеҷ маъқул намеомад. Ҳабиб бо тарбияи ҷисмонӣ низ шуғл варзида ҷавони зеботарини маҳалла маҳсуб мегашт. Вай духтараки ҳиндуро, ки дар худи ҳамин маҳалла истиқомат мекард, дӯст медошт, вале ба висоли маҳбубааш расида натавонист.

Моҳина духтари Ройбаҳодур Гендорам буд. Ҳавлии онҳо дар тангкӯчаи мо ҳавлии аз ҳама боҳашам ва ка-

лонтарин буда, дарвозаи дуқабатаи оҳанӣ дошту рӯ ба рӯи дӯкони Ҳабиб қомат ороста. Ин бошад ба дилбохта имконият медод, ки ақаллан дар вақти ба коллеҷ рафта омадани Моҳина ҳусну ҷамоли ӯро бе ҳеҷ монеъа тамошо кунад.

Моҳинаро ниҳоят соҳибҷамол гуфтан ҳам мумкин набуд. Шахсан ба назари ман, вай як духтараки хонадони мӯътабар буда, табиатан шӯх, зиндадил ва ниҳоят мағрур менамуд... Албатта эътироф накарда наметавонам – ӯ ниҳоят моҳирона мерақсид. Рақси ӯ зоҳиран ба рақси катҳак[1] монанд, вале аз он ҳам ҷозибаноку мафтункунанда буд. Ҳар вақт, ки Моҳина дар болои бомашон рақс мекард, Ҳабиб ба боми хонаи мо баромада тамошо мекард ва оҳи сарде кашида шеърҳое мехонд, ки кас аз шунидани онҳо вуҷуди ошиқи бечораро дар рӯи оташ ё оғуштаи хун тасаввур менамуд. Ба назари кас чунин мерасид, ки гӯё аз ин шеърҳо дуди чизи сӯхтаистодае ба фалак мепечад ё бӯи гӯшти дар оташ афтода ба машом мерасад.

Дар ҳаёти минбаъдаи худ ба ман дар бисёр мушоираҳо ширкат варзидан насиб гардида бошад ҳам, дар ҳеҷ кадом шахсеро дучор карда натавонистаам, ки ба дараҷаи Ҳабиб муассирона шеър хонда тавонад.

Баъзан як нигоҳи Моҳинаи мағрур, ки лутфан ба ҷониби Ҳабиб равона карда мешуд, ба ҷавони бечора барои якчанд рӯз кайфияти хушбахтӣ тӯҳфа мекард. Рӯзе ки ба тамошои рақси Моҳина мушарраф мегардид, аз шодиву қаноатмандӣ ӯ худро тамоман гум карда мемонд.

Хешовандони Ҳабиб ӯро сарзанишу мазаммат мекарданд ва бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки оташи қалби ҷавонро фурӯ нишонанд. Вале ба вай ҳеҷ чиз таъсир карда наметавонист. Дар охир аҳли хонаводаи Ҳабиб қарор доданд, ки ӯро хонадор кунанд.

---

[1] Катҳак – як навъи рақси классикии Ҳиндустони Шимолист.

Он рӯз ба хотири ман хеле хуб нақш бастааст. Маросими мутантани тӯй дар авҷ буд. Дастаи навозандагон бо ҷидду ҷаҳд оҳангҳои дилнишин менавохтанд, занони маҳалла, либосҳои нав дар бар, худро бо зару зевар оро дода, аз шодӣ лабрез, хандаву шӯхикунон пасу пеш мегаштанд. Он рӯз ба назарам завҷаи Диттаончунон зебо менамуд ки ...! Занҳо ба домод фотиҳа доданд ва ӯ шаддаи гулҳои тару тоза дар гардан қадам ба кӯча гузошт.

Вақте ки вай назди дӯкони худ, рӯ ба рӯи ҳавлии дарвозааш оҳанини Ройбаҳодур расид, чашмонашро оҳиста боло бардошт ва дид, ки Моҳина дар лаби тиреза хомӯш истодааст. Ҳабиб сари худро аз нав поён андохта баробари мардум қадам зада рафтан гирифт. Вале ду қадам ҳам дур нарафта буд, ки ногоҳ садои аз тиреза афтодани чизе ба гӯшаш расид. Ба ақиби худ нигоҳ карда дид, ки дар фарши роҳ Моҳина оғӯштаи хуну хок хобидааст. Дар як он кӯчаро ҳаёҳу ва садои гиряву фиғон фаро гирифт. Чӣ ҳодисаи мудҳише буд, чӣ кори ношоистае шуд? Охир аз ин ҳам зиёда бадномиву шармандагӣ мешавад магар? Моҳина барои ким-кадом мӯзадӯзе худкушӣ кардааст! Чӣ ҳаракати хато ва аҳмақона, хилофи ҳама гуна расму оин! Аслан байни онҳо ҳеҷ умумияте ҳам дида намешуд. Масалан, Ҳабиб шахси тамоман бесавод... Пас ин чӣ муҳаббатест, ки Моҳина то имрӯз ба дилдодаи худ изҳор накард? Чӣ феъли аҳмақонае доштааст ин духтар!

Ӯ рӯи фарши сангини кӯча ҷон меканд. Ҳабиб бошад, дасташро аз зери гардани духтарак гузаронида, сари ӯро дар оғӯш медошт.

Баъди як лаҳза хешу табори Ҳабиб ва бузургони ҳиндуву мусулмони маҳалла (худо рӯҳи онҳоро ба ҷаннат фиристад ва ба ғайр аз ҷаннат ҷои дигарро интихоб накунанд!) Моҳина ва Ҳабибро аз ҳам ҷудо карданд.

Гулхани мадфани Моҳинаро аз ҳезумҳои Ҳабиб афрӯхтанд.Ҷавон тӯи арӯсиро рад кард ва дигар хона-

дор нашуд. Рӯз аз рӯз чӯб барин хушк мегардиду ақлаш ҳам он қадар дар ҷояш набуд. Вай баъди ин воқеа болои тахтаи луч мехобидагӣ шуд, фақат бо чанд касе мусоҳиб мешуду бас.

Дар қатори дӯкони Ҳабиб Чандуи панфурӯш ва Ғуломқодири рангрез дӯкон доштанд, ки ҳар ду ин дӯконҳо дар кунҷи роҳ воқеъ гардида буданд.

Панҳои Чандуро ҳанӯз дар ёд дорам. Чӣ панҳои бомазае буданд! Намедонистед, ки дар даҳон пан доред ё асал. Ҳоло дар Панҷоб қоидаи панхоӣ дигар шудааст. Мардум чой менӯшанду баъд, барои даҳонашонро талх кардан, ба панхоӣ шурӯъ менамоянд. Аз ин гуна панхоӣ қурсҳои хининро ба даҳон партофта нишастан беҳтар нест магар? Он вақтҳо Чанду ба як анна шаш дона пан медод ва онро ба ду тақсим намуда ба қабаташ ордаи шакар мепечониду бо овози баланд «чашида бинед» мегуфт. Вай ҳамеша ба ҷои «чашида бинед» «часида бинед» мегуфт ва кас аз шунидани ин ибора ҳис ҳам намекард, ки калимаи наве дар луғат илова шудааст. Гумон мекардед, ки маҳз талаффузи дурусти ин калима «часидан аст, на «чашидан».

Ғуломқодири рангрезро ман чандон хуб намедонистам. Чунон ки ҳоло бисёр касон дар тангкӯчаҳои Лоҳур қадам заданро барои худ номуносиб меҳисобанд, ман ҳам бо ӯ ҳамсӯҳбати наздик шуданро ба худ раво надидам.

Виқор мудориҷи гуногун дорад. Вале таҷрибаи бои зиндагӣ шаҳодат медиҳад, ки вай чизи чандон хуб нест. Дар паси пардаи виқор бисёр ҳирсу рағбатҳои паст ва машварати намоиши ҳашамату ҷилои зоҳирӣ пинҳон мебошанд.

Инак, бо фикру андешаҳои номаълум Ғуломқодири рангрезро ба хотир ҳам намеовардам. Вай бошад, вақти вохӯрӣ, бо ман саломалейк мекард (фаҳмидааст, ки ман шахси босаводам).

Ғуломқодир шавқи саводнок шудан надошт, вай ҳатто ҳарфи алифборо намешинохт. Вале дар санъати

рангрезӣ устоди баркамол буд. Тамоми хонумҳои маҳалла либоси худро ба ӯ ранг мекунониданд. Занони кӯчаи мо низ ҳама ба дӯкони вай рафту омад доштанд.

Аз нигоҳи Ғуломқодир малоҳати фавқулодда падидор мешуд. Ӯ ҷавони гандумрангу зебо ва бовиқор буд, вале ба занон ғайр аз «хоҳар» ё «модар» дигар хел муроҷиат намекард. Ба фикрам, ҳатто дар дилаш ҳам барои дигар хел муроҷиат кардан ҷой надошт. Ҳамеша қалби ӯ аз масъулият ва тақаддуси аҷибе лабрез менамуд. Лекин чизеро, ки барои такомули достони ҳаёти ӯ намерасид, бо дигар паҳлӯи фаъолияти вай иваз кардан мумкин буд. Гап дар он, ки Ғуломқодир ганҷинаи зиндаи қиссаву ҳикоёт буд. Ҳикояҳои Ғуломқодир на афсонаҳои бачагона ё қиссаи деву париҳо, балки нақли шавқовари лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти мавҷуда буданд, ки онҳоро маҳз худи ӯ эҷод намуда ба диққати дӯстони наздикаш пешкаш менамуд.

Як вақт ниҳоят кампул будам, аммо либоси коллеҷиамро ҳатман ранг кардан зарур омад. Чӣ карданамро надонистаму ночор ба дӯкони Ғуломқодир рафтам. Ғуломқодир пиҷакамро бемузд ранг карда дод ва шарт кард, ки ҳикояи ӯро бишнавам ва агар маъқул гардад, онро ба ягон ширкати филмбардорӣ тавсия намоям.

Он вақт донишҷӯи курси якум будам ва ҳанӯз намедонистам, ки филмро дар асоси чӣ ва дар куҷо ба навор мегиранд, лекин барои ранг додани пиҷаки худ маҷбур будам ба чунин савдо розӣ шавам. Инак, баъди ранг кардани пиҷак нишаста расо се соат ҳикояи Ғуломқодирро шунидам.

Чӣ ҳикояи дилгиркунандае буд он! Аз асарҳое, ки ҳоло баъзе нависандагон барои кино эҷод менамоянд, фарқ намекард. Ғуломқодир ҳикояи худро бо маҳорати хоси ноқилон нақл мекард. Вақти нақл кардан чашмони калон-калони вай баъзан бо ифодаи ҳасрат ё ваҷд, баъзеи дигар бо ифодаи ғазаб ва интиқом медурахши-

данд. Ӯ муштони худро баланд бардошта, гӯё ба табли ҷанг мезада бошад, пасу пеш ҳаракат мекунонд.

Ҳикояи ӯ ба ман маъқул нагардид. Ба табъи ман барин ҷавони оқилу маълумотнок ва мағрур писанд омадани ҳикояи як рангрези паст мумкин ҳам набуд. Чунончи, ба Ғуломқодир гуфтам, ки ҳикояаш тамоман ҷолиб нест ва ҳеҷ як молики ширкати филмбардорӣ ба вай мароқ зоҳир нахоҳад кард.

Ғуломқодир як оҳ кашиду хомӯш гашт. Вай ба ман эътироз ҳам накард, музди хизматашро ҳам наталабид, фақат оҳи сарде кашиду хомӯш монд. Чашмони ӯ дар як ҳолати беҳаракат сӯи деги рангрезие, ки дар вай сарандози ким-кадом хонум ғарқи ранги нилгун буд, дӯхта шуданд.

Баъди чанд моҳ дӯкони Ғуломқодирро банд ёфтам. Шунидам, ки ба Бомбай рафтааст у барои ширкатҳои гуногуни филмбардорӣ ситсенарияҳо навишта ҳазорҳо рупия даромад ҳам кардааст.

Аз байн якчанд сол гузашт. Ман таҳсилро хатм намуда соҳиби унвони бакалаври улуми ҳуқуқшиносӣ гардидам. Рӯзе аз назди дӯкони Ғуломқодир мегузаштам. Дидам, ки дари он кушодаву худи Ғуломқодир назди дегҳои рангрезӣ машғули кор аст... Сокинони маҳалла барои дидани ӯ меомаданд.

– Чӣ тавр? – бо вай саломалейк карда пурсидам. – Қодир-чача, аз чӣ стсенариянависиро тарк карда омадед?

– Аз филмсозӣ рангрезӣ беҳтар аст, бобу, – ҷавоб дод вай ва табассумкунон болои зарфи рангрезӣ хам шуд. Табассуми ӯ ниҳоят фасеҳ буд.

Дар сари тангкӯча, ки ба хиёбон мепайваст, дӯкони дуредгар Баччан Сингҳ воқеъ гардида буд. Вай ҳар рӯз шароб нӯшида завҷаашро кӯбад ҳам, мебели аълодараҷа месохт. Мардум ба ӯ бо назари хуб нигоҳ намекарданд. Вале аз сабаби он ки Баччан Сингҳ мебелҳои худро ниҳоят зебо сохта арзон мефурӯхт, маҷбур мешуданд, маҳз моли ӯро харидорӣ кунанд.

Андак пеш рафта дӯкони китобҳоро дучор меомадед, ки соҳиби он Суннат Сингҳ буд. Назди вай як ҷаҳон фоида дода китоб харидан равед ҳам, мебоист кафши худро кашида баъд вориди дӯкон мегардидед. Дар дӯкони ӯ рӯи коғазҳои сиёҳтоб садҳо ҷилд китоб таҳ шуда меистод, ки аз он бӯи хуши бамбук ба машом мерасид. Ин китобҳо афкореро, ки ба як қисми таърих мубаддал гардидаанд ва ғояҳоеро, ки имрӯз ҳам мисли шарофат гоҳ-гоҳ ба дили кас ҷушу хурӯш меандозанд, дар худ маҳфуз доранд. Мудири мӯйсафед паси қуттии дар девори дӯкон часпида нишаставу бо диққат пои ҳар як мизоҷро аз назар мегузаронд. Ваҷоҳати ӯро дида, гумон мекардед, ки гӯё мудир пойҳоро не, балки донаҳои тасбеҳро мешуморида бошад.

Дӯкони Даҳнунтрӣ болотар аз дӯкони Суннат Сингҳ воқеъ гардида буд, Даҳнунтрӣ худ ҳаким бошад ҳам, бо тайёр кардани доруҳои милтиқ, гранатаҳои дастӣ ва эрод кардани нутқҳои инқилобӣ машғул буд.

Боре дар назди дӯкони ин ҷовони ҷасур сипоҳиёни заиф ва маҷбури А.С.Д,[1] ҷамъ омаданд. Онҳо одатан ашхоси ба назарашон хавфнок намударо ба рӯйхат гирифта, дар мавқеи муносиб дастгир карда мерафтанд.

Дар ҳудуди тангкӯчаи худ бошад ҳам, торафт суст гардидани эътибори ҳокимияти инглисро мушоҳида мекардем. Ва ҳол он ки берун аз ин тангкӯча, аҳли хонаводаҳои шариф дар манзили инглисҳо хӯрок хӯрданро мояи сад ифтихор мешумориданд.

Кӣ тасдиқ карда метавонад, ки он тангкӯчаи аз ин таманноҳо саршор имрӯз холист? Ба фикри ман имрӯз ҳам Ҳабиб рӯи чорпояи худ нишаста чашм аз фарше, ки муҳаббати ӯ дар он ҷо мадфун гардида буд, намеканад. Фарзандони Дитта ба камол мерасанд ва озодии мамлакатро дар бозувони мустаҳками худ хоҳанд дид. Ғуломқодири рангрез дар сари деги рангрезии худ истода либоси мардумро мувофиқи табъ ранг мекунад ва

[1] А.С.Д. – баталёни мошинҳои зиреҳпӯш.

ҳикояҳоеро, ки барои филмбардорон эҷод карданӣ буд, фақат дар хобаш мебинад. Ба хонаҳои кӯҳна одамони нав меоянду мардум истиқоматгоҳҳои нав бунёд менамоянд, вале он танкӯчаро низ фаромӯш нахоҳанд кард.

Осмони ин тангкӯча тангу кулбаҳояш торик бошанд ҳам, пур аз орзуву умедҳои равшананд. Вай кӯчаи шаҳидонест, ки он ҷо инсон ба хотири муҳаббат нисбат ба ватан ва шарафи ӯ хун рехтааст. Кӯчаест, ки дар он мардумони машғули кору бори майда дар дили худ орзуву умедҳои бузург мепарваранд.

Ин тангкӯчаи чиркину серодам, равшан, заиф ва дар айни ҳол баҳодур, тангкӯчаи тааффун ва дар айни ҳол муаттар, бесаводу пур аз китобҳои гуногун – ин тангкӯча дар дили ман ҳамеша обод мондааст. Ҳар вақт ки боварии хешро нисбат ба инсоният андак ноустувор ҳис мекунам, хоки ҳамин тангкӯчаро гирифта ба чашмонам мемоламу махсус менамоям, ки аз нав зинда мегардам. Аз ҳамин ҷо, ба фикри ман, ҳар турфа одаме ки ҳаст, дар ҳамин тангкӯча зиндагӣ мекунад ва ҳар турфа осебе ки ҳаст, берун аз он тангкӯча мемонад.

## МУНДАРИҶА

*Пешгуфтор* ..................................................... *3*
*Падма ВИБҲУШАН*
Гулбуттаи сари роҳ ..................................................... 7

*Ҷайшанкар ПРАСАД*
Маъбади мусавварот ..................................................... 14

*Ранҷит ДЕСАЙ*
Оне, ки аз мармари сафед мӯъҷиза офаридааст .. 21

*ПЕРЕМЧАНД*
Баҳои шир ..................................................... 32
Санҷиш ..................................................... 45
Зан сардори оила ..................................................... 51

*Робиндранат ТАКУР*
Моҳамайя ..................................................... 67

*Исмат ЧАҒАТОӢ*
Баташия ..................................................... 77

*Амрита ПРИТАМ*
Бахтиёр ..................................................... 86

*Кришан ЧАНДАР*
Шоми Сринагор ..................................................... 93
Адолати Викрамадития ..................................................... 112
Шаҳзодаи Юсуфталъат ..................................................... 122
Сарбоз ..................................................... 142
Тангкӯчаҳои Лоҳур ..................................................... 157

**АРМУҒОНИ ҲИНД**

*( Маҷмӯаи ҳикояҳои нависандагони Ҳинд)*

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ **М. Саидова**
Ҳуруфчинон **Р. Атоева ва Р. Муҳаммадиева**
Мусаҳҳеҳ **З. Неъматова**

Ба матбаа 7.10.2008 супорида шуд. Ба чопаш 14.10.2008 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84х108 1/32. Ҷузъи чопии шартӣ 5,25. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 51

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а